**ШОДӢ СОЛЕҲ**

# ИТАРИ БАДАМ НЕ-ДА!..

*(Саҳначаҳои ҳаҷвӣ)*



Душанбе
«Адиб»
2010

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ББК 84 Тоҷик 7-4
С-35

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

С-35 **Шодӣ Солеҳ. Итари бадам не-да!..** (Саҳначаҳои ҳаҷвӣ).
– Душанбе, «Адиб», 2010, 96 саҳ.

Хонандагони арҷманд хеле аз ин саҳначаҳоро ба роҳи телевизион борҳо дида, хеле завқидаанд. Дар китоб иловаҳои тоза низ хелеанд, умедворем аз ошноӣ бо ин суханҳои хеле намакин хеле хонандагон хеле лаззат мебаранд ва завқи лутфи андешаи худро хеле боло мебаранд. Ба хотири ширинии лутфи забони халқӣ хеле лаҳҷаҳо хеле роҳ дода шуд. Хеле...

ISBN 978-99947-64-80-8

© Шодӣ Солеҳ, 2010

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# МЕҲМОН

Зан: *(Дар дасташ шишаи пепсии холӣ)* Ду кило гӯшт, як рӯз басӣ накард! Кай меравад?

Мард: Меравад, меравад занак.

Зан: Кай? Кай меравад? Тоба, суманаки наврӯзӣ дилаша мешӯрондааст!

Мард: Дод нагӯй, мешунавад.

Зан: Шунидан гирад! Меҳмонӣ ҳам як ё ду ҳафта будагист, мардак? *(Аз тирезаи меҳмонхона шишаи пепсии холӣ, пеши мойи зан меафтад)* Воҳ Инашам холӣ кард!

Мард: *(Мулоимона)* Меҳмон атои Худост, занак. Ризқи худаша мехӯрад.

Зан: Чӣ? Ризқи худаша мехӯрад? Чашми рӯз накафида, се шишаи пепсия холӣ кард! Бо яке кафида намурад?

Мард: Бас кун, занак, мешунавад.

Зан: Гӯру чӯбаша фикр намекунед, мардак? *(Аз тиреза пӯчоқҳои афлесуну мандарин парида меоянд)* Воҳ! Рӯм сиёҳ, табақи мандарина холӣ кард. *(Пӯчоқҳоро ҳисоб мекунад)* Як, ду, се, чор, панҷ, шаш, ҳаф, ҳашт, нӯҳ.., апелисину... як, ду...

Мард: *(Даҳони занашро дошта)* Бас кун! О, ту табақи апелсина пеши меҳмон барои хӯрдан мемонӣ ё барои тамошо?

Зан: Барои хӯрдан, мардак. Барои хӯрдану ин хел хӯрдан не-да! *(Пӯчоқҳоро нишон дода)* Ин қадар апелсина гов хӯрад, мемурад!

Мард: Хасисӣ накун, занак! Вай ҳам бечора дасти холӣ наомад-ку? Чормағз овард, тутпусс овард, ана боз...

Зан: Ку?

Мард: Чӣ ку?

Зан: Савғотиҳояш ку? Ҳамаша худаш хӯрд! Аз туташ пусс монду халос! Кай меравад?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мард: Ҳаво нест, намебинӣ?

Зан: Роҳи мошингард надорад?

Мард: Оҳиста! Роҳи мошингардашонро тарма зер карда-аст. *(Боз пӯчоқи апелсин пеши пояшон меафтад).*

Зан: Ҳа захрат шавад! Ҳамин пагоҳӣ, ду коса ширчойа бо ним кило маска фассас зад!

Мард: Э занаки зихна! Дар қишлоқ, инҳо барои ман гӯсфанд мекушанд!

Зан: Медонам, барои шумо мекушанду баъд худашон мехӯранд. Шумо мардакҷон, бо ягон баҳона ин ҳамқишлоқиатонро гусел кунад, ки пагоҳ-фардо, ҳамаамонро мехӯрад!

Мард: Э занак, ту калла дорӣ? Худаш наравад, чӣ хел гусел кунам?

Зан: Мо имрӯз мекӯчем, – гӯед. Наврӯза мегузаронему мекӯчем.

Мард: Мекӯчем?

Зан: Ҳа, дигар илоҷ нест, ҳамин хел гӯед, мардакҷон, Самарқанд мекӯчем!

Мард: Ман Самарқанда надидаму шумо қатӣ рафта та-мошо мекунам – гӯяд-чӣ?

Зан: *(Асабӣ)* Ҳа-е, ин ҳамқишлоқии шумо меравад! Э вай қишлоқи шумо чӣ хел қишлоқ, мардак?

Мард: Ором шав, занак. Ана, офтоб буромад, яке мебинӣ, ки меравад...

Зан: Офтоб-ку буромад, лекин буромадани меҳмона намебинам. О, равед, меҳмона бурород. Офтоб буромад-гӯед?

Мард: Нағз намешавад, занак. Рав, дега мон. Мо кофе дорем?

Зан: Ии-е, ман тут мегӯям ин мардак бед.

Меҳмон: *(Мебарояд)* Зайдулло! Охи, янгам, ки тут гуфт, ту ҳам тут бугу.

Зан: *(Табассуми сохтае кард)* Зиқ нашудед, меҳмонҷон?

Меҳмон: На да чулуму на да биёбун. Чӣ зиқ мешам, янга? Ҳаму гуштбирёни шавангӣ, камакак сахт буд, янга.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*



Зан: Наход?

Меҳмон: Ҳов, гови пир будай. Гӯшти гӯспанд надоре?

Мард: И бозори мода гӯшти гӯспанд намефурӯшанд, ака.

Меҳмон: У бозори бологида чӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зан: Ман рафта дегама монам. *(Зуд меравад)*

Меҳмон: Занут аврати хуб будай, сағира. Раҳмат куна падарша, занаки ба ову иззат будай. Об-бо-е, и ҳаво бо авр кард, меборида боша?

Мард: Пеш офтобай-ку?

Меҳмон: Хока, софай. Мебора.

Мард: Биё шарт, намебора.

Меҳмон: На шарт мекунум, на парт. Хай, борид, мулки худуш, боридан бигира.

Мард: Раҳи қишлоқа меган, тарма ҷуқидай. Дарак дорӣ?

Меҳмон: Дарак дорум.

Мард: Намерай?

Меҳмон: Тарма ов шава, тоҷики нав биёя, бензину саларкара мегируму мерам.

Мард: Ма ай гулакот хавотирум, ака.

Меҳмон: Хавотир наша, бачам. Тарма ов шава, мерам миёрумшон. Янгатам биёрум?

Мард: Ҳами янгам ҳиҷ да ёди ма нестай, ака..?

Меҳмон: Чӣ хел да ёдут нестай? Духтари амаки холаи Авсаторай. То авқот шидана, ма брам сарма монум. Сарум дар дора, хокшида...

Зан: *(Кафгир дар даст, саросема мебарояд)* Рафт?

Мард: Рафт, то авқот шудана, ховравӣ.

Зан: Ховравӣ?

Мард: Тарма об шавад...

Зан: Воҳ! Баъд меравад?

Мард: Ҳа, рафта занаша бачаҳош қатӣ мебиёрад.

Зан: Мебиёраду дертар! Ҷанг, мардак!

Мард: Ҷанг?

Зан: Ҷанг эълон мекунем! *(Зуд ба хона даромада меравад)*

Мард: *(Аз паси ӯ)* Занак! *(Ҳайрон)* Барои калтак рафт? Ин занак мана шарманда накунад?

Зан: *(Дар даст ду-се хлапушка, мебарояд)* Ана, мардак, ин хлапушкаҳоро аз дасти Хуршедҷон гирифта руст карда будам. Ман инҳоро дар ошхона дар гиронда, ба ҳавлӣ мепартоям.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мард: Баъд чӣ?

Зан: Меҳмон ҳайрону ҳаросон, талхакаф шуда ба ҳавлӣ мебарояд.

Мард: Баъд чӣ?

Зан: Шумо мегӯед, ки: Ҷанг сар шуд!

Мард: Фаҳмон, агар меҳмон пурсад, ки: чӣ гап шуд? Ман мегӯям, ки: Ҷанг сар шуд!

Зан: Офарин, мардак. Меҳмон тир барин, парида меравад. Ман ба ошхонаву шумо ба кӯча буроед, мардак. *(Меравад)*

Мард: Итоат, рафиқ генерал! *(Зуд меравад)*

*(Пас аз андаке таваққуф, дар саҳнаи холӣ, се хлапушка метаркад)*

Мард: *(Саросема вориди саҳна мешавад)* Занак! Занак! Ҷанг сар шуд! Ҷанг сар шуд! Занак!

Зан: Вой хонем сӯхт! Хонасӯхтаҳо боз сар карданд?! Вой дод! Вой дод!

Меҳмон: *(Хоболуд)* Чӣ гапай, Зайдулло? Замин ҷунбид?

Зан: Ҷанг сар шуд, меҳмонҷон! Хонасӯхтаҳо боз сар карданд. Парон-парона нашунидед?

Мард: Дасту пома ларза гирифт-е. Чӣ кор мекунем, занак?

Меҳмон: Ай пақ-пақи тапонча дасту пота ларза гирифт, Зайдулло? Да қишлоқой мо бомбаву пушка мепарондан, мо парво надоштем... Авқот пухт, янга?

## ДЕМОКРАТИЯ

Мард: *(Хурсанд)* Занакҷон! Озодӣ муборак, мустақил шудем!

Зан: Хай, ба чо кадай?

Мард: Карӣ? Мустақил шудем, – мегӯям!

Зан: Хай, ба чо кадай?

Мард: Э вой-е, озод шудем! Мустақил шудем. Фаҳмидӣ?

Зан: Хай, ба чо кадай?

Мард: Аз хоби гарон хестем! Худамон шоҳу табъамон вазир!

Зан: Хай, ба чо кадай?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мард: Чо кадай, чо кадай... Э занаки бесавод, демократия ғалаба кард, фаҳмидӣ? Мову ту акнун, сокинони ҷумҳурии соҳибихтиёри Тоҷикистонем!

Зан: Хай, ба чо кадай?

Мард: Плану ӯҳдадорӣ, мурд! Советии сотсиалистӣ ба ҷаҳаннам далой шуд! Пахта аз худамон! Хоҳем мечинем, нахоҳем, намечинем. Тиллову нуқра, мағзу мавиз, асалу пилла, меваву сабзавот насиби худамон шуд! Демократия!

Зан: Хай, ба чо кадай?

Мард: Занакҷон! Ғуломӣ адо! СССР тамом! Фаҳмидӣ?

Зан: Хай, ба чо кадай?

Мард: Э занаки кӯрсавод! Намозу рӯзаи бо тарсу ларз тамом! Метавонӣ тамоми сол, рӯза гирӣ! Касе ба ту кор надорад. Панҷ вақт намозатро метавонӣ, панҷоҳ вақт хонӣ! Аз ҳамин рӯз сар карда: раисӣ, прокурорӣ, депутатӣ ё вазир, оромона мурдан гир! Озод ҷаноза мекунанд!

Зан: Хай, ба чо кадай?

Мард: Бесавод будӣ, бесавод мондӣ, занак! Демократияро намефаҳмӣ! Гӯш кун, мулоим карда мефаҳмонам: Дар даврахои рукуд Москва дойра мезаду мо рақс мекардем. Ҳозир ман доира мезанам, ту рақс мекунӣ, ту доира мезанӣ, ман рақс мекунам! Фаҳмидӣ?

Зан: Ба гиҷо брем, дойраковӣ?

Мард: Э, не, занаки ҳафтафаҳм! Ман гуфтанӣ, ки аз ин рӯ, ҳама буду нобудамонро худамон ҳал мекунем. бе амру фармони Маскав! Заводи қанд, пепсиву мепсӣ месозем. Мустақил шудем-ку?

Зан: Хай, ба чо кадай?

Мард: Чо кадай? Мустақил шудем! Чо кадай! Аъзои Созмони Милали Муттаҳид шудем! Чо кадай? Тамоми дунё моро шинохт! Чо кадай!

Зан: Хай, ба чо кадай?

Мард: Ту чӣ, масхара мекунӣ, занак? Демократияву мустақилӣ, ин чокадай нест! Чашмата кушо, қартая чапа кун! Демократия!

Зан: *(Гиря мекунад)* Да хуна на гӯштай, на рӯғанай..! Чо кунум демократата!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мард: Бас! Занаки бесавод! Мустақил шудему ин занак, ҳоло ҳам на гӯштай, на рӯғанай – гуфта фиқ-фиқ дорад.

Зан: Рост мегум, охӣ, демократи тура да шӯрбо партофта нашава..! Гулако мазайи гӯшта...

Мард: Зунуката гир, занак! Нав мустақил шудем-е! Мон қоматамона рост кунем? Озодиву мустиқилиро аз гӯшту рӯған сар накун? Аз тарси Москвая дар каду азон мегуфтем! Читу сатина худамон мебофтему рафта аз Москва мехаридем!

Зан: Хай, ба чо кадай? Арзон мехаридем-е. Демократия шиду...

Мард: Чӣ пақ-пақ дорӣ, занак? Дар каллаи ту фақат читу сатин! Мустақил шудем – шуд! Читу сатин чӣ даркор?

Зан: Мада даркорай, мардак. Ту мустақилиятата дар тайи пот партову озодира да тайи сарут мону демократа бор куву хов бра. Ба маву гулакома читу сатинам даркорай.

Мард: Савод надорӣ! Агар савод медоштӣ, ин озодиву демократияро мефаҳмидӣ, читу пит намегуфтӣ!

Зан: Чӣ, читу сатин бепул мешава?

Мард: Мошин мехарем! Ё Мерседес мехарем ё Таёта! Ана баъд, ман дар пешу ту дар қафо...

Зан: Гулако чӣ?

Мард: Гулако? Гулакоя намебарем, мошина ифлос мекунанд. Варзоб ҷойи гулако нест!

Зан: Ита боша, гӯшту рӯғана биёру худут бура.

Мард: Чӣ, ту намеравӣ?

Зан: Не, намерам.

Мард: Офарин! Ана ҳамина демократия мегӯянд. Хоҳӣ меравӣ, нахоҳӣ, намеравӣ. Ҳеҷ кас, ҳаққу ҳуқуқи туро ба Варзоб бурдан надорад. Саёҳати маҷбурӣ демократия нест!

Зан: Гӯшту рӯған кай мешава?

Мард: Дод назан, занак! Дар давраи гузариш ба демократия, дод намезананд.

Зан: *(Асабӣ)* Худо бигира демократата! Гулаком замистони дароз пойи личу сари лич мактаб рафтан! Демократут ҳамихелай?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мард: Хай, ба чо кадай?

Зан: Чо кадай?

Мард: Э, занак, чанд бор фаҳмонам!? Сари лучу пойи луч нагардӣ, вай чӣ хел демократия мешавад?

Зан: Воҳ! Демократияш ҳамитарияй..?

Мард: Ҳовва! Ман рафтам.

Зан: Шав шидай-е, гиҷо мерай?

Мард: Занаки бемаърифат! Қонуну қоидаи демократияро вайрон накун! Дар давраи демократӣ: куҷо меравӣ? гуфта намепурсанд!

## ДУШМАН

*(Падару модар сари миз нишаста, наҳорӣ мехӯранд. Писарчаи панҷсолаи онҳо аз чизе норозӣ, аз ҷой хеста чойники базеби гулдорро болои сар мебардораду партофтанӣ мешавад)*

Зан: Вой, мепартояд!

Мард: Воҳима накун! Намепартояд! Бачаи ҳамсоя мебуд, мепартофт. Вай ганда. Чӣ гуфтӣ, Фирӯзҷон?

Зан: Маро бубахш, Фирӯзҷон...

Мард: Дигар такрор намешавад. Канӣ, ба ман те.

Зан: Агар чойникро партоӣ, ман туро ба кӯча баромадан намемонам.

Мард: Агар чойникро ба ҷояш монӣ, ман туро дигар ба боғча намебарам. Дар хона бозӣ карда мегардӣ. Канӣ чойникро ба ман те. *(Рафта гирифтанӣ мешавад)*

Зан: Наздик нашав, мепартояд!

Мард: Не-е, Фирӯзҷони мо бачаи нағз, чойникро ана ҳамин хел баланд мебардораду боз оҳиста ба ҷояш мемонад. Чӣ гуфтӣ? Не? Намемонӣ? Гӯш кун. Агар чойникро ба ҷояш монӣ, ман туро ба сирк мебарам.

Зан: Ҳа, дадош ҳамин ки аз сирк баромадед, ба вай яхмос харида диҳед.

Мард: Мехарам. Яхмос мехарам, қанди хурӯсак мехарам. Ана баъд, ба боғи ҳайвонҳо меравем. Хирсу маймунҳоро тамошо мекунем...

Зан: Вай чойники бобоят, Фирӯзҷон. Агар партоӣ, мешиканад. Сонӣ бобоят хафа мешавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мард: Рост, хафа мешавад. Ҳо, кӯса риши кӯса дорад-ку?

Зан: *(Ба шавҳараш)* Чӣ? Кӯса?

Мард: *(Аҳамият надода)* Ҳа, кӯса риши кӯса дорад-ку...

Зан: Ҳой мардак! Бобояш дадои ман асту ном дорад. Номаш Ҳалимбой!

Мард: Медонам, Ҳалимбойи кӯса. Бобои Фирӯзҷони мо. Канӣ, писарам, чойникро...

Зан: *(Ба шавҳараш)*. Ҳа, сари гаҳвораи Ҳалимбой хестед?

Мард: *(Ба занаш)*. Бас кун, боз чойникро напартояд?

Зан: Партояд! Вақте ки ба зону зада дасти духтарашро пурсидед, падарҷон буд! Харатон аз об гузашт, Ҳалимбой, акнун кӯса шуд!

Мард: Ранҷидӣ занак! Инро ман не, ҳама мегӯянд.

Зан: Бигузор ҳама гӯянд, лекин ту нагӯй! Он кас туро писарашон барин дӯст медоранд. Хонаатро обод карданд, кӯранамак!

Мард: Шуд. Хайр шуд, занак. Коҳи кӯҳнаро бод накун.

Зан: Чӣ, дадои ман коҳи кӯҳна?

Мард: Э, не занак. Ман дар фикри он ки чойник нашиканад. Дадоят одами нағз. Ман он касро ҳурмат мекунам, дӯст медорам...

Зан: *(Бо киноя)* Шуд. Раҳмат! Дар дунё ду душман дошта бошам, якеш домодам, – гуфтани дадом беҳуда набудааст!

Мард: Ба ростӣ? Ҳамин хел гуфт?

Зан: Ҳа, ҳамин хел гуфт! Мезанӣ? Рафта зан, полвон!

Мард: Ман чӣ душманӣ кардаам?

Зан: Ҳамлимбойи кӯса гуфтанат, душманӣ нест? Э, дилат хунук шуда бошад, талоқхатамро ба дастам теву чор тарафат қибла гӯй!

Мард: Занакҷон, ба падари ту ҳамин қадар душманӣ кардам, ки ҳафт сол пеш, барои тӯи писари калониаш се ҳазор сомонӣ қарз гирифта...

Зан: Гирифта бошад, медиҳад. Вай шукри Худо бардаму бақувват. Натарс!

Мард: Ҳоло писари калониаш соҳиби панҷ бачаву мошини ҷип шудаасту... Маро дар кӯча бинад, рӯяшро дигар тараф гардонда мегузарад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зан: Ана, дидӣ! Ту се ҳазор сомониро ҳафт сол боз фаромӯш намекунӣ!

Мард: Чӣ, ман зиндагӣ надорам? Ё пули зиёдатӣ, хонаи маро ифлос мекунад?! Э, бало ба паси ҳамин пулҳо, Фирӯзҷонам саломат бошад. *(Ба Фирӯз)* Дастат дард накунад? Мон чойникро бачаҷон!

Зан: *(Бо қаҳр)* Намемонад, чойники бобояш! Парто, шикан!

Мард: *(Ба замин)* Бобояш, дина омада мегӯяд, ки «ҳамин қолини хонаи калонатон, барои меҳмонхонаи мо ҷудо боб-дия».

Зан: Хайр, чӣ шудааст? Дар омади гап гуфтагистанд.

Мард: Ҳа, дар омади гап гуфтанду дар рафтанашон, печонда бурданд.

Зан: Чӣ? Печонда бурданд?!

Мард: Ҳа, печонда бурданд! Шумо наваша харед, гуфтанд.

Зан: Чӣ? Вай мӯйсафеди кӯса ақлашро хӯрдааст?! Хайр, ман набудам. Ту дида, ягон даҳон гап назадӣ?

Мард: Не. Пагоҳ омада, телевизори рангаро ҳам мебаранд. Барои меҳмонхона ҷудо боб будааст.

Зан: Ҳаминаш кам буд! Дар бисотамон аз моли дунё як қолини зебо доштему... *(Садои ҷирингос зада шикастани чойники хитоӣ баланд мешавад)*. Воҳ! Ана ҳамин чойники хитоиро... ки...

Мард: *(Ҳалимона)* Фирӯзҷон, рав аку ҷорӯба биёр! Дигар бачем на қолин дорему на чойники хитойӣ. Зудтар ҷорӯба биёр, бачем.

## ПИЁЛАИ ЁДГОРӢ

Зан: *(Чойники чойро оварда, болои миз мемонад)*. Ана тамом. Ба фикрам ҳама чизро овардам. *(Ба шавҳар)* Марҳамат, ба сари миз. Ҳалимҷон...

Шавҳар: *(Китоби дасташро як сӯ гузошта)*. Меҳмонҳо канӣ?

Зан: Кадом меҳмонҳо?

Шавҳар: Чӣ хел кадом меҳмонҳо? Солӣ навро танҳо пешвоз мегирем?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед



Зан: Чӣ, ту бо ман зиқ мешавӣ?

Шавҳар: Ҳаргиз. Чаро зиқ шавам? Ман хурсандиамонро дар назар дорам. Агар меҳмонҳо мебуданд, сӯҳбатамон шавқовар мегузашт.

Зан: Фаҳмо. Ту маро дӯст намедорӣ...

Шавҳар: *(Занашро оғӯш карда)*. Туро, танҳо туро дӯст медорам, ҷонакам. Ту яктову ягонаи хонаи манӣ. *(Занашро мебӯсад)*.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

| | |
|---|---|
| Зан: | Медонӣ, вақте ки ту аз дар мебароӣ, то омаданат ман ҷои нишаст намеёбам. Назди тиреза рафта, дуру дароз аз пасат нигоҳ мекунам... Нигоҳ мекунам... Давидану ба автобус савор шуданатро мебинаму... Худоё, кай бегоҳ мешуда бошад, – мегӯям. |
| Шавҳар: | Ҷонам, кор – кор аст. Ту маро нигоҳ карда нашин. Сари вақт хӯрокатро хӯр. |
| Зан: | Не. Нигоҳ карда мешинам. |
| Шавҳар: | Раваду маро ба сафари хизматӣ фиристанд, он вақт чӣ кор мекунӣ? |
| Зан: | Нарав. |
| Шавҳар: | Чӣ? Наравам? |
| Зан: | Ҳа, маро дӯст дорӣ, намеравӣ. |
| Шавҳар: | Чӣ хел? Занам намемонад, гӯям? |
| Зан: | Ҳа, ҳамин хел гӯй. |
| Шавҳар: | *(Андаке фикр карда)*. Хуб майлаш. Мегӯям, ки: занам намемонад, тамом, вассалом. *(Ба занаш)*. Ҷонакам, ту маро кайҳо ба сари миз таклиф карда будӣ. |
| Зан: | Марҳамат, ош шавад. |
| Шавҳар: | *(Ба болои миз нигариста)*. Э, самбӯса-ку? |
| Зан: | Алафӣ. Худам пухтам. |
| Шавҳар: | Сар кардем. *(Як самбӯсаро гирифта, ба даҳан мебарад)*. О-о, нағз. Бомаза. Ту бо ин ҳунарат мебоист дар ягон ҷо сарошпаз мешудӣ, азизам. |
| Зан: | Киноя? |
| Шавҳар: | Чаро киноя? Хӯрда бин. |
| Зан: | Не, ман сер. Туро дидаму сер шудам. |
| Шавҳар: | Наход? Ҳа, ба ёдам омад. Ту самбӯсаро дӯст намедорӣ. |
| Зан: | Ман туро дӯст медорам. |
| Шавҳар: | *(Кунҷковона)*. Боз чиро? |
| Зан: | Телевизортамошокунии туро. |
| Шавҳар: | Намефаҳмам. Ҳама барин тамошо мекунам. |
| Зан: | Не, ҳама барин не. Ту вақте тамошо мекунӣ, чашмонат медурахшанд. |
| Шавҳар: | Эҳтимол, агар ягон чизи аҷиб бошад. |
| Зан: | Не, ҳамеша чашмонат медурахшанд. Ана ҳамон нигоҳат аҷоиб аст. |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шавҳар: Шояд, шояд. Самбӯсаи аҷоиб, қандата зан, ҷонакам. *(Дигарашро мебардорад).*

Зан: Хӯр, ҷонакам, ош шавад.

Шавҳар: Ташаккур. Самбӯса-самбӯсаву лекин дар ин миён, чой ҳам зарар надорад. *(Дасташро дароз мекунад, ки ногоҳ пиёлаи назди чойник ба чойник бархӯрда мешиканад).*

Зан: *(Аз ҷой хеста).* Воҳ! Ту чӣ кор кардӣ?

Шавҳар: Бубахш ҷонакам, ман нохост...

Зан: *(Пиёларо гирифта)* Ту чӣ кор кардӣ?!

Шавҳар: Бовар кун, ҷонакам, худам ҳам нафаҳмидам, ки...

Зан: Дастакат шиканад. Ин ягона чизи аз холаам ёдгорӣ буд!!!

Шавҳар: Ҷонакам, ту гумон дорӣ, ки қасдан ин корро кардам.

Зан: Ана акнун, ман чӣ кор мекунам?! О, кӯр ки набошӣ, пиёлаи наппа-навро гирифта, ба чойник мезанӣ?! Ҳа, дастат шиканад-е!

Шавҳар: *(Аз ҷой хеста).* Хайр шуд, азизакам! Хезу даҳони тирезаро гир! Бин, ки ман чӣ хел ба автобус савор мешавам.

Зан: *(Ба худ омада).* Чӣ-ӣ? Ба куҷо?

Шавҳар: Ба сафари хизматӣ.

Зан: Чӣ хел... Чандвақта?

Шавҳар: Якумра! *(Меравад).*

Зан: *(Пиёлаи шикаста дар даст, аз паси ӯ нигоҳ мекунад).* Ҷо-на-кам... Ман соли навро бо кӣ пешвоз мегирам?..

## ҲАҚОРАТИ ҚАБЕҲ

Ҷавон: Куҷо рафтӣ, амакӣ? Шеф нестай.

Меҳмон: *(Баргашта)* Кай миёя?

Ҷавон: Мада намега, амакӣ. Паркета ҷазир кардӣ-е! Ҳаму красофкиёта берунда тоза кунӣ намешава?

Меҳмон: И музаҳай, додар! Музай деҳқонӣ!

Ҷавон: И паркетай, амакӣ! Паркети хориҷӣ! Шеф нестай.

Меҳмон: Куҷо рафтай?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



Ҷавон: Канарские Острова.
Меҳмон: Тоҷики гап зан, додар ?
Ҷавон: Ҷазираҳои Канар.
Меҳмон: *(Таваққуф)* Пули пахтаи мора ову лой карду ҳуй хӯрд бугу ..?
Ҷавон: Ҳуй нахӯрдай, дамгирӣ рафт.
Меҳмон: Да иҷа дам гирифта намешава?
Ҷавон: Шефи ма тоҷики навай, амакӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Меҳмон: Шумо дига фикр намекунен, ки и Тоҷикистон, тоҷики куҳна ҳам дора? Ай ҳисоби тоҷикой куҳна худтона нав мекунену... *(ба берун нигоҳ карда).* И ланкрузу максима ай худтонай?

Ч,авон: Ай офис, амакӣ.

Меҳмон: Офисшам тоҷики навай?

Ҷавон: Нерво-да бозӣ наку, амакӣ. Ту худут кӣ, чӣ мехоҳӣ?

Меҳмон: Ма тоҷики куҳна! Саларка, бензин мехоҳум! Пули пахтама, мачавин, силитр мехоҳум! Фаҳмидӣ?

Ҷавон: Фаҳмидум, баъди ид биё, шеф нестай. Меҳмон *(кинояи карда)* Шеф нестай..! Шумо тоҷикойи куҳнабашараи навбуромад, ида да Ҷазираҳои Канар бгзаронену мо бугардем кашталомон чок!?

Ҷавон: Амакӣ! Иҷа шаҳрай! Ту да болой паркети сурхи хориҷӣ, гапой қабеҳ назан! Фаҳмидӣ?

Меҳмон: Чи гуфтем, додар?

Ҷавон: Каштали чок ҳақорати қабеҳ нестай?

Меҳмон: Не! Тоҷики куҳна, мурда-мурда пахтара мечинаву да пулмани тоҷики нав бор мекунаву тоҷики нав, мерава Ҷазираҳои Канар! Ана аку, тоҷики куҳна чӣ кор мекуна, додар?

Ҷавон: Ма ай киҷо медонум, ки тоҷики куҳна чӣ ко мекуна, амакӣ.

Меҳмон: Ма медонум! Тоҷики куҳна, медава идора ба идораву офис ба офис, тафу думуш кандагиву кашталош чок! Куҷойи ҳами гап, ҳақорати қабеҳай!?

## БУРЁКӮБОН Ё БАРГАКИ САБЗ

*(Хонаи нави замонавӣ. Мард рӯйхат дар дасташ менависаду хат мезанад)*

Мард: *(Баъд аз хат задан)* Номат гум шавад! Додараш дар идораи андозу ягон фоидаашро надидам. Зарари холӣ! О! Ёфтам! Ефтакуф-а менависам! *(Менависад)* Ефтакуф! Исто.., Ёфтаков ё Ёфтакуф? Не не! уф! Ёфтакуф! Вай падармерос уф буд, уф мемонад! Дар як ноҳияи калон, як уф буд! Ёфтакуф! Занак! Ҳо занак!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зан: *(Хурсанд)* Лаббай мардакҷон?

Мард: Куҷо гум шудӣ, занак?

Зан: Э дар ин хонаи нави шумо одам раҳгум мезанад, мардакҷон. Ин хона ё истадиён?

Мард: Хона! Хонаи тоҷики нав, занак! Дар хонаҳои «маслаҷур»: ин хона ё катаки мурғ? – гуфта сару гӯшама мебурдӣ-ку?

Зан: *(Хурсанд)* Шумо зӯр, мардакҷон.

Мард: Тоҷики зӯр! Тоҷики нави зӯр, занак! «Истадиён»-а дидӣ-а? Ана акнун дав, занак! Футбол мезанӣ, волибол мезанӣ, задан гир!

Зан: *(Ба рӯйхат ишора карда)* Хешу табори мана навиштед?

Мард: Э, аз хешу табори ту чӣ фоида? Ёфтакуф-а ёфтам! Ёфтакуфа навиштам!

Зан: Кадом Ёфтакуф?

Мард: Ҳамшаҳрии худама, занак! Вай уф, занак!

Зан: Ҳозир ҳама уф, мардакҷон.

Мард: На, Ёфтакуф, дигар хел уф! Намедонӣ ту Ёфтакуф-а! Вая нигоҳаш уф! Қадамзаниаш уф! Худаш уф-у лекин дар пуф ҳам ҳамто надорад, занак!

Зан: Нафаҳмидам?

Мард: Мефаҳмонам! Ёфтакуф дар ёфтан ҳам устову дар пуф кардан, дар бод додан ҳам усто! Фаҳмидӣ?

Зан: Нав фаҳмидам, мардакҷон. Ин хел бошад, рӯйхата аз нав навишта кунед. Алфавита Ёлфавит кунед. Аз Ё сар кунед, Ёфтакуф!

Мард: Занак!

Зан: Лаббай мардакҷон?

Мард: Ку истадиёна боз чарх зада бин, ки дар хонаи тоҷики нав чӣ намерасад?

Зан: Ба чашм, мардакҷон. Лекин Шумо дар поёни ёлфавит, барои хешу табори ман ҳам ҷо монед-да... *(меравад).*

Мард: *(Аз паси ӯ)* Ҷо мемонаму лекин хешу табори ту ин истадиёни тоҷики нав-а бинанд, дигар намераванд, занак.

Зан: *(Зуд баромада)* Арӯсакатона садо кардед, мардакҷон?

Мард: Э-э ҳоло ҳам нарафтӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зан: Давидам, мардакҷон. *(Мераваду баргашта)* Мардакҷон! Аз тирезаи ин хонаи навамон ман тоҷи Исмоили Сомониро дидам.

Мард: Дурусттар нигоҳ кун – Бухороро ҳам мебинӣ!

Зан: Хуб, *(мераваду баргашта)* Хешу табори мана навиштед, мардакҷон?

Мард: Мон аввал уфоя ёфта хонаро пуру тинҷ кунем, садақахӯру худоихӯрҳо худашон меоянд!

Зан: Чӣ, хешу табори ман садақахӯру худоихӯр?

Мард: Дар омади гап гуфтам, занак, рав.

Зан: Рафтам, мардакҷон. *(Меравад)*.

Мард: *(Худ ба худ)* Ёфтакуф «тройка» ҳам набиёрад, аз ду сар пулашро бароварда медиҳад. *(Ба сурати занаш нигоҳ карда)* Хешу табори туро нависам ҳам мебиёянд, нанависам ҳам мебиёянд!

Зайдулло: *(Медарояд намади кулула дар китф)*. Ассалому алайкум, язна!

Мард: Воҳ! Ана, номаша гиру гӯшаша каш! Ту аз куҷо пайдо шудӣ, Зайдулло?

Зайдулло: Шунидам, ки хонаи нав харидеду бӯрёкӯбон доред, дасти холӣ наравам гуфта, ҳамин баргаки сабза...

Мард: *(Бо овози паст)* Ин чӣ гуфтӣ? Ин баргаки сабз...

Зайдулло: Намад, язна, баргаки сабз.

Мард: *(Бо овози паст)* Зайдулло, омадану ба хонаи мо даромаданатро ҳеҷ кас надид?

Зайдулло: Не, язна, ҳеҷ кас.

Мард: Бисёр хуб *(Аз кисааш пул бароварда)* Маҳ, ягон таксиро дору ба ин ними борикиат қафо гард, додар.

Зайдулло: О, ин пашми уштур, намади нав, язна.

Мард: *(Бо овози паст)* Кайкаш кӯҳна! *(Зайдуллоро аз дар берун мекунад)* Хайрият, ки занак надид-е..! Агар медид, хонаро кайк зер мекард. *(Занашро тақлид карда)* Хешу табори мана навиштед, мардакҷон? *(Ба сурати занаш нигоҳ карда)* Баргаки сабзи хешата медидӣ, талхакаф мешудӣ, занак! *(Рӯйхатро варақ зада)* Боз киро нависам..?

Зан: *(Медарояд)* Хешу табори мана навиштед, мардакҷон?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мард: Ҳоло не, занак.

Зан: Нависед. Ҳозир аз балкони хона тамошо кардам, акаам Зайдулло, як қолини калони 4х6 дар китф, боло рафт.

Мард: Ман ҳам аз тиреза дидам, вай Зайдулло набуд.

Зан: Зайдулло буд! Қолини сурхи 4х6-и калон дар китф, тарафи боло рафт!

Мард: *(Мулоимона)* Зайдулло набуд, занак!

Зан: Зайдулло буд-е, тоҷики нав!

Мард: *(Боз мулоимтар)* Ман аз чашмам шикоят надорам, занак. Зайдулло набуд.

Зан: Тооба! Акаи Зайдуллоро надидед, қолини 4х6-и сари китфашро ҳам надидед, тоҷики нав!?

## ЗИЁФАТ

*(Болои миз табақчаву чумчаҳо, шишаҳои нимхолии шароб. Марде сарашро болои миз монда, хуррок мекашад. Дар гӯшаи дигари хона болои курсӣ тӯҳфаҳои коғазпечу бекоғаз ба назар мерасанд)*

Зан: Э, хуррок накашида мур...! Ҳой, мардак, о, ҳамсояро бедор кунед. Аҷаб не дар хонааш хавотир шаванд.

Шавҳар: Не, нағз намешавад. Ба ҳар ҳол меҳмон.

Зан: Мурад ин хел меҳмон! Ду даст дар бинӣ даромаду як шиша коняка худаш танҳо паққос зад.

Мард: *(Аз хоб бедор шуда)* И-и? Меҳмонҳо канӣ? Аллакай рафтанд?

Зан: Рафтанд, ҳамсояҷон. Кайҳо рафтанд.

Мард: *(Аз шиша ба қадаҳ май рехта)* Ин мулки ҷаҳон... чӣ буд? Ҳа, ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид... Оянду раванду... боз оянду раванд? Ин хел бошад, ман ҳам меравам. Ё наравам? А? Ҳой ҳамсоя, аз ҳамин китобхонӣ чӣ фоида? Беҳтараш ба ман ёрӣ деҳ, ки то хона равам. Оянду раванду боз оянду раванд...

Шавҳар: Ҳоло барвақт-ку, ҳамсояҷон.

Зан: Хезед, хезед, мардакҷон, ба ҳамсоя ёрӣ диҳед. Боз аз зинапояҳо дафъаи гузашта барин наафтанд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шавҳар: Рафтем, ҳамсоя.

Мард: Рафтем... фақат ба шарте ки дар хонаи мо буд гуфта, аз занам узр мепурсӣ. Рафтеме, балота гирам ҳамсоя. Дари баромад кадом тараф буд?

Шавҳар: Он тараф не, ин тараф, ҳамсояҷон.

Зан: Хона бареду то дарашонро накушоянд, нафуроед. *(Худ ба худ)* Канӣ, тӯҳфҳоро як кушода бинем. Инаш тӯҳфаи Хосият. Ку бинам, чӣ оварда бошад? *(Коғазпечро мекушояд)*. Вой, ман мурам. Ҳамин ҳам сумка шуду ҳамин ҳам тӯҳфа шуду... Дугона нашуда мур! Боз шавҳараш бизнесмен, ҳар рӯз ба Дубай рафта меояд. *(Коғазпечи дигарро мекушояд)*. Ана ин тӯҳфаю мана ин тӯҳфа. Ин хел чизҳоро фақат Салим Каримович оварда метавонад. Э, хӯрдагиат ошат шавад. Салим Каримович!

Шавҳар: Супориш иҷро шуд, занак *(хандида)* Аз дар даромаду гумбурос зада ғалтид!

Зан: Хуб шуд. Сазои меҳмони нохонда ҳамин. Бӯи арақро чунон нағз ҳис мекунад, ки... Хӯрданашро дида қариб талхакаф шавам. Аз манту ягон биста хӯрд. Меъдааш шикоф аст чи бало. Якта коняка худаш танҳо хӯрд-е.

Шавҳар: Таомро болои дастурхон барои хӯрдан мемонанд, занак.

Зан: Манту садқаи сар, лекин конякро барои Салим Каримович гирифта будам. Дидӣ, ана ин туфлиҳоро Салим Каримович овард. Одаме, ки ба китоб умуман сарукор надорад. Ту бошӣ китоби бисёр хонда, ҳама гапи дунёро медонию ба як туфлии чехӣ зӯрат намерасад.

Шавҳар: О, ту аз ҳамин туфлиҳо се ҷуфт дорӣ-ку?

Зан: Хайр, чӣ? Ман аз кӣ кам? Пагоҳӣ сурхаша мепӯшам, нисфирӯзӣ сафедаша, бегоҳӣ сиёҳаша. Ана ҳамин хел... Дугонаҳоям сӯхта муранд.

Шавҳар: Ихтиёрат.

Зан: Эҳ, ман назди туву хешонат қадр надорам. Ана, хоҳарат чӣ овардааст. Лӯхтак! Чӣ, ман кӯдак-мӣ? Толеаш баландӣ карду меҳмонҳо буданд, вагарна ин лӯхтакашро ба сараш мезадам!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шавҳар: Вай ҳоло донишҷӯ, мехонад.

Зан: Хайр чӣ, стипендияи аъло мегирад-ку?

Шавҳар: Нашуд, ман рафта хоб мекунам *(меравад).*

Зан: Рав, рав. Гап, ки аз хешу табори ту рафт, даррав хобат мегирад.

Шавҳар: Мана, боз як тӯҳфа. Ба фикрам ин тӯҳфаи ҳамсоя. Ту бошӣ, беҳуда аз ӯ ранҷидӣ. Ма, гир!

Зан: Ягон тӯҳфаи арзонакак будагист. Бечора шарм карда надаровардасту дар долон мондааст. *(Мекушояд).* Воҳ! Атлас? Куртаи атлас! Ана ин атлас! Коняки хӯрдагиаш ошаш шавад. Беҳуда дар ҳақаш ҳар хел гап гуфтам. Канӣ як пӯшида бинам. Ана атласу мана атлас! Ман ина ҳозир пӯшида меоям. Сонӣ шумо тамошо кунеду кайф кунед! *(Меравад).*

Шавҳар: Рав, рав, пӯшида биё. *(Худ ба худ)* Лекин ман ӯро боб кардам. Лату пути зихна чунон бисёр шудааст, ки ҳатто куртаи худашро нашинохт. Тавба-а!

## ДӮСТОН

Аброр: Ана мана нагуфта Наврӯз ҳам медарояд.

Баҳром: Даромадан гирад. Чӣ ҷеғ задӣ?

Аброр: Фаҳмидан мехостам, ки ту дар ин Наврӯз чӣ кор мекунӣ?

Баҳром: *(Мулоимона)* Ба ҳаммом меравам.

Аброр: Ту девонаӣ? Дар ҳаммом чӣ кор мекунӣ?

Баҳром: Меравам, медароям, аввал плашамро мекашам, баъд куртаамро, сонӣ...

Аброр: Шуд, фаҳмо. Ман аз ту напурсидам, ки чанд тағора об ба сарат мерезӣ. Ту ба ман гӯй, ки Наврӯзро чӣ хел пешвоз мегирӣ?

Баҳром: Хуш омадӣ, Наврӯз мегӯяму тағораи обро ба сарам рехтан мегирам.

Аброр: О, бародар, дар ин хел рӯзҳо одамон хурсандӣ мекунанд.

Баҳром: Э, бо кӣ хурсандӣ кунам? Бо ту?

Аброр: Бо занат, бо бачаҳоят. Марҳамат, ба хонаи мо биё, якҷоя пешвоз мегирем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Баҳром: Раҳмат, ҷӯраҷон, як бор рафта хуб иззат дидем.

Аброр: Исто, исто. Ту аз чизе норозӣ барин, ошно.

Баҳром: Аз ман насиҳат, дӯстам. Ҳурмати меҳмонро ба ҷо оварда натавонӣ, таклифаш накун!

Аброр: Эҳе, аз афташ аламат хеле калон.

Баҳром: Ману ту дар кӯдакиамон чӣ хел будем?

Аброр: Кӯдак будем.

Баҳром: Вай ҳам кӯдак. Хайр, чӣ шуду ҳамон шаб бо мошинча бозӣ карда, девори хонаатро пай кард.

Аброр: Биё мон, ошно, коҳи кӯҳнаро бод накун. Мо он воқеаро худи ҳамон лаҳза фаромӯш кардем.

Баҳром: Бас кун-е, занат то ҳол аз пасамон ғайбат карда гаштаасту...

Аброр: Хайр, вай зан бекор монад, ягон чиз гуфтанаш даркор. Лекин туро чӣ ҷин зад?

Баҳром: *(Бо қаҳр)* Ман ҳамин рӯз девори хонаатонро таъмир карда медиҳам.

Аброр: Э, ту аввал ана вай дарзи шиматро таъмир кун! Тавба, деворро таъмир мекардааст.

Баҳром: Ана, дидӣ, ту дарзи шими маро, ки пушти нохун барин кандагӣ аст, мебиниву паи деворро фаромӯш мекунӣ?

Аброр: Ту барин-да, як паи деворро дидиву халос.

Баҳром: Э, боз чиро бинам?

Аброр: Ҳамон шаб писарчаат, ҷӯраҷон, як чойники гули ангурдорро шикаст.

Баҳром: Писарчаи ман?

Аброр: Ҳа, писарчаи ту.

Баҳром: Оббо, хайр ана як чойникчаро шикастааст. Заб чизе...

Аброр: Пагоҳӣ чӣ?

Баҳром: Ҳичӣ.

Аброр: Ширчойро хӯрду косаи аз бобои занам мерос мондагиро шикаст.

Баҳром: Хайр, косаи аз бобои занат мерос мондагиро шикастааст. Косаи бобои туро не-ку?

Аброр: Худат маст шуда, пеши ойина рафтӣ. Сонӣ афтатро дар ойина дида бо вай ҷангӣ шудӣ. Як мушт зада, ойинаро шикастӣ.

Баҳром: Хайр, ана ойинаро ҳам мо шикастем. Боз чӣ?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Аброр: Боз ҳаминаш намерасид, ки хонаамро оташ занед...
Бахром: Хайр, ана як хонаро ҳам оташ... чӣ? Тӯҳмат мекунӣ? Ана ҷӯрагиву мана ҷӯрагӣ! Боз мегӯяд, ки мо он воқеаро кайҳо фаромӯш кардем. Не, шумо дигар чизро фаромӯш кардед.
Аброр: Чиро?
Баҳром: Савғотиҳоямонро.
Аброр: Ҳамон ду истакон семичкаатро?
Баҳром: Ду истакон не, се истакон! Ду кило қанди печак чӣ? Ҳафт булучка чӣ? Харҷ агар аз кисаи меҳмон бувад, Ҳотами Тойӣ шудан осон бувад, – гуфтаанд, ки рост будааст.
Аброр: То ин дараҷа одами паст буданатро акнун фаҳмидам.
Баҳром: Ҳа, мо пасту шумо баланд. Касе ки ба хонаи шумо савғотӣ барад, одами паст менамояд!
Аброр: Раҳмат, ҷӯраҷон, агар ҳамон савғотиҳои ту намебуданд, мо аз гуруснагӣ мемурдем.
Баҳром: Бас кун-е! Аз ҳамин рӯз тамом. Мурам ҳам дигар қадамамро ба хонаи ту намемонам. Мумсик!
Аброр: Ман мумсик?
Баҳром: Ҳа, ту!
Аброр: Ин хел бошад, бисёр нағз мекунӣ, ки ба ҳаммом меравӣ. Ҷои ту баринҳо дар рӯзи ид ҳаммом. Писарчаатро ҳам ҳамроҳ гир!
Баҳром: Мегирам, кори ту набошад!
Аброр: Он ҷо тағораҳо оҳанӣ. Ман рафтам, бо ту барин одам сӯҳбат кардан ҳайф!
Баҳром: Рафтан гир! Ҳе хонаат аз сарат монад ту барин ҷӯрая! Се истакон семичкая ду истакон мегӯяде!..

## ПУТЁВКА

Мастура: *(Ба Борикалӣ)* Намеравӣ?
Борикалӣ: Намеравам.
Зайнура: Меравӣ.
Борикалӣ: Намеравам!
Мастура: Ҷон-ҷон гуфта меравӣ!
Борикалӣ: Ҷон-ҷон гуфта намеравам!
Зайнура: О, мо туро мурданӣ равон намекунем, додар!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мастура: Ҷон, акаҷон, ба зӯр раиса розӣ кунондам, не нагӯй.

Борикалӣ: Не.

Зайнура: Не?

Борикалӣ: Не! Не! Не! *(Рафтанӣ мешавад)*

Акамулло: *(Ба сӯи ӯ ҳуштак кашида, ишора мекунад, ки ба ҷояш баргардад).*

Зайнура: Нозу карашма ҳам ба эбаш-да, додар. Сад дарро зада ба зӯр якта ёфтем.

Мастура: Ба зону зан, ба зону зану ташаккур гӯй, акои Борикалӣ!

Борикалӣ: *(Ба зону зада)* Ташаккур. Ман намеравам.

Зайнура: Бо хоҳиши худат наравӣ, дасту поятро баста роҳӣ мекунем. Фаҳмидӣ?

Борикалӣ: *(Мехонад)* На-ме-та-во-нед..!

Зайнура: Метавонем.

Мастура: Ешё как метавонем!

Борикалӣ: Наметавонед.

Акамулло: *(Мулоимона)* Чува?

Борикалӣ: Чӣ чува?

Акамулло: Чува намеравӣ?

Борикалӣ: Намехоҳам.

Акамулло: Чува намехоҳӣ?

Борикалӣ: Хоҳиш надорам.

Акамулло: Чува хоҳиш надорӣ?

Зайнура: *(Ба Борикалӣ)* Худи ҳамин моҳ бо номи муборакки шумо, додар, аз ҳушёрхона панҷ мактуб гирифтем.

Борикалӣ: Муборак шавад. Ба наздикӣ шашумаша мегиред.

Мастура: Шармандагӣ! Ман ба ҷои ту гиря мекардам.

Борикалӣ: Мактубҳо ба номи шумову ман гиря кунам?

Мастура: «Алкаголик»! *(Гиря мекунад)*

Борикалӣ: Кӣ, кӣ «алкаголик»?

Манзура: Ту! Ту «алкаголик!» Қолини идораи раисро ҳам ту дуздида фурӯхтӣ.

Акамулло: Бас. Бас кунед, Манзурахон. Надуздидааст. Ба яғмо бурдааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Борикалӣ: Ман дар Яғнов ягон хеш надорам, раис. Тӯҳмат накунед.

Акамулло: Гап-а набур! Қолини идораро ба яғмо бурда бо мошини ҷомашӯӣ иваз кардааст. О, ин дузди неку Манзурахон? Ина бо ченаки имрӯзаи бозорӣ, доду гирифт – мегӯянд. Чӣ гуфтӣ, Борикалиҷон?

Борикалӣ: Ҳичӣ.

Акамулло: Меравӣ-а?

Борикалӣ: Не, раис.

Акамулло: Не нагӯй, Ялта...

Борикалӣ: Не.

Акамулло: Баҳри сиёҳ...

Борикалӣ: Не.

Акамулло: Ин путёвкаро як моҳ даводав карда ба зӯр гирифтам. Шиноварӣ, хонумчаҳои офтобзадаи сабзина, кайфу сафо...

Борикалӣ: Не, намеравам. Акаи Қосимро равон кунед.

Акамулло: Чӣ? Ту калла дорӣ, ё надорӣ? Акаи Қосим ба курорт равад, сифати маҳсулоти мо чӣ мешавад?

Мастура: Манзурахон равад, завод аз кор мемонад!

Борикалӣ: Чӣ, завода Манзура ба кор даровардааст?

Манзура: Борикалиҷон, додарам. Агар розӣ шавӣ, ҳамаамон ба гуселат мебароем. Рӯзи омаданат, бо гулдастаҳо пешвоз мегирем.

Акамулло: Агар сиҳату саломат рафта биёӣ, чашмамро қоқ мепӯшаму як моҳонаи иловагӣ садқаи сарат, Борикалиҷон.

Мастура: Агар равад, иттифоқи касаба ҳам бетарафӣ зоҳир намекунад. Мо ҳам ёрдам мекунем.

Борикалӣ: *(Путёвкаро гирифта)* Роҳкироро кӣ медиҳад?

Мастура: Чӣ?

Манзура: Ҳам путёвка диҳему ҳам роҳкиро?

Борикалӣ: *(Путёвкаро ба Акамулло дароз карда)* Ин хел бошад, худатон рафтан гиред. *(Меравад)*

Акамулло: *(Аз паси ӯ)* Борикалӣ! Борикалӣ! Рафиқо! Илоҷи дигар нест. Ман ҳамагӣ дар кисаам 50 сомонӣ дорам. *(Мастураву Манзура ҳам киса мекобанд)*.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ИЛОҶИ БЕИЛОҶӢ

*(Ҳодӣ сатилу ҷойники чойҷӯшонӣ дар даст, аз як кунҷи толор баромада, дод мезанад).*

Ҳодӣ: Сайвалӣ! Ҳо Сайвалӣ! Дар гузарҳои шумо об ҳаст? Чӣ? Нест? *(Худ ба худ гап зада, ба тарафи саҳна равон мешавад)* Бачаи дирӯза аллакай вакили анҷуману лекин якравиаш ҳамон якравӣ! Э бача, надаро! Надаро гуфтам! Не, ман ванна қабул мекунам. Ана, акнун қабул кардан гир! То ба дилат задана! *(Ба саҳна мебарояд)* Омад?

Овоз аз паси парда: Не. Наёфтед?

Ҳодӣ: Тамоми гирду атрофи микрорайонро чарх задам. Дар ягон ҷо об нест. Боз камтар шин, шояд биёяд?

Овоз: Соат чанд?

Ҳодӣ: Нимта кам даҳ!

Овоз: Воҳ! Ман дер мемонам!

Ҳодӣ: Ман чӣ кор кунам? Дар ҳамон заводат оббозӣ карда наомадӣ?

Овоз: *(Дод мезанад)* Ман дер мемонам! Вақт рафт, дада!

Ҳодӣ: Рафтан гирад! Ман ҷодугар набошам, ки пуф кунаму об барояд. Мебоист, ки ту аввал, сатилу тағораҳоро пури об мекардиву баъд ба ванна медаромадӣ! Медонистӣ-ку? Медонистӣ, ки ин ваннаҳои микрорайони мо ванна не, охури гов! *(Шляпа дар сар, паппкаи калон дар бағал, Шодӣ ба саҳна мебарояд).*

Шодӣ: Даромадан мумкин?

Ҳодӣ: Марҳамат.

Шодӣ: Чаро даратон воз?

Ҳодӣ: Маҳкам намешавад.

Шодӣ: Ин осон. Як симро чангак кунеду кашида ба девор бандед. Маълум, ки бечора бинокорон андак телба шудаанд. Ман додар, намояндаи ЖЭУ. Хонаи нав муборак шавад.

Ҳодӣ: Раҳмат. Лекин ин хонаро ду сол шуд.

Шодӣ: Бо вуҷуд, хонаи нави нағз. Аз ин тарафаш офтоб, аз он тарафаш офтоб. Хонаи офтобӣ, гуфтан мумкин. Ба иқлимамон мувофиқ. Маълум, ки меъморонамон анча



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

майна об кардаанд. Нағз. *(Аз папкааш коғазу қалам мебарорад)*. Чӣ шикоят доред?

Ҳодӣ: Дар вақташ омадед. Шикоят ҳамин, ки як вакили анҷуман, ванна қабул мекунам, – гуфта, ба ванна даромаду дигар набаромад.

Шодӣ: Чӣ? Дилаш-ку ягон иллат надошт?

Ҳодӣ: Дилаш нағз. Лекин сару рӯяш пур аз кафки собун. Об тамом шуд.

Шодӣ: Гарм, хунук? Ё ҳарду?

Ҳодӣ: Ҳар ду. Рӯз дар миён, ана ҳамин авҳол.

Шодӣ: Ин кори миробҳо. Мурвати об дар дасти онҳост. Мо ҳеҷ кор карда наметавонем. Боз чӣ арз доред?

Ҳодӣ: Худатон дидед, ки дари даромаду дари хонаи хоб, маҳкам намешаванд.

Шодӣ: Гуфтам-ку бечора бинокорон телбагӣ кардаанд. Дарҳоро бе паҳлударӣ шинондаанд. Мо дари зиёдатӣ надорем. Хӯш ки бошад, боз аз чӣ норозиед?

Ҳодӣ: Аз фарши хона. *(Нишон медиҳад)* Бинед, аз байни ҳар тахта, ангушт мегузарад. Ҳаминам кор шуд?

Шодӣ: Ба инаш ҳам бечора бинокорон гунаҳкор. Телбагӣ карда, тахтаҳоро таротар кӯфтаанд. *(Деворҳоро аз назар мегузаронад)*. Хайр, деворҳоятон бад не.

Ҳодӣ: Ҳа. Як ҳафта баъд аз кӯчидан, таъмир кардем.

Шодӣ: Нағз. Бисёр нағз. Аз афташ, бечора бинокорон, баъд аз корашон таъмир кардаанд. Дигар шикоят нест?

Ҳодӣ: Шикоят неву таклиф. Дар тамоми микрорайонамон, аз даромадгоҳ то роҳи мошингузар, ҳамааш шуда яку ним ё ду метр. Барои бачаҳо ниҳоят хавфнок. Дар оянда ҳамин роҳа, илоҷи андак дуртар бурдан нест?

Шодӣ: Таклифи оличаноб. Лекин ин таклифа додар, бигзор ана ҳамин вакили дар ванна нишастагӣ, дар анҷуман, ба вазири сохтмон пешниҳод кунад. Мо кормандони ЖЭУ ин масъалаҳоро ҳал намекунем.

Ҳодӣ: Мебахшед. Шумо кадом масъалаҳоро ҳал мекунед?

Шодӣ: Мо додар, барои ҷои кор, боғчаи бачаҳо, мактабу омӯзишгоҳҳо справка медиҳем. Справка! Лозим бошад, марҳамат. Танҳо дар сурате, ки пули хона сари вақт супорида шуда бошад. Кори мо ҳар рӯзи шанбе, аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

соати шонздаҳ то ҳабдаҳ. Марҳамат, омадан гиред. *(Ба гӯшае нигариста).* Э, ин радиочаи девoратон чаро хап?

Ҳодӣ: Не, хап не. Занбӯри ба ширинӣ часпидагӣ барин, биғ-биғ мекунад.

Шодӣ: Фаҳмо. Симҳояш часпидаанд. Маслиҳати ман ҳамин, ки...

Ҳодӣ: Пулро сари вақт супорем.

Шодӣ: Бе киноя гап занед, додар. Ман гуфтанӣ, ки мунтазири коркунони алоқа нашавед. Намеоянд. Ягон чӯби дарозро гиреду аз боло ба симҳояш занед. Ана баъд, мебинед, ки апаи Нигина сар кард. Тамом? Дигар ягон шикоят нест?

Ҳодӣ: Нест.

Шодӣ: Нағз. Сари беҷанҷолро ба ҷанҷол монда, чӣ кор мекунед? Санги вазнинро об намебарад, – гуфтаанд. Вазнин шавед. Хайр, баъзан мешавад, ки об намеояд. ҳеҷ гап не, меояд.

Овоз: Кай меояд? *(Дод мезанад)* Кай?!

Шодӣ: Мард бояд ки ҳаросон нашавад,
Мушкиле нест, ки осон нашавад! *(Ба Ҳодӣ)* Тӯрхалтаатонро гиред. Илоҷи беилоҷӣ ҳаст. Рафтем додар.

Ҳодӣ: Ба куҷо?

Шодӣ: Ба мағоза. Понздаҳ шиша Шоҳамбарӣ ё Файзобод, барои оббозӣ кифоя! Ёфтама? Мо намояндаҳои ЖЭУ, ин хел майда-чуйда масъалаҳоро зуд ҳал мекунем. Рафтем додари акош!

## МИТИНГ

Зан: *(Шавҳарашро кашола карда ба саҳна мебарорад)* Рӯта суни қибла куву ростша бугу мардак!

Мард: *(Хоболуд)* Чӣ гӯям, занак?

Зан: Дина да ҳамиҷа чӣ гуфтӣ?

Мард: Чӣ гуфтам?

Зан: Да ёдут нестай?

Мард: Дар ёдам нест, занак. Чӣ гуфтам?

Зан: Баъди шакаров, чӣ гуфтӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мард: Чойа биёр, гуфтам.

Зан: Баъди чой, чӣ гуфтӣ?

Мард: Чойа бар, – гуфтам.

Зан: Фромушт кардӣ – ҳу? Да ёдут нестай?

Мард: Ба худо, ки не, занак. Чӣ, ягон гӯшвори тило ваъда кардам?

Зан: Гапа суни тило кашола наку, мардак! Ай тилову нуқрае, ки ту мара ваъда кардӣ, на да чиликом ҷо мундайу на дар гушом! Ба ҳафт пуштма басай. Кар надоз! Бугу ки дина чи ваъда додӣ?

Мард: Э, занак! Ёд надорам! Чӣ ваъда додам?

Зан: Бо қасам хурдие, мардак!

Мард: Чӣ гуфта..?

Зан: Қасам хурдӣ, ки: дига митинг намерам! Бо рафтӣ?

Мард: Ҳа-а митинг? Не, занак. Митинг меравам. Нашуд.

Зан: Айба намедунӣ, мардаки калун? Маълумоти олӣ дори-е! Шогирдот дар райкуму испалкум кор мекунане! Ҳамашу калун, буфаҳман, чӣ меган?

Мард: Э, аз ун хел шогирдҳо доштана надоштан беҳтар! Гапа кам кун, занак! Меравам гуфтам, меравам!

Зан: Овурута паст наку, мардак! Сурататата мегирану да тилифизор мебурорануте!

Мард: Нағз. Ёру рафиқо дида хурсанд мешаванд. То тамом шуданаша меравам. *(Дод мезанад)* Муаллими тарбияи ҷисмонӣ мераваду ман наравам? Ба дилам зад, занак!

Зан: Э мардак, маълими тарбияи ҷисмонӣ гӯштингирай?

Мард: Воҳ! Чӣ? Мудири қисми илмӣ ҳам гӯштингирай?

Зан: Воҳ! Ҳаваякам ба ҳаму ҷунакуш митинг мерава?

Мард: Ҳа! Ба ҳамон ҷонакаш митинг меравад! Муаллими забону адабиёт, қаровули мактаб ҳам дар митинг! Ман аз онҳо чӣ камӣ дорам?

Зан: Нара, нара мардак, худта шарманда наку.

Мард: Безор шудам! Ба дилам зад! Меравам, меравам, боз меравам! Фаҳмидӣ?

Зан: Э мардак, ҳушта ба сарут бигӣ! Аристонут мекунан-е, мардак!

Мард: Аз ин хел зиндагия, аристон кунанд, беҳтар! Ту барои ҳамин қадар гап мана аз хобам бедор кардӣ?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Зан: Митинг, гапи андак-мундакай? Да ҳаму митинг, одамора парундан, чанд каса аристон кардан! Чӣ зӯрут умадай, ки митинг мерай?

Мард: Зӯр омад, ки меравам-да! Ба дилам зад, занак! Мефаҳмӣ? Ба дилам зад!

Зан: Ай, чӣ ба дилут зад? Ма ба дилут задум? Э, мардак-е, ма да дилут зада бошум, бра ягон бевайи дигара бигӣ. Ана баъд митинг мерай, питинг мерай.., бу-ура..!

Мард: Хайр шуд. Шаф-шафа бас куну рафта чойа мон!

Зан: *(Хурсанд)* Дига митинг намерай? Ҳозир шакаров мекунум, мардаки ҷун.

Мард: Ана! Ана ҳамин шакаров ба дилам зад! Аз ҳамин шакаров безор шудам. Ҳар рӯз шакаров. Э Худо гирад, шакаровата.

Зан: Бурҳони иқтисодӣ тамом шава, оши ва гуштут мекунум, мардаки ҷун.

Мард: Ин бурҳони иқтисодӣ тамом нашава-чӣ?

Зан: Шакаров, мардак.

Мард: Ман рафтам.

Зан: Бо гиҷо?

Мард: Митинг, занак!

Зан: Да ҳаму митинг пухтияну мундиянут?

Мард: Ҳа. Ту чи гумон кардӣ? Дар митинг хар рӯз гов мекушанд! Ҳар рӯз ошу шӯрбо фаровон! Ана ҳамин қадарӣ сағали гов *(нишон медиҳад)*.

Зан: Ай, ита боша, мара намебарӣ, мардак?

Мард: Ту шакаровата хӯр! *(Саросема меравад)*.

Зан: *(Аз паси ӯ)* Ита бугу... Ита боша, бура-а... Хаёли ма, ки и мардаки ма митинг мерава..! *(Меравад)*

## АНА, БИГИРЕН АКУ!..

Рафиқо! Вазъият муташанниҷай! Ҳамита мушташанниҷай, ки ай ида мушташанниҷтар намешава! Мустақил шидем, озод шидем. Мустақилӣ чияй? Кӣ медона? Хапену..? Мустақилӣ ҳамияй, ки буҷунбӣ, мехӯрӣ, буҷунбонӣ, мемурӣ! Ина ҳамияй, мустақилӣ. Ё шумо фикр мекунен, ки мустақил



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шидему Худо метамон! Метатону дертар. Пеш фонд буд. И мустақилӣ, фонд надора. Фонд мурд! Ҷош ҷаннат боша, фонда тапидан. Ай иҷа усу, фонда да шави ховтон мебинен.

Вагонои орду рӯған, қанду шакар дига намиёян..!

Мустақиливу озодӣ гуфтен? Ана бигирен аку!

У картушкаи Тамбоф буду орди Саратов, ки говотонам серу лап-лап мекардан! Ана бигирен аку! Картушкаи Тамбофа да кино мебинен! Чӣ пуф кардӣ, аграном? Гапой ма номақулай? Номақул боша, бугу номақулай!

Дина изо накашида, мега, ки: Мара бензин бутан, доруҳои минералӣ бутан, саларка бутан, поруву мошин бутан...

Кӣ метат, ака? Кӣ бутат? Маълумоти олӣ дори-е, ака? Буҷум охӣ? Ё ҷумонда наметонӣ? Булдозур биёрум?

Ина ҳами Убайдуллои Раҷаб, у Убайдуллои Раҷаб нест, ира дина корда қабул кардем. Нафаҳмидум? Чува иҷа шиштай?

Маълумоти олӣ дора! Ина ҳами саҳарӣ, як мошин саларка овард! Бо савол дорӣ?

Дина ҳами мардака да пеши идора дидану се калхоз, билетхарӣ омадай Убайдуллои Раҷаба бинем – гуфта. Ма гуфтум: Бгарден, и Қамишуфай, заправшики калхозмон. Маълумоти олӣ дора.

Ана ҳаму Убайдуллои Раҷаб як гапи хуб дора: Ҳазореву ҳазореву ҳазоре, наге-мега. Дангал, се ҳазор бген-мега!

Аку намедонум, ё дуои акай Одина гирифтуш ё мустақилӣ ҷуқидуш, ки на ҳазоруш метан, на се ҳазор! Театуруш Оина ном дораву оина надора! Дина дар тилифизор негра диден? Диден-у? Соф тоҷикӣ гап зад! Гуманитарний орд овардай! Ай Зимбабве!

Бо да ҳар сари гапуш: бачай оча-мега. Агар ҳаму лахчагии рӯш набоша, хиёл мекунӣ, ки ай Шӯрободай! Бечора аз Зимбабве орд овардай! И агрономи мо пуп кардагӣ, порура аз фирма то сари замина бурда наметона.

Э рафиқо! Мустақилӣ, итарӣ нест охӣ! Се сол шид мегум, ки: пушти тепайи дулонада картошка букорен, ов дора, ови чашма мераса. И агрономи мо чӣ мега?

– Уҷада тушка намешава.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чува намешава, ака? Убайдуллоҳи Раҷаб, тарбузчаи лалмира ба пуфаки панҷсума бордор кард, шид. Ҳар тарбузе гирифт, ки бачаш як моҳ дарс нарафт. Дар пеши театри оина, тарбузи пуфакчоп фурӯхт!

Аку чува да замини ҳавло вори мулоим, тушка намешидай?

Наметонен, намеҷунбен. Маълумоти олӣ дорену...

Не, рафиқо! И на озодияй, на мустақилӣ! Шаҳр рафтен? Даводава диден? Ҷумбидана диден?

Дина да ҳаму шаҳр, да пеши чашми худум, як шофири тралебус, ай як турист, сад доллар гирифт.

Турист раҳгум задай, бечора. Да тралебуси дувоздаҳ, то СУМ-а рафтай, ки тахтаи сидени брукша дарондай.

Шофира пурсидай, ки: «почему доска сидени»?

Шофир худша гум накардай, шофири даври мустақилӣ да, бачаҳой боло:

«Это личебни доска, туғ називается, поясниса, радикулит лечит». Турист нафромадай: «Давай обратно, у мне радикулит», – гуфтай.

Шофира Худо додай, то Гипрозему ай Гипрозем қафо, ягон астанофкада наистодай. Бо да ҳаму пеши СУМ, ба чашми худум дидуме, дари туриста ҳуй карду: «сто доллар» – гуфт. «Почему так много?» – пурсид турист. «50 за проезд, 50 за личени, тавариш гаспадин турист». Турист доллара доду ғур-ғур карда рафт, калапо!

Ана, мустақилӣ чӣ хелай! Шумо доллар усу беста, пули тоҷикира рувонда наметонене!

Убайдуллоҳи Раҷаб, забони занаки оҳанира ёфт. Занаки оҳанӣ қати соз гирифту муросо кард. Аҷаб не ки даҳдувоздаҳ бачайи оҳанӣ ҳам дошта боша. Як пода бевара слёти говҷӯшо бурд, забони ҳамунора ниёфт!

Рафиқо! Шумо оҳанӣ несте-ку? Говҷуш несте-ку? Маълумоти олӣ доре, вазифаҳотона медоне, чува намеҷунбе..?

Гап ҳами, рафиқо! Як ҳафтаи дигар шумода «срок»! Агар наҷунбе, ба сари Убайдуллои Раҷаба мерам! Убайдуллои Раҷаб забони занаки оҳанира ёфта боша, шуморам ягон бало мекуна-да!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ХОНУМҲОИ НОШУКР

*Майдони Исмоили Сомонӣ. Мусиқии шӯхе садо дода, саҳна рӯшан мешавад. Сардор шляпа дар сар дами ба дам ба соаташ нигоҳ карда, пасу пеш қадам мезанад. Ӯ сахт дар ҳаяҷон аст. Садои зуд-зуд нафаскашии зане шунида мешавад.*

Ҷамила: *(Дамҳакакунон мебарояд)* Нест ҷаноби сардор.

Сардор: Нест?

Розия: *(Низ дамҳакакунон баромада)* Наёфтам Мирзобадал Бойбалович!

Сардор: Наёфтӣ? Ё накофтӣ?

Розия: Кофтам! Ягон подвал намонд рафик сардор! *(Боз садои зуд-зуд нафаскашии зани дигаре шунида мешавад)*

Зулайхо: *(Нафаскашон баромада)* Холбибӣ омад?

Сардор: *(Бо киноя)* Наомад! Корвона кофтӣ?

Зулайхо: *(Дамҳакакунон)* Наёфтам, ака...

Сардор: Корвона наёфтӣ ё Холбибия?

Зулайхо: *(Ҳамоно зуд-зуд нафас кашида)* Ҳардуша ака!

Сардор: Аз гуноҳат нагузаштам! Инсу гузар! *(Зулайхо мегузарад)*

Сардор: *(Дод зада)* Гадобегим ку!? *(Садои зуд зуд нафаскашии Гадобегим баланд шуда, худаш ба саҳна мебарояд.)*

Гадобегим: *(Дамҳакакунон)* Му дар баста! Нест! На дар бал-ниц на дар морг!

Сардор: Морг чӣ рафтӣ, питиш!?

Гадобегим: Аро, на всяки случ, ҷаноби сардор!

Сардор: *(Ба занҳо)* Э садқаи фарҳанг шаветоне! Шармандагӣ! Пазор! Аз пушти шумо барин фарҳангиҳо фарҳанга на фараш монду на ҳангаш! Андалеб мекунам! – гуфта ки омадӣ...

Гадобегим: Аро ҷаноби сардор, мо ҷои чандума мегирем?

Сардор: *(Бо қаҳр)* Ҷои шумо морг! Холбибӣ ку?! Шуморо мепурсам!?

Ҷамила: Рафиқи ҷаноби сардор, ман а ванна буромадаму бенам...

Суратгир: *(Баромада ба сардор)* Чақонам, ака?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сардор: *(Ба суратгир)* Исто! Ҷамила! Холбибӣ нагуфт, ки куҷо меравад?

Ҷамила: Гуфт! Меравам – гуфту нагуфт, ки куҷо меравад!

Суратгир: *(Ба сардор)* Чақонам, ака?

Сардор: Як дам ист, додар, намебинӣ, ки Холбибӣ нест?

Зулайхо: *(Саросема дод зада)* Мирзобадал Бойбалович! Холбибӣ давлени доштǃ

Гадобегим: Аро, ман «сперва» морга дидам, дар морг набуд!

Сардор: *(Ба занҳо)* Э, садқаи андалеб шаветон-е! Агар Холбибӣ ёфт нашавад, ҷои ҳамаатон морг!

Розия: *(Дод зада)* Мирзобадал Бойбалович! Омад!

Сардор: Ку?

Гадобегим: Ҳо ана! Кукуруз мехураду кай парво дорад, ки дар пеш андалебу дар пушт Панҷрӯд!

Сардор: *(Ба тарафи Холбибӣ нигоҳ карда)* Ҳа ҳамон кукуруз дар гулӯят дар монад-е! О, сапалата бардор! Зудтар ҷунб! Андалеб – гуфта омадӣ-ку!?

Ҷамила: *(Ба сӯи Холбибӣ нигариста)* Вақташ чоқ боин...!

Розия: Товба, андалеб – гуфта омадаасту...

Гадобегим: Кукуруз мехурад... питиш..! Рафиқи ҷаноби Мирзобадали Бойбал! Сахт ҷангаш накунед, ки вай давлен, аз рул отказ мекунад!

Ҷамила: Пешанда Андалеб, пасанда Панҷекат!

Холбибӣ: *(Дар дасташ селофан кукурузхӯрон медароядǃ)* Исмоили Сомониш ҳамин-мӣ?

Сардор: *(Ҷиддӣ)* Шаб куҷо будӣ, амма? *(Таваққуф)* Андалеб омадӣ ё «гулат»!?

Холбибӣ (*Ҳайкалро гӯё аз назар гузаронида)* Мардаки бӯзбала будаст..!

Сардор: Мо дар чӣ хаёлу ин занак дар чӣ хаёл..! Туро мепурсам! Андалеб омадиву шаб куҷо рафтӣ?

Холбибӣ: *(Мулоимона)* Хонаи почомуллом, ака.

Сардор: Чӣ рафтӣ?

Холбибӣ: Хабаргирӣ, ака.

Сардор: Холат васеъ шавад, ки дар пеш озмуни Андалеб! Ман шуморо майдон овардам, ки барои таърих сурат гирем.

Холбибӣ: Мегирем, ака.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Розия: Ман рафта суратгирака ҷеғ занам, Мирзобадал Бойбалович?

Сардор: Қафо гард! Аз ту ҳам халос нашавем! *(Ба Холбибӣ)* Аз гуноҳат нагузаштам! Ун сӯ гузар! Ягон хонум аз ҷояш намеҷунбад! Худам ба сари суратгир меравам! *(Меравад)*

Ҷамила: И-е, тизе шуд, буччa? А ини поччомба мебуравам-гуфта як даҳан мегуфтед, намешуд-мӣ? Шаб дар яла, ман якта худам, рафту ягон сиёҳӣ зер карда медаромад, тизе мешуд, буччаҷон?

Гадобегим: Аро қиёмат қоим мешуд, Ҷамилабону.

Холбибӣ: *(Ҳамоно ҳайкалро тамошо карда)* Анча бӯзбала будааст...

Зулайхо: Ҳа форид, Холбибӣ?

Гадобегим: Аро киро намефорад, ки шавараш бӯзбала бошад?

Ҷамила *(Ба Гадобегим)* Ҳа, ҷони гапа гуфтед, буччаҷон. Бо ёни мадакба инхелак, ду шери жаён бошад, олам гулистон-де!

Розия: Оромтар гап занед, Ҷамилабону. Мирзобадал Бойбаловича феълаш ганда, гапатона шунида, боз мағал набардорад?

Ҷамила: Заб тарсондед-де, ӯттам кафид! Маддаки дағал, пачу пуч нест, омадагиша гуфтан мегирад! Инхелак дағалӣ кунад, ман рӯлама бозӣ када наметонам, буччаҷон. Гапам эсамба намемонад!

Гадобегим: Аро кӣ ин Мирзобадала сардори мо таин кард?

Холбибӣ: Демократия.

Гадобегим: Агар дамократия таин карда бошад, сахт хато кардааст. Чунон дод мезанад, ки гӯё аммаи мо зани вай бошед.

Холбибӣ: Э, безорам аз ин хел шӯ!

Сардор: *(Саросема медарояд)* Чӣ гуфтӣ, Холбибӣ?

Холбибӣ: Суратгират ку?

Сардор: Ҳозир меояд занакҳои ношукр!

Зулайхо: Чӣ ношукрӣ кардем, Мирзобадал Бойбалович?

Сардор: Фарҳангиҳо! Андалеб мекунем – гуфта омадеду шукр намекунед?

Холбибӣ: Шукр, сад бор шукри наберaҳоям. Як карсон нон, яку ним рӯз намепояд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сардор: Камтар зоидан даркор амма! Танзими оила ба шумо дахл надорад? Дар хоҷагӣ свет нест-гуфта... танзима бутун ҷазир кардед-ку!? Тавба...! Мезоянду сар медиҳанд, мезоянду сар медиханд!

Гадобегим: Молодец Мирзобадал! «Свет» нест – гуфта насли наврасро зиёд мекунанду воинкомат бозор ба бозор солдат мекобад!

Холбибӣ: Чанд бачаи худат хизмати ватан кард, Мирзобадал Бойбалович?

Сардор: *(Дод зада)* Кори ту чӣ, амма!? Ту прокурорӣ ё милиса!? Ду ҳафта боз озмун – гуфта дар ваннаи шир барин сафед оббозӣ дорӣ-е! Шукр намекунӣ!? Шукр намекунӣ, ки аз таппаку «табак», гову мол, лойу андова, набераву абера халос, маишат дорӣ!? *(Занҳоро аз назар гузаронида)* Ҳе, хонумҳои ношукр... Шукр кунед, ки андалеб...

Ҷамлиа: Аз шумо шукр кунем ё аз андалеб, ҷаноби сардор?

Розия: Аз шумо ё аз андалеб?

Гадобегим: *(Ба сардор)* Аз андалеб?

Зулайхо: Чӣ хап кардед, ака?

Холбибӣ: *(Ба сардор)* Баъд аз андалеб чӣ кор кунем, додар?

Сардор: Демократия, амма! Баъди андалеб, ту медониву дави аспат! Куҷо шуд ин суратгир!? *(Меравад)*

## ТУ ЧӢ КОР КАРДӢ, АҚЛАК?

Духтур: Чанд ҷои холӣ дорем?

Ҷонишин: Алъон як ҷо дорему лекин лозим шавад, боз холӣ мекунем, устод.

Духтур: Ин ҷавобат ба ман мақул не.

Ҷонишин: Чӣ хел?

Сардухтур: Алъон як чо доредy лозим шавад боз холӣ мекунед? Ин ҷавобатон чӣ маънӣ дорад?

Ҷонишин: То ҳамин рӯз ягон амри шумо иҷро нашуда буд, устод?

Сардухтур: Ана аз ин ҷавобат хушам омад, уко. Аз тарафи беморон ягон шикоят ку нест?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷонишин: Нест устод, нест. Беморони мо дар ҳолатҳои вазнин ҳатто нолиш намекунанду...

Сардухтур: Нафаҳмидам уко?

Ҷонишин: Банда гуфтаниам, ки дарди ҳар бемори ин беморхонаи мо пеш аз ҳама дарди худи мост, устод! Худатон васият карда будед-ку?

Сардухтур: *(Ҷиддӣ)* Ман насиҳат карда будам, уко...!

Ҷонишин: Узр устод.

Сардухтур: Шифои ҳар бемор пеш аз ҳама дар дасти Худованд асту аммо сабабгор мо пизишконем. Уко. Табассуми нарму чеҳраи кушодаи мо бе сӯзану дору ҳам давои хубест барои бемор, палатаи 42-ро зуд-зуд хабар гир, уко.

Ҷонишин: Чилу дуро?

Сардухтур: Ҳа чилу дуро! Намешунавӣ?

Ҷонишин: Ман ӯро ҷавоб додам, устод.

Сардухтур: Ҷавоб додӣ? Чилу дуро ҷавоб додӣ?

Ҷонишин: Ду ҳафтаи охир аз саломатиаш тамоман шикоят надошт, устод.

Сардухтур: Чӣ, шикоят надошт?

Ҷонишин: Не устод.

Сардухтур: Ту чӣ кор кардӣ, аҳлак!?

Ҷонишин Узр устод, аҳлаки кардам, гумон кардам ки...

Сардухтур: Чӣ гумон кардӣ, ки сардухтур таъин шудӣ? Гумонат ботил баромад, уко! Ман ҳоло зинда! Кӣ туро гуфт, ки чилу дуро ҷавоб деҳ! Кӣ?

Ҷонишин: Худаш хоҳиш кард, устод, гуфт ки...

Сардухтур: Хоҳиш кард? Ту барои чӣ хоҳиши мана ба инобат нагирифтӣ!?

Ҷонишин: Шумо чӣ хоҳиш карда будед, устод?

Сардухтур: Агар ту медонистӣ, ки ман ӯро бо чӣ роҳу усул оварда хобондам, ҳуш аз сарат парида мерафт, мефаҳмӣ?

Ҷонишин: Узр, устод, аҳлакӣ кардам.

Сардухтур: Ин аҳлакии ту аз бинии ман мебарояд. Дувоздаҳ нафар ӯро зораю таввало кардем, ки хоб равад! Ту чӣ кор кардӣ? Аҳлак! Як даҳан напурсидӣ?!

Ҷонишин: Бисёр зорӣ кард, устод. Кампири очама хоб дидам, – гуфт.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*




| | |
|---|---|
| Сардухтур: | Ман ба ёздаҳ нафар наздиконам ваъда додам ки: агар ҳамин мардак хоб равад зиёфат тани ман! |
| Ҷонишин: | Вай зиёфат диҳад. Шумо чӣ зиёфат медиҳед? |
| Сардухтур: | Ту медонӣ вай дар куҷо кор мекунад? |
| Ҷонишин: | Медонам. Директори ким-кадом як фирмаи калони сохтмонӣ будааст, устод. |
| Сардухтур: | Ду ҳафтаи охир аз саломатиаш тамоман шикоят, надошт, гуфтӣ? |
| Ҷонишин: | Тамоман, устод. |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сардухтур: Пагоҳ ман ӯро ба рианиматсия гузарониданӣ будам, аҳлак!

Ҷонишин: *(Ҳайрон)* Одами саломатро ба реанимация?

Сардухтур: Ҳа, ба реанимация! Чӣ механдӣ? Аҳлак! Боми беморхонаву фарши ду ошёнаро кӣ таъмир мекунад? Кӣ тахта мезанад? Беваи аммаат? Аҳлак!

## ХОБ

*Зан бо кори хона андармон аст. Шавҳараш марди ғавсе дод гуфта аз хоб бедор мешавад.*

Мард: Боше! Боше! Э шохат аз сарат монад!

Зан: Ҳа, мардак, чӣ гап шуд? Сиёҳӣ зер кард?

Мард: Уф-ф-ф! Напурс, занак! Хонасӯхта ҳариб ишкамама чок мекарде!

Зан: Ягон хоби ганда дидед?

Мард: Чӣ гуфтӣ? Ганда? Хоби даҳшатнок дидам-е...

Зан: Боз пур хӯрдед-да!

Мард: Пури хок? Ду мурғи бирён хӯрдаму як табаҳ сари синаи гӯсфанду ду-се сих ҷигари гов!

Зан: О, камтар хӯред намешавад!

Мард: Нахӯрам, хобам намебарад, занак, занак!

Занак: Камтар хӯред-да!

Мард: Иштиҳо дорам, ки мехӯрам-да!

Зан: Ба умеди иштиҳо хобатон рост набарояд, мардак?

Мард: Астағфуриллоҳ гӯй!

Зан: Астағфуриллоҳ, тавба кардам!

Мард: Не, аз ҳама аҷибаш ин ки дар хобам фаҳат ҳайвонҳо ба ман ҳуҷум мекунанд!

Зан: Ин оҳибати хуб надорад, бас кунед!

Мард: Чиро?

Зан: Хӯрданро.

Мард: Ту девонаӣ? Ман бас кунам, ҳаҳҳи маро ягон каси дигар мехӯрад!

Зан: Ҳаҳҳи шуморо каси дигар хӯраду шумо ором хоб равед, беҳтар нест?

Мард: Занак!

Зан: Лаббай?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мард: Ҳайвонҳо ҳам арвоҳ доранд?
Зан: Доштагистанд, ки дар хобатон медароянд-да!
Мард: Наход? Ту гумон мекунӣ ки...
Зан: Гумон не, ман ба фоидаи худатон гуфтам, мардак!
Мард: Дина шаб як хурӯси сиёҳи дайду чашмамро кут зад-е!
Зан: Хоб дидед ё..?
Мард: Дар хобам!
Зан: Дина шаб ҳам бисёр хӯрда будед?
Мард: Бисёр не, як табақ ошу ду коса угро дар хонаи ҳамсоя хӯрдаму як табақ қурутоб дар хонаи додарам. Хайр, ангуру харбуза, об ғизо ҳисоб намешавад.
Зан: Фаҳмо.
Мард: Чи фаҳмо?
Зан: Оши наҳору садақаву худоӣ гуфта аз субҳ то шом ишкамчаронӣ мекунеду фикр намекунед, ки ин хонадон ҳам хӯранда дорад?
Мард: Ҳар кас дар ин дунё насибаша мехӯрад, занак! Ман ҳам агар ин насибаи ман нест! – гуфта нахӯрам, соҳиби нон писанд накард – гуфта хафа мешавад.
Зан: Дар хобатон боз чӣ мебинед?
Мард: Ҳамин шаб субҳ надамида сони сафед хоб дидам.
Зан: Эҳе сони сафед хоб дида бошед, хӯрдан гиред, мардакҷон! Ҳар чизе ки дилатон мекашад, хӯрдан гиред, мардакҷон! Аз ҳеҷ чиз рӯй нагардонед! Иштиҳо ки бошад, хӯрдан даркор!
Мард: О нав гуфтӣ, ки....
Зан: Гапама гашта мегирам! Оши наҳору худоиву садақа, насиба ки бошад, сони сафед ҳам насиба-да!
Мард: Чӣ гуфтӣ?

## ДАДЕШ

Падар: *(Асабӣ)* Ҳа ту! Ту гунаҳкорӣ, занак!
Модар: Ман чӣ гуноҳ кардам, дадеш?
Падар: Ҳар гоҳ ки ман ӯро ҷанг мекардам, назанед, дадеш, метарсонед, дадеш! Ана оқибаташ!
Модар: Мошини худамон ҳам пачақ, дадеш?
Падар: Пачақ! Батамом пачақ!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Модар: Шӯхӣ мекунед, дадеш?
Падар: Чӣ хел шӯхӣ? Ягон ҷои обод надорад!
Модар: Мошини вай мардак ҳам пачақ, дадеш?
Падар: Мошини вай пачақтар!
Модар: Товон талаб кард?
Падар: Ҳа, камтарак. Боинсоф будааст.
Модар: Намозхон будагист, дадеш?
Падар: Намедонам! Ё мошини нав ё панҷ ҳазор доллар те, мегӯяд. Панҷ ҳазор!
Модар: *(Мулоимона)* Ҳа, ин ба гуфтан осон, дадеш.
Падар: Аз куҷо гирам, аз куҷо!?
Модар: Укоҳоятон намедиҳанд, дадеш?
Падар: Укоҳоям?
Модар: Пулашон мӯл, бизнесмен. Дувуним ҳазорӣ диҳанд, панҷ ҳазор мешавад, дадеш.
Падар: Барои тӯйи додарам қолини 200 доллара харида барем гуфтам, ту чӣ гуфтӣ?
Модар: Чӣ гуфтам, дадеш?
Падар: *(Тақлид карда)* Панҷоҳ доллара аз сару гӯшаш зиёд! – гуфтӣ-ку? Фаромӯш кардӣ?
Модар: Додаратон дорад, дадеш!
Падар: Ту он вақт зиёдтар доштӣ, занаки зихна! Сад бор гуфтам-е! Калиди мошина нате! Нате! Нате!
Модар: *(Гириста)* Худаш гирифтааст, дадеш....
Падар: Хонасӯхта хонавайронамон кард-е!
Модар: Муфаттиш чӣ мегӯяд?
Падар: Парвандаи ҷиноятӣ оғоз кардааст.
Модар: Чӣ? Ягон касро накуштааст-ку, дадеш? Барои чӣ парвандаи ҷиноятӣ?
Падар: Барои он ки аз киссаи сағираат хокаи героин ёфтаанд!
Модар: Вой! Наход? Бачаамро суд мекунанд?
Падар: Албатта, суд мекунанд!
Модар: Ягон илоҷ нест, дадеш?
Падар: *(ҷиддӣ)* Ҳаст! Ман худамро меовезам!
Модар: *(дод зада)* Дадеш!
Падар: Чӣ? Чӣ дадеш?! Дадеш мурд! Дадеша кушт! Писари ношудат кушт! Дигар мана дадеш нагӯй! Ман мурдагӣ! Арвоҳам бо ту лақ-лақ дорад! Фаҳмидӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Модар: Натарсонед, дадеш!

Падар: Ҳаштсаду наваду панҷ доллар дода дохилаш кардам! Гумон кардам, ки мехонад!

Модар: Мехонд-ку дадеш?

Падар: Мехонд? Аз хондана чашмаш сурх буд? Як ҳафта пеш пурсидам, ки чува сурх? Дари оғили ҳамсояро кафшер кардам, нури кафшер чашмамро зад – гуфт!

Модар: Инаш ҳам тақдири ману шумо, дадеш.

Падар: Боз мани аблаҳ бовар кардам! Агар мефаҳмидам, ки бангии худозада, боз банг задааст, мекуштамаш!

Модар: *(Бо овози гиряолуд)* Чӣ кор мекунем, дадеш?

Падар: Хонаро мефурӯшем, занак!

Модар: Хонаро? Худамон чӣ кор мекунем, дадеш?

Падар: Ту ба хонаи очаат меравиву ...

Модар: Шумо чӣ?

Падар: Ман ҳам китобҳоямро ҷамъ карда меравам қишлоқ!

Модар: Китобҳоро ҳам фурӯшед, дадеш. Як хона пури китоб!

Падар: Ту девонаӣ, занак? Китоба имрӯз кӣ мехарад?

## ЗЕБИ ХОНА ДИГАР МЕШУД...

*(Зан корди дасташро тез карда як сӯ мегузараду баъд сими кандашудаи утуро гирифта васл карданӣ мешавад.)*

Мард: *(Медарояд, дар дасташ гулдаста)* А-у-у..! Азизам... Дар дилам ишқ, дар ҷайбам пул, дар дастам гул овардам. А-у-у...

Зан: *(Асабӣ)* Лутф кардед. *(Нигоҳ намекунад)*

Мард: Ана ту лутф накардӣ, азизам. Ман арчаро намебинам. Худат медонӣ, ки соли нав бе арча...

Зан: *(Ҳамоно асабӣ)* Медонам, зеб надорад!

Мард: Медониву арчаро монда, бо корҳои техникӣ бандӣ. Техника-техника, лекин арчаро кӣ оро медиҳад?

Зан: *(Утуро як сӯ партофта, дар миёни хона рост меистад)* Биёред бозичаҳоятонро, мардакҷон! Ба гӯшу биниам бандед.

Мард: Чӣ, арча наовардӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Зан: Арчаро ҳам ман биёрам?

Мард: Хайр, меовардӣ, ду-се кило вазн дорад. Дар троллейбус баҳузур ҷо мегирифт. Ана, агар ҳозир дар байни хона, ба ҷои ту арча мебуд, зеби хона тамоман дигар мешуд.

Зан: Узр, вақтам нарасид, мардак, кунда кафондам.

Мард: Дидам, шаби соли нав аловӣ ҳам даркор. Гармӣ ҳам зеби хонаро дигар мекунад, азизам. *(Ногаҳон пешонаашро тоза карда)* И-е? Ҳоло ҳам мечакад-ку? *(Ба боло нигоҳ мекунад).*

Зан: Дина шиферашро иваз кардам, мардак.

Мард: Маълум, ҳангоми ивазкунӣ боз ягон шифери дигарро шикастӣ-да.. Ана агар бо эҳтиёт почиката болои шиферҳо мемондӣ, корат зеби дигар мегирифт, занакҷон.

Зан: Узр, мардак, ин дафъа чакад...

Мард: Ана боз лутф карда камакак гаҷро мегирифтиву ҳо ана, ҳамон ҷои кандагиро андова мекардӣ, зеби хона дигар мешуд.

Зан: Шумо чӣ кор мекунед, азизакам?

Мард: Ман моэстро, азизам.

Зан: Дар кадом қонун навишта шудааст, ки шумо моэстрову ман побелстро?

Мард: *(Бо ангуштонаш бозӣ карда)* Ман Бетховен, Бах, Шопен, Зиёдулло Шаҳидиро зинда мекунам, азизам. Дарвозаи олами мусиқиро барои мардум боз мекунам. Асабҳоро оромӣ, қалбҳоро нармиву осоиш ато мекунам, азизам. *(Мусиқии нармеро замзама мекунад)*

Зан: Лекин аз ин навозишҳои шумо асаби ман ором намешавад, мардакҷон.

Мард: *(Хеле мулоим)* Ту мусиқиро намефаҳмӣ, азизам. Агар мусиқиро мефаҳмидӣ, мусиқиро дарк мекардӣ...

Зан: *(Ӯ низ хеле мулоимона)* Ман дигар чизро дарк кардам, мардакҷон.

Мард: Чиро азизам?

Зан: Агар дар ин хона мард мебуд, зеби хона батамом дигар мешуд..! *(Ҳамон мусиқии шавҳарашро замзама карда меравад. Мард аз паси занаш нигоҳ мекунаду боз пешонаашро молиш дода, ба боло нигоҳ менигарад).*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# БАЪД АЗ ПАХТА

*(Раиси колхоз пеш-пешу ҷонишин аз қафо, ба саҳна мебароянд).*

Ҷонишин: Дар набудани шумо раисака, ҳаммомчӣ қариб бист бор телефон кард.

Раис: Чӣ мехоҳад?

Ҷонишин: Чаро ҳаммомро маҳкам кардед? Ман шикоят мекунам! – мегӯяд.

Раис: Ту чӣ гуфтӣ?

Ҷонишин: Росташро гӯям раисака, тарсидам. Мекушоем, – гуфтам.

Оаис: Қандата мехӯриву мекушоӣ! Ҳеҷ гуна ҳаммом-паммом нест! Ҳамааш баъд аз пахта!

Ҷонишин: Раваду раисака, дарро зада дарояд-чӣ? Вай чунон бадвоҳима ки... Пир бошад ҳам пеш гӯшингир будку?

Раис: Агар дарояд, ту гӯшаки телефонро бардору...

Ҷонишин: Фаҳмидам, шуморо ҷеғ занам?

Раис: Не, ба сараш фурор! Фурору вақте ки ба худ ояд, баъд аз пахта! – гӯй! Фаҳмо?

Ҷонишин: Фаҳмо раисака, рафта мегӯям, ки шумо банд, баъд аз пахта биёяд. *(Меравад)*

Раис: *(Асабӣ)*. Инсоф надоранд-е... Пахта мондагиву...

Ҷонишин: (Аз назди дар) Гӯшаки телефонро бардоред, раисака.

Раис: *(Гӯшаки телефонро мебардорад)*. Ҳа ман. Дод нагӯй, ман кар не, чӣ мехоҳӣ? Қулфи даҳмана? Ман овехтам! Не, баъд аз пахта! Ҳа, савод дорам. Китобхона. Китобхонаи колхоз! Гӯш кун, додар, кадом одам дар ҳамин вақт китоб мехонад? Ту медонӣ пахта чӣ гуфтанӣ гап? Чӣ? Намедонӣ? Ба саҳро баро мефаҳмӣ, аҳмақ! *(Бо қаҳр гӯшаки телефонро ба ҷояш мемонад)*. Эҳа, олима бину... Китоб мехондааст, тоба.

Ҷонишин: *(Мебарояд)* Директори мактаб омадааст, раисака. Дарояд?

Раис: Чӣ кор дорад?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷонишин: Онҳо дар ҳавлии мактаб майдончаи футболбозӣ сохтаниaнд. Аз афташ, барои ҳамон...

Раис: Чӣ? Майдончаи футболбозӣ?

Ҷонишин: Ҳа, як бори дигар ҳам омада буд-ку?

Раис: Эҳ, афсӯс ки вақт надорам! Вагарна ман ба ӯ футболро нишон медодам! Рафта ба вай гӯй, ки ҳамааш баъд аз пахта! Мо ҳозир як майдон дорем!

Ҷонишин: Рост, рафта дар ҳамон ҷо бозӣ кунанд! Не, барои онҳо дар назди мактаб сохта те.

Раис: Ту чӣ пақ-пақ дорӣ? Ман майдони пахтаро мегӯям!

Ҷонишин: *(Саросема)* Фаҳмо раисака. Рафта мегӯям, ки шумо банд, баъд аз пахта биёяд. *(Меравад)*

Раис: *(Асабӣ)* Сабил монад! Маро занам имрӯз ё пагоҳ мезояд. Хабар гирифта наметавонаму онҳо дар бораи майдончаи футболбозӣ фикр мекунанд.

Ҷонишин: Раисака, гӯшаки телефонро гиред.

Раис: *(Гӯшаки телефонро бардошта)* Ҳа! Кадом таваллудхона? Барои чӣ дар пахта нестед? Чӣ? Бача? Аллакай? Муборак шавад! Э, ҳа ташаккур. Кай мегирем? Баъд аз пахта! Баъд аз пахта, хоҳарам! *(Гӯшаки телефонро мемонад)*.

Ҷонишин: *(Хурсанду хушҳол ба саҳна мебарояд)* Ана ин хушхабар! Ана ин хурсандӣ! Э, тамошо мешаваде...

Раис: Не, азизам! Ҳеҷ чиз намешавад! Ҳамааш баъд аз пахта!

Ҷонишин: Шумо чиҳо мегӯед, раисака... Охир, ин ансамли машҳури республикавиамон аст! Мо бояд фахр кунем, ки онҳо дар колхози мо баромад мекунанд.

Раис: *(Ҳайрон)* Чӣ-ӣ? Чӣ хел ансамбл?

Ҷонишин: *(Хурсанд)* Ансамбли «Зебо»! Ҳо, э санам, рақс мекунанд-ку?

Раис: Ту чӣ хурсандӣ дорӣ? Ҳеҷ гуна санам-панам нест! Ҳамааш баъд аз пахта!

Ҷонишин: Шуморо фаҳмида намешавад, раисака. Баҳор театр омад, гуфтед, ки баъд аз алаф! Ҳозир баъд аз пахта! *(Бо қаҳр)* Аз вақте ки шумо раис шудед, мо ягон кинову театр надидем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Раис: *(Ҷиддӣ)* Ҳой, аҳмақ! Ту дар колхоз кор кардан мехоҳӣ ё э санам, – гуфта, ҳамроҳи ансамбли «Зебо» меравӣ?

Ҷонишин: Натарсонед, раис! Ман беҳтараш ана ба колхози ҳамсоя меравам. Дар он ҷо ҳам пахта ҳаст, аз мо бисёртар! Онҳо ҳам план доранд ва ҳамеша аз мо пештар планашонро барзиёд иҷро мекунанд! Ҳамаи ин пешравиҳо барои он ки онҳо маданият доранду санъатро эҳтиром мекунанд!

Раис: *(Бо қаҳр)* Рав! Садқаи сарам!

Ҷонишин: Меравам, бо шумо одам дилкаф мешавад! *(Меравад)*

Раис: *(Худ ба худ)* Ҳар сол ана ҳамин аҳвол... Кадрҳои хуб моро партофта меравaнд. Не, онҳо намефаҳманд, ки пахта чӣ гуфтанӣ гап аст! Э, садқаи пахта шаветон-е! Пахтаро чин, баъд, э санам рақс кун-да!

## НОЛА КУН-Е, НОЛА КУН-Е...

Мард: *(Каҷпаҳлӯ зада, сурудеро замзама дорад)*
Нола куне, нола куне,
Монанди булбул нола кун,
Бедор шав вақти саҳар.

Зан: *(Даромада)* И-е, чӣ нола доред, мардак?

Мард: Эҳ занакҷон, аз ту як соат ҷудоӣ хуш намеояд маро, барои ҳамин нола дорам.

Зан: *(Ҳайрон)* Чӣ, ин субҳ бо пои чап хестед, мардак?

Мард: Чапу росташро намедонаму лекин ту занакҷон, рӯз ба рӯз дар назарам қашанг метобӣ.

Зан: Ҳа, мардак, оши наҳор бо равғани зағир буд?

Мард: Қандаша занад мардаки тӯйдор! Ошам ош буд-да! Девзираи Исфара, ангури чиликаки Регар барин дароз буд, занак!

Зан: Девзираи Исфара – гуфта бебаркаш нахӯред-да мардак, фишоратон баланд нашавад?

Мард: Натанҳо аз ман, хуни чандин кас ғалаён кард, занак.

Зан: Девзираи Исфара бо равғани зағир намешудааст-да.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



Мард: Не занак, оша лӯпондему лекин хун аз дигар чиз ғалаён кард.

Зан: Аз чӣ?

Мард: Аввал як чойи талх мон, занакҷон.

Зан: Ҳозир, мардак *(меравад)*.

Мард: Об-бое, оши наҳор хӯрдана хӯрдаму лекин чӣ хел карда ба ин занак фаҳмонам, ки... *(боз ҳамон суру-*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*дашро мехонад)* Нола куне, нола кун-у, монанди булбул нола кун... Бедор шав вақти саҳар...

Зан: Ҳозир мечӯшад, мардакҷон, нола накунед.

Мард: Э туя дастат гул, занакҷон, аз дасти ту ҳамон чойа начӯшида менӯшам. Шин занак! Давоми қиссаро гӯш кун! *(механдад)*

Зан: *(Ҳайрон)* И-е, саломатиатон дар ҷояш мардак?

Мард: *(Боз хандида)* Аз оши наҳор баромадему маълими Сафол туфлиша наёфт! Почомулло калӯши даридагӣ пӯшида рафт! Амаки Сабур! Патинкаи ман канӣ!? – гуфта қариб тӯйдора ҳақорат мекард.
*(Суруд мехонад)*
Нола куне, нола куне,
Монанди булбул нола кун,
Бедор шав вақти саҳар.

Зан: *(Ба атроф нигоҳ карда)* Калӯшҳои напа нави шумо канӣ мардак?

Мард: Калӯши мана барвақт бурданд. Аввал калӯши нави мана бурданд, занак!

Зан: Ии-и!?

Мард: Ана акнун фаҳмидӣ, ки барои чӣ ман нола дорам, занак?

Зан: Барвақт фаҳмидам, аз занакҷон гуфтанатон фаҳмидам!

Мард: Чой ҷӯшид?

Зан: Намеҷӯшад! *(Бо қаҳр баромада меравад)*

Мард: *(Аз паси ӯ)* Гуноҳи ман чӣ занак? Калӯшама дар бағал гирифта оши наҳор дароям?

## ЗАМИН НАВ СОҲИБША ЁФТ

*(Марди солхӯрдае ба саҳна баромада)* Сар кунум? И микрафонут кор мекуна? Ҳамаи гапома бугум? Кулучитуш ку?

Ассаломъалекум, рафиқо! Мун, индивалиди Ҷанги Бузурги Ватаниум! Агар соли аввали ҷанги Гирмон, да пом тир намехурдум, то Берлина мерафтум! Ҳазор раҳмат! Ҳазор раҳмат ба ҳукумат, ки ису-усу карду замин соҳибша ёфт! Да



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

як хел калхозу савхозо, замин нав бесоҳиб мунда боша, да калхози мо барвақт соҳибша ёфт! Заминой овира, раису хешу таборош, барвақт соҳибӣ кардан! Нек, заминой лалмирам, бесоҳиб намудан!

Ана, мун, ки индивалиди Ҷанги Бузурги Ватаниуму агар да пом тир намехурдум, то Берлина мерафтум, зури раис нарасид, панҷ гектар, замини овӣ гирифтум!

Кӣ мега, ки замин ҷазир шидай? Касе мега, худуш ҷазир шидай! Ҳамаи гап дар меҳнату ҳавсалаҳай! Замина дору бутӣ, пору бутӣ, буҷунб, ису-усу, бгӣ!

Э мардакой хуб, савзиву тушкае, ки мун ҳами сол грифтум, на ба хурдан тамом мешава, на ба бурдан! Дарди сарум шидай! На тушкама ису-усу карда мешавад, на савзима!

Калуной калхоза мегум: Истаро кунум? Тушкоҳома кӣ мегираву савизма кира бутим? Меган: худут ису-усу ку! Истаро? Главрачи балнисара гуфтум, ки: Ҳами тушкоҳома қати савзим намегирӣ? Мега, калуни бадай, тез мепуса! Интернат мега – дорем.

Девнахуна надораву пул надора! Запхоси девнахуна мега: Гуманитарниш ку, бово!

Ай? Гуманитарниш кунум, худум хока бухурум, ҷуни бово?

Хай, ина як тонша гуманитарни бигӣ, асталнойша ису-усу куву пулма бутӣ, ҷуни бово!

Чӣ мега: Девна ай гиҷо пул дора?

Гапуш форидум, рост мега. Ҳушдор, ки пулут натия, ай девна пул гирифта мешава?

Мн, индивалиди Ҷанги Бузурги Ватаниюм, пойи чапум болу гайка намедошт, мебурдум дар Душанби, ису-усушу мекардум!

Э мардакой хуб, истаро кунум? Ҳаму главрач рост гуфт, тушкаҳом лумби бадан, мепусан.

Порина, ду буқама ай оғилум бурдан. Учаскавойа хавар кардуму да бало мундум. Миёяву: Да Телмон ду буқа ёфтем, ай ту набошан? Хай, мошинша заправка мекунум, мерем, на буқаҳай, на пуқа. Ду модаговай! Руз сфед нашидай, ки бо миёя: Да гранисай Узбакистон се буқа ёфтем, ку мошина запрфка ку, ай ту набошан?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мошинша запрафка мекунум, мерем, раҳбараҳ, да шаш ҳафт ҷо, абит мекуна, хокшида! Ранги саг, қоқай, хурдагиш гиҷо мерава, Худо медуна. Ина, яг сол мешава, ки иcy-ycy merему миёем, на да иcy буқаҳай, на да усу! Бо дина умадай: Бово, да Лахши Ҷиргатол, ду буқай лум ёфтан. Ай ту набошан?

Мн гуфтум, не, ай мун нестан. Мн буқаҳома ёфтум!

Ай мошини бебинзин бурмада чӣ мега: тш-тш!

Тш-шш-тш-шш наку, гуфтум, мн буқаҳома ёфтум!

– Не, бово, ту буқоҳота наёфтӣ, мошина запрафка ку, мо буқоҳота миёвем. Ина, истаро кунум? Агар қатиш брам, раҳ ба раҳ то Ҷиргатола панҷоҳ исталовояй! Хунам да пуштум мегарда! Намерам! Ношугри ҳаму буқаҳо! Решаш да тарияй! Ҳами тушкоҳома қати савзим иcy-ycy кунум, даҳ буқа мешава! Ҳамита не..?

Охи, замин, ки соҳибша ёфта боша нахо учаскавой, ду буқара наёва..?

## ЗАМИНЛАРЗА

Ассалому алейкум. Синну сол ки рафт, мерафтай-да... Дига на соли навут мефораву на соли кӯҳна. На хобиву на бедор, на бедориву на хов. Шаво ба ҳасрат пуштакӣ мезаниву нақшу нигори паталок тамошо мекунӣ... Дар умрум хуррок намекашидум: Чӣ хуррок мекашӣ, трактур воре? Чӣ курпара мекашӣ, ту тоқай? мегаву якта да сандуқи синам мезана, бева.

Дина шавам, ҳамита гуфта буд, ки ай ҷом хестуму иқа пахтай куҳнара да патом сахт кардуму курпара дар сари бева шапидум:

– Бигӣ! Курпат ай сарут мона! – гуфтуму ҷомама дар сарум печондум. Бева хова зад..! Кай парво дора, ки поҳои ма ай кӯрпа берунан?

Як руз, каҷкаҷ духтур рафтум. Духтури утарира «уралог» мегуфтиян. Ҳамиқа анализум навишт, ки як моҳ давидум. Ким, мондагиш ҳаму анализода рафт!

– Зиқ нашав, ота! Мебардоремуш, – гуфт духтури уралог.

– Чира?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Фишорта.

– Фишорум созай, бачам, ту...

Хандиду: Ина ҳамин дорура ду руз бухуву рӯзи сеюм...

– Бо биём? – гуфтум.

Не, ҳуҷум ку, ота! И доруй американскияй, – гуфт. Ай хурсандима, ҳамай пулома додумуш. Дига, намедонум чӣ хел хона омадам. Ду руз «наташак» дорура хурдуму рузи сеюм!.. Курпара баланд парто, бева! Имшав заминларза мешава! – гуфтум. Фаҳмид! Ма рафтум, дастбахок. Ай усу миём, дар хона чӣ курпаву курпачае буд, ҳамаша партофтай, бева! Дорура хурдуму будилника дар пешум мондуму мардак воре, ғелидум. Соат тик-тик дораву дар хона пашша пар намезана. Даҳ минут гузашт, маву занак бедору...

Бист минут гузашт, маву занак бедору... Соат тик-тик дора...

Алохон наша, занак, и дору американскияй, дер да кор медарора, арганизма, – гуфтум. Як соат гузашт, маву занак бедору... Соат тик-тик дораву...

– Мардак, духтур нагуфт, ки и дору баъди чанд соат таъсир мекуна? – мулоим пурсид занак.

– Буғел, буғел, занак, то мурғфарёда, ҳоли хела вақтай, – гуфтум.

Ду соат гузашт, маву занак бедору... Соат тик-тика бас намекунаву... Бор баракат – гуфта бо як дору хурдум! Се соат гузашт, дору таъсир накард. Ма бедору... Соат тик-тик дораву... бевара барвақт, хов бурдай!

Чор соат гузашта буд, ки ма бедору занак хобу соат занг мезанаву:

Замин ҷунбид, мардак? – мегаву занак бедор мешава.

Ма гуфтум: Не, баҳузур хов ку, буҷунба, ма худум, мардак воре, бедорут мекунум.

Бева хова зад..! Панҷ соат гузашт, замин наҷунбид. Шаш соат гузашт, замин наҷунбид. *(Хурсандона)* Бо сиҳ дақиқай дига ба вақти маҳаллӣ, гузашта буд, ки... яке, занак да хуроккашӣ дромаду ҳеҷ қарз ба қиёмат намондай, – гуфта:

– Э бева! Чӣ иқа хуррок мекашӣ, булдозур воре!? Ба у нимут ховра?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ҳафтод бало бреза аввал худта, баъд доруй американскийта! Қати ту, дига фақат хуррок мекашум, – гуфту сатилой ови гарма бурд ай қаҳра, дар берун партофт.

Ма, мардак воре, дар болой ҳафт қабат курпача ғелидагӣ:

Худо бутата, метета, натата, наметата, – гуфтуму хова задум...!

## ДАҲАНИ ВОЗ

*Марди ишкамкалоне папка дар даст ба саҳна мебарояд.*

Мард: *(Мехонад)* Мағозаи Сайхӯҷа! Ҳазору сад, Сомониён, нағз. Кафе Абумуслим, нағз. Ҳазору сад, Сомониён. Чойхонаи Саймуддин, 1100, Сомониён. Офарин! «Прожки» Тӯрақул. Э қандата зан, Тӯрақул-е! 1100 Сомониён! Бо ба тоҷикӣ навиштай-е! Мағозаи Хайём, 1100 Сомониён! Тооба! Яке фалак чалак шаваду раҳматии Хайём ай гӯри кӯҳна бухезаву ин мағозаша ба и нарху наво бина, талхакаф намешава? Ай? Пивбари Ҳамидҷон? И даҳани воз, ҳичи нанавиштай-ку? Э! Э даҳани воз! Ку инҷа биё! Тура мегум-е, даҳани воз!

Ҳомид: Лаббай, ака?

Мард: Номут чияй?

Ҳомид: Ҳомидҷон.

Мард: Номут Ҳомидай! Ҷонша, бура очат буга! Фаҳмидӣ?

Ҳомид: Фаҳмидам, Номам Ҳомид, ака.

Мард: Дар барут чӣ навиштагияй?

Ҳомид: Ҳеҷ чиз, ака.

Мард: Ҳеҷ чиз? Навиштагияй-ку?

Ҳомид: Ина ака, ҳеҷ чиз навиштагӣ нест.

Мард: Э даҳони воз! Дар болои дари барут чӣ навиштагияй?

Ҳомид: Пивбари Ҳомидҷон, ака.

Мард: Ту бояд чӣ менавиштӣ?

Ҳомид: 1100 солагии Сомониён.

Мард: Чува нанавиштӣ?

Ҳомид: Намечаспад, ака.

Мард: Намечаспа? Чӣ намечаспа?

Ҳомид: 1100-солагии Сомониёну пива, ака.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мард: Охи, ту «клей» қатӣ бучаспонуш, даҳани воз! Пива қатӣ, «канешна» намечаспа!

Ҳомид: Не, ака, мантиқан... намечаспад.

Мард: *(Дод зада)* Ту бучаспонуш! Даҳани воз! Мечаспа ё намечаспа, кори ту набоша! Намечаспа! Курӣ? Уна бин!? Да болойи прожки Тӯрақул часпидагияй-ку? Уна! Дар тайи Абумуслим луфтак воре часпидай! Уна! Да болой «вино» хуб хушру часпидае! Гул кардай-е! Вино, 1100-солагии Сомониён! Аку чува дар бари ту намечаспа, даҳани воз!

Ҳомид: Акаҷон, шумо маро нафаҳмидед, ман худам филолог, зиндагӣ камтар...

Мард: Фаҳмидум, филологӣ, зиндагӣ пивологут кардай! Аку филологӣ ё пивологӣ, додар, қоидаву қонуни бозора вайрон наку! Райуни мо дурам боша, маърака – маъракайи умумиҷумҳурияй! Фаҳмидӣ, даҳани воз? Шумо савдогаро, ғорат кардани халқа медуне. Ана 1100-солагии Сомониёна пива қатӣ часпонда наметоне!

Ҳомид: Намечаспад, акаҷон.

Мард: Гапа кам кун, даҳани воз! Начаспа ҳам бо мегум, ки бучаспонуш! Ма тура нагуфтум, ки дар полесай хонайи очат бучаспонуш! Уҷа очат хуҷаинай! Иҷа бозори райунайу ма хуҷаинум! Начаспа ҳам бучаспонуш! Фаҳмидӣ, даҳани воз?

Ҳомид: Акаҷон, оё илоҷе надорад, ки...

Мард: Надорад! Гап ҳами! Ма хдойӣ мерам, «гуманитарний завтрак». Агар то гашта омадани мара нанависӣ, «налог» қаврта то бехи локӣ мекана! Локира медонӣ, даҳани воз?

Ҳомид: Не, ака.

Мард: Локи ин, рӯймол, миёнбанд, фаҳмидӣ?

Ҳомид: Фаҳмидам, ака. Мебахшед, Исмоили Сомонӣ кӣ буд?

Мард: Шуйи холат буд! Ма ай киҷо медонум Исмоили Сомонӣ кӣ буд? Ҳазору сад сол гузаштай-е! Ҳуш дорӣ, даҳани воз? Рузи ид қаври бобома кофтанӣ рафтум, ки дар сари гуруш дуо кунум, на ай гур дарак буд, на ай бобом! Порина мурда буд, раҳматӣ! Бо савол дорӣ, пиволог?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ҒАМХОРӢ

Падар: *(Худ ба худ)* Боз чӣ маҷлис бошад? Ба ҷои ҳамин маҷлису маҷлисбозӣ дарс диҳанд намешавад? Салом, додар. Шумо намедонед, синфи писари ман дар кадом ошёна?

Муаллим: Писаратон синфи чанд мехонад?

Падар: Ё ҳашт ё нӯҳ. Не, ба фикрам ҳафт. Рост, рост, синфи ҳафт мехонад. Солаш гов.

Муаллим: Номи писаратон чӣ?

Падар: Сайвалӣ Уроқов.

Муаллим: Ҳа-а-а, Сайвалӣ синфи нӯҳ мехонад.

Падар: Воҳ! Аллакай нӯҳ? Ҳаштро тамом кард?

Муаллим: Ҳа, бо як азоб.

Падар: Нағз, азоб кашида бошад, одам мешавад. Ҳеҷ роҳат бе азоб нест. Мана, мо дар вақташ азоби сага кашида будем. Ҳозир корамон роҳат, кайфу сафо. Додарам, аз шумо илтимос, рафта ба роҳбари синфаш гӯед, ки падари Сайвалӣ омадаасту вақташ кам.

Муаллим: Бисёр нағз, роҳбари синфаш худам.

Падар: Шумо? Э, ассалому алайкум. Нағз ҳастед? Хурду калон ҳама тинҷ? Ина бинед-а, қариб нашиносам, Узр, узр, додарам.

Муаллим: Бисёр хуб шуд, ки омадед.

Падар: Чӣ, имрӯз маҷлиси падару модарон мешавад?

Муаллим: Маҷлис дина буд, ако.

Падар: Дина? Э, мо андак дер мондем-да, ягон масъалаи муҳим буд, додар?

Муаллим: Ман шуморо барои он ҷеғ зада будам, ки гоҳ-гоҳ бо писаратон сӯҳбат кунед. Умуман, каму беш эътибор диҳед.

Падар: Э, додар, ҷинс гуфт, харида додам. Телефони мабилни гуфт, харида додам, красовкаи «Адидас» гуфт, харида додам. Ҳар рӯз ба кисааш даҳ-понздаҳ сомонӣ метиқонам. О, боз чӣ хел эътибор диҳам?

Муаллим: Соати япониро ҳам шумо харида будед?

Падар: Н-не, модараш харид... Чӣ... соаташро гум кардааст? Тилоӣ буд! Тилои тоза. Фаҳмо. Аниқ, ягон талаба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дуздидааст. Ё ягон муаллим фиреб карда гирифтааст. Аз ду яке.

Муаллим: Ором шавед, соаташ дар дасташ. Ба худаш насиб кунад! Ман панҷ сол боз роҳбари синфаму ягон бор дар рӯзномаи Сайвалӣ имзои шуморо надидаам. Модоме ки вақтатон кам асту ба мактаб омада наметавонед, ақаллан рӯзномаи писаратонро як бор варақ занед.

Падар: Исто, додар, дар рӯзномааш имзои ман ҳам даркор аст?

Муаллим: Албатта, набошад писаратонро барои чӣ ба мактаб мефиристед?

Падар: Дигарҳо мефиристанд, мо ҳам мефиристем. Хонад, одам шавад...

Муаллим: Аммо писари шумо барои намоиши либосҳояш меояд. Инаш монтана, ваяш техасс гуфта, бачаҳоро бероҳа мекунад. Сонӣ пагоҳ, шумо аз гиребони муаллимҳо мегиред, ки чаро писарамон дохил нашуд.

Падар: Ба фикри шумо ба ин кӣ гунаҳгор, додарам?

Муаллим: *(Бо киноя).* Мо, мо, муаллимҳо, ки ҳам дар хонаву ҳам дар кӯча аз болои онҳо назорат намекунем.

Падар: Киноя нагӯед, додар. Ана мебинед, Сайвалии мо рассом мешавад.

Муаллим: Аз баҳораш маълум... Дина дар болои мизи ман чунон чизҳое кашидааст, ки...

Падар: Гап байни худамону, чӣ кашидааст?

Муаллим: Бовар кунед, ман дар ҳамин синну сол аз гуфтанаш шарм мекунам.

Падар: Фаҳмо. Аз афташ, боз ягон аҳмақӣ кашидааст. Бачаи бешарм! Ҳеҷ аз ҳамин аҳмақиаш намонд-да! *(механдад).* Як рӯз аз кор биёям, дар танаи дарвоза сурати очаашро кашидааст. Э, додар, наздик шуда, занакро оғӯш мекунам гуфта, қариб пешонаамро кафонда будам.

Муаллим: Ако, бигзор писаратон рассом шавад. Лекин рассоме, ки роҳу рафтори хуб, одаму одамгариро надонад, ҳеҷ гоҳ зебоиро офарида наметавонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Падар: Чӣ? Ҳозир зебоӣ ба кӣ даркор аст? Шумо гумон мекунед, ки очаи Сайвалӣ маро барои зебогиам гирифт? Афти мана бинед? Кучои ман зебо? Ана бо ҳамин афти хунук ман вая... не, вай мана гирифт. Чува гӯед?

Муаллим: Чува?

Падар: Барои муллоҷирингам, додар, барои муллоҷирингам. Муллоҷиринг! Ана зебоӣ... Шаби тӯй хушдоманам афти маро диду хонем сӯхт гуфта, шаш рӯз гиря кард. Чува гӯед?

Муаллим: Чува?

Падар: Афтам хунук буд-да. Хунукрӯ будам. Ана ҳозир «домодамба мурам, домодҷонамба мурам» гуфта, ҳафт қабат кӯрпача мепартояд. Чува гӯед?

Муаллим: Чува?

Падар: Барои «ламбада» *(оҳанги ламбадаро замзама мекунад)* Ин хелӣ ламбада не. Барои ин хелӣ ламбада вай пир шудагӣ. Ламбада ин як навъ матои қимматбаҳо. Боз шумо мегӯед, ки Сайвалӣ зебоӣ офарида наметавонад. Ҳа, гуфтагӣ барин краска-праска, обоймобой лозим шавад, зебоӣ дар дасти худамон, додарам. Шарм накунед. Маҷлиси оянда кай мешавад, муаллимҷон?

Муаллим: Овора нашавед, ака. Лозим шавад, худамон ҳамаашро ҳал мекунем.

Падар: Ҳа, кафели чехӣ ҳам дорем.

Муаллим: То дидана, акаҷон. Хайр, хуш бошед. Хайр. *(Худ ба худ)* Рафта Сайваличона аз дарс ҷавоб медиҳам.

## ИТОАТ, РАФИҚ КОМАНДИР!

Комил: Об-бо-е.., Каримҷон-е, агар тасодуф вонамехӯрдем, ту маро умуман суроғ намекардӣ, сағира.

Карим: Ман намедонистам, ки ту дар шаҳр зиндагӣ мекунӣ, Комилҷон.

Камол: Медонистиву назарат намегирифт, сағира.

Карим: Не, не, ба Худо, ки не. Аз ин пас, рост ба хонаи ту меоям.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Комил: Ё пештара барин, метарсӣ?

Карим: Ту хуни бинӣ будӣ-е! Ҳама аз ту метарсиданд! Дар синфамон ягон кас набуд, ки аз ту шатта нахӯрда бошад.

Комил: Воҳима мекунӣ, Карим.

Карим: Чаро воҳима? Аз тозаву озода будани хонаат маълум, ки ҳоло ҳам ҳамон Комилҷонӣ. Сиёсатат ҷиддиву барҷост!

Ситора: *(Майори ҳарбӣ, медарояд)* Салом ҷанобон!

Комил: Салом, рафиқ командир. *(Гулдастаи болои мизро гирифта ба Ситора дароз мекунад)*. Ид муборак, рафиқ командир.

Ситора: Муташаккирам, лутф кардӣ. *(Гулро мегирад)*.

Карим: Муборак шавад, янга.

Ситора: *(Ҷиддӣ)* Чӣ хел янга..?

Карим: Узр, рафиқ командир, нафаҳмидам.

Комил: Ин кас ҷӯраи солҳои мактабиам, рафиқ командир. Хабаргирӣ омадааст.

Ситора: Хуш омадед, меҳмон. Ин дафъа, ки омадед, пойафзолатонро дар болои қолин набуроред. Фаҳмо?

Карим: Фаҳмо, рафиқ командир.

Ситора: Шинед, меҳмон. *(Ба Камол)* Ман танҳо ба меҳмон иҷозати шиштан додам!

Камол: *(Зуд аз ҷой мехезад)* Узр, рафиқ командир.

Ситора: Аз хона бӯи чанг меояд! Маълум, ки қолинҳо афшондагӣ не!

Комил: Ду рӯз пеш афшонда будам, рафиқ командир.

Ситора: Қолинҳоро ҳар рӯз афшондан даркор! Фаҳмо?

Комил: Фаҳмо, рафиқ командир.

Ситора: *(Тирезаро даст зада)* Тиреза ҳам чанг дорад! Шишаи тиреза бояд чунон тоза бошад, ки одами дидагӣ, шиша доштанашро пай набарад!

Комил: Итоат, рафиқ командир.

Ситора: Меҳмонро бо чӣ зиёфат медиҳӣ?

Комил: Ҳар чизе ки дилаш мехоҳад, рафиқ командир.

Ситора: Ҳар чизе ки диҳем! Якум, карамшӯрбо, дуюм, «перловка» бо гӯшти қима, сеюм кисел!

Комил: Аз нӯшокиҳои спиртӣ чӣ, рафиқ командир?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ситора: Мутлақо не! Бе нӯшокии спиртӣ.

Комил: Рафиқ командир! Рафту меҳмон хоҳиши нӯшидан...

Ситора: Инҷо тарабхона нест! Агар меҳмон рафтанӣ шавад, ихтиёр дорад, бисёр зорӣ накун!

Карим: Ман шаб мемонам, рафиқ командир.

Ситора: Боракалло! Ана ин ҷавоби мардакӣ, ҳарбиёна! *(Ба Камол)* Ба меҳмон фаҳмон, ки танҳо ҳамин шаб ҳуқуқи дар хонаи мо мондан дорад.

Карим: Фаҳмидам, рафиқ командир.

Ситора: Боз беҳтар. *(Ба Комил)* Ман дар қисми ҳарбӣ, навбатчӣ ҳастам. *(Ба меҳмон)* Агар набинем, хуш омадед. Худо ёратон, меҳмон. *(Меравад)*

Комил: *(Комил сараширо дошта, бо овози гиряолуд)* Ана дидӣ, Каримҷон..? Хоҳиш мекунам, ба арвоҳи Комилҷони раҳматӣ, Комилҷони зӯр як фотиҳа хон..! Ҳамин хел хон, ки ба ҳафт пуштам кора кунад.

Карим: Ту девонаӣ, Комил? Ман ҳам аз ин ҷо рафта занамро пеш мекунам! Ягон занаки капитан ё майор мегирам! Намояндаи артиши миллӣ дар хона бошад, дар он хонавода тартибу низом, ободӣ мешавад!

## ТОНУ ДАР НАМОН

*(Қиёмиддин дар гӯшае нишаста рӯзнома мехонад. Асалбек дар даст тӯрхалта дамҳакакунон пеши Қиёмиддин меояд)*

Асалбек: Ассалому алейкум.

Қиём: Ваалек, марди Худо.

Асалбек: Ака, вақт дорӣ?

Қиём: Барои худам ҳа, дорам. Ту чӣ мехоҳӣ?

Асалбек: Хоҳиши ман ҳам вазнин нест, ака.

Қиём: *(Ба ӯ маънидорона нигариста)* Ту ба ман вазни хоҳишатро не, муддао, мақсадатро гӯ! Шаф-шаф нагӯ, шафтолу гӯ.

Асалбек: Шафтолуи гап ҳамин: агар ёбӣ, ки ман дар тӯрхалтаам чӣ дорам, як донааш аз ту.

Қиём: Шафтолу.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Асалбек: Наёфтӣ, ака.

Қиём: Кивӣ!

Асалбек: Бой додӣ, ака. Ман дар тӯрхалтаам себ дорам. Чор дона себ. Ҳамагӣ чор дона себи шустагӣ.

Қиём: Хайр чӣ?

Асалбек: Ҳичӣ. *(Як дона себро баровaрда)* Ҳозир ман ин себҳоро якта-якта мехӯраму ту, ки бой додӣ, донакҳои себро ҷудо карда ба ман медиҳӣ.

Қиём: Намешавад, ки ман себҳоро хӯраму ту донакҳояшро ҷудо кунӣ?

Асалбек: Не, намешавад.

Қиём: Барои чӣ?

Асалбек: Ту бой додӣ-ку? Мардак барин бой додӣ. *(Себро хӯрдан мегирад).*

Қиём: Оҳиста! Пӯчоқи себ ганда, агар дармонад, тамом! *(Омин мекунад).*

Асалбек: Медонам, барои ҳамин эҳтиёт карда мехӯрам, ки дар намонад. (*Себро хӯрда пасмонда ба Қиёмиддин медиҳад).*

Қиём: Ман инро чӣ кор кунам, додар?

Асалбек: Гуфтам-ку, донакҳояшро ҷудо карда ба ман медиҳӣ. Ана бо ин кордча ҷудо кунӣ, мешавад.

Қиём: Якта намонда?

Асалбек: Ҳа, якта намонда. Ин себи оддӣ не, донаҳои ин себро ман мефурӯшам.

Қиём: Мефурӯшӣ? Донакҳои ҳамин себро?

Асалбек: *(Себи дигареро баровaрда хӯрдан мегирад).* Не, ба ғайри ин себи дастам, боз ду себи дигар дорам.

Қиём: Эҳе, ёфтӣ аҳмақата! Барои чӣ ту себ мехӯриву ман донак ҷудо мекунам?

Асалбек: Ту бой додӣ-ку? Дигар ин ки ивази хизматат ман ба ту як донаки себро метавонам арзон фурӯшам. Даҳ сомонӣ диҳӣ мешавад.

Қиём: Барои як донаки себ даҳ сомонӣ?

Асалбек: *(Себро газида)* Эҳ, марди Худо, агар ту медонистӣ, ки донаки ин себ чи гуна мӯъҷиза меофарад, даҳ сомонӣ не, 100 сомонӣ медодӣ.

Қиём: Агар медонистам! То нагӯӣ, ки донаки ин себи ту чӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мӯъҷиза, чӣ сир дорад, на дона ҷудо мекунам, на мехарам! Фаҳмидӣ?

Асалбек: Фаҳмидам. Лекин огоҳ мекунам, ки танҳо як донаки себро ман ба ту арзон мефурӯшам.

Қиём: Рафту ман ба як донаки себи ту ҳам мӯҳтоҷ набошам-чӣ?

Асалбек: *(Себи дигарро газида)* Ту чӣ, аз осмон фаромадӣ?

Қиём: Не.

Асалбек: *(Себро газида)* Не, ки бошад, мӯҳтоҷӣ, сахт мӯҳтоҷӣ, ака. Донакҳоро ҷудо кун, ки ман метавонам аз фикрам гардам.

Қиём: Исто, рафту як донаки ҳамин себи туро ман дар панҷ сомонӣ харидам...

Асалбек: Даҳ сомонӣ!

Қиём: Хайр ана, даҳ сомонӣ! Харида ман ин донакро чӣ кор бояд кунам?

Асалбек: Аввал даҳ сомонӣ, ака!

Қиём: *(Аз кисааш даҳ сомонӣ бароварда)* Маҳ! Мумсик!

Асалбек: *(Пулро ба киса зада)* Ин донакро хӯрдан даркор, ака.

Қиём: Хайр, ана хӯрдам. *(Донаки себро ба даҳон партофта мехӯрад)*. Ана, донакат буд, набуд шуд! Баъд чӣ, додар?

Асалбек: Расо баъд аз понздаҳ сония ақлат даҳ маротиба зиёд мешавад.

Қиём: Чӣ гуфтӣ? Он мактабе, ки ту хондӣ, ман дипломаша барвақт гирифтагӣ. Пулама те! Дар даҳ сомонӣ, ман чор кило себ мехарам! Пула бурор!

Асалбек: Ана дидӣ, ақлат даромад, ака? *(Себи чорумро мегазад)*

## «МАРД БОЯД КИ ҲАРОСОН НАШАВАД»

*(Ташрифу Ғарибшо ба саҳна мебароянд)*

Ташриф: Модарони меҳрубон! Хоҳарони азиз!

Ғарибшо: Ин кас Ташрифшо, ман Ғарибшо!

Ташриф: *(Оҳиста ба Ғарибшо)* Халал нарасон.

Ғарибшо: Худат халал нарасон. Мӯҳтарам хоҳракону модаракони паршикаста! Мо омадем, ки...



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ташриф: *(Оҳиста)* Зунуката гир! Чӣ хел паршикаста? Ту чӣ, аз мақоми зан дар ҷомеа бехабарӣ?

Ғарибшо: Чӣ хел?

Ташриф: Магар намедонӣ, ки ҳуқуқи марду зан баробар аст?

Ғарибшо: Э, ту як бор толорро бин! Ку баробарӣ? Толора ба тамом забт карда гирифтаанд-е! Ба атрофат нигоҳ кун? Ба ғайр аз ману ту ягон мардак нест.

Ташриф: Ғарибшо! Имрӯз иди занҳо!

Ғарибшо: Ҳа, фаҳмо, бечора мардакҳо дар хона кӯдакбону инҳо дар курсиҳои мулоим нишаста сафсаттаи туро гӯш мекунанд.

Ташриф: *(Бо овози паст)* Бисёр налақ!

Ғарибшо: Мелақам! Модом ки ҳуқуқи зану мард баробар бошад, бояд ки як зан шинаду як мард, як зан шинаду як мард! Ана он вақт баробарӣ мешавад-да!

Ташриф: *(Ба зал)* Дар тамоми гӯшаву канори ҷумҳурии азизамон саҳми босазои шумо модарони меҳрубон, хоҳарони азиз, кам нест! Қадами муборaки...

Ғарибшо: *(Бо овози паст)* Ташрифшо! Ҳо, Ташрифшо.

Ташриф: Чӣ мегӯӣ?

Ғарибшо: Ҳо ана вай духтара бин. Духтари кӣ бошад?

Ташриф: Духтари замон.

Ғарибшо: *(Ҳайрон)* Кадом замон?

Ташриф: Замони ҳозира.

Ғарибшо: Ман тут мегӯям, ин бача бед. Ин духтар мувофиқи «квота» ба шаҳр омада бошад ё...

Ташриф: Мувофиқи «квота» ҳам омада бошад, ту умедатро кан, Ғарибшо.

Ғарибшо: Чува?

Ташриф: *(Бо овози баланд)* Ту зан дорӣ!

Ғарибшо: *(Зуд даҳони Ташрифро дошта)* Э, чӣ дод мегӯӣ? Якто дорам!

Ташриф: Барои ту якта ҳам зиёдатист, ошно.

Ғарибшо: Корат набошад! *(Ба ҳамон духтар нигоҳ карда)* Духтар, ки духтари замон бошад, замон, замон демократӣ. Хоҳам дута мегирам, хоҳам сета!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ташриф: Ғарибшо, ту ин қадар овозата баланд накун, воҳимачӣ! Янгаҷони азизам дар толор набошад?

Ғарибшо: Чӣ метарсонӣ? Мана Ғарибшо мегӯянд! Марде, ки аз занаш тарсид, вай мард не, латта!

Ташриф: Ту аз занат наметарсӣ?

Ғарибшо: Ягон майда! Мана Ғарибшо мегӯянд. Дина аз бозор сабзиву ду-се кило турб гирифта овардаму:
Идат муборак шавад.
Якта оши нағз шавад! – гуфтам.

Ташриф: Шуд? Танҳо хӯрдӣ ё ҳамсояҳоро ҳам чеғ задӣ?

Ғарибшо: Танҳо хӯрдам. *(Таваққуф)*. Қариб мемурдам. Дар тӯрхалта як турб монда буд, ки мардак барин, аз ҳуш рафтам!

Ташриф: Зад?

Ғарибшо: Зад. Аз зан тарсидан даркор нест. Зана ҳурмат кардан даркор! Ман зарбаи се кило турба тоқат карда, ҳатто ба рӯи занам нигоҳ накардам! Занам мезаду ман кундаи чормағз барин росту устувор будам.

Ташриф: Бовар намекунам.

Ғарибшо: Ҳамон вақте ба худ омадам, ки бечора янгаат: во ғарибо, во ғарибо, во Ғарибшо! – гуфта оби дида пок мекард!

Ташриф: *(Хандида)* Бечора янгаҷонам гумон кардааст, ки ту мурдӣ, сағира.

Ғарибшо: Ҳа! Аз ҷо хестаму мардак барин узр пурсидам. Дилам сӯхт, рафта аз СУМ як мӯзаи пошнабаланди гарони хитоӣ харидам.

Ташриф: Воҳ!

Ғарибшо: Хурсанд ба хона дароям, ид – гуфта, занҳои ҳамсоя ҳам ҷамъ шудаанд. Мард бояд ҳаросон нашавад, мушкиле нест, ки осон нашавад! Мӯзаҳоро ба занаму ба занҳои ҳамсоя 40-50 сомонӣ дода: идатон муборак, янгаҳо, ками маро ба ҷои мӯл донед, гуфтам. *(Бо овози гирёолуд)*. Эҳ, чӣ гӯям, ки нагуфтанам беҳтар...

Ташриф: Чӣ, ин дафъа, бо мӯза зад?

Ғарибшо: Не, пулҳоро дар дасти занҳои ҳамсоя дида, бечора занам аз ҳуш рафт!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ВЗВОД, БА ПЕШ!

*(Прапоршик Қодиров пеш-пешу взводаш аз қафо, аз пушти теппае дамҳакакунон пайдо мешаванд. Маълум, ки сахт монда шудаанд.)*

Қодиров: Взвод! Таваққуф мекунем!

Зулфия: Уф-ф, ман дигар наметавонам...

Зулайхо: Ман ҳам адо, адо шудам, дугона.

Қодиров: «Разгаворчики!»

Гулбаҳор: Э, фармон – гуфта мекушед, рафиқ командир?

Қодиров: Чӣ гуфтӣ? Худатон ин касбро интихоб кардед, ҷинсҳои латиф! Ҳамин тавр не?

Гулбаҳор: Ҳақ асту рост, рафиқ командир.

Қодиров: Ҳам ҳаққу ҳам рост, ки бошад, фармон бояд иҷро шавад!

Замира: Агар иҷро нашавад чӣ?

Қодиров: Агар иҷро нашавад, ҳамаатонро қатор карда *(месулфад)* аз сӯрохии сӯзан мегузаронам!

Зулфия: Зӯратон мерасад, рафиқ командир?

Қодиров: Зӯрам мерасад, ки командири шумо таъинам кардаанд-да. Зӯрам ба ҳеҷ кас нарасад ҳам, ба шумо мерасад, ҷинсҳои латиф! Сад афсӯс ки шумо маро дар Афғонистону Чернобил надидед!

Зулфия: Барои чӣ ба нафақа намебароед?

Қодиров: Ман ки ба нафақа баромадам, шуморо кӣ саришта мекунад, хонумчаҳо?

Зулфия: Шумо бо пои ланг, аз мо пештар медавед, рафиқ командир.

Қодиров: О, ман ки дар сафи пеш набошам, куҷои ман командир?

Гулбаҳор: Мо бояд дар куҷо бошем, рафиқ командир?

Қодиров: Шумо ҷинсҳои латиф, бояд дар хона бошед! Оила бунёд кунед, сафи родмардони артиши миллиро зиёд кунед. *(Ба Зулфия)* Ана ту хонум! О, ягон бӯзбаларо гирифта зиндагиатро обод мекардӣ, намешуд?

Зулфия: *(Гириста)* Гирифтам, кошки намегирифтам, рафиқ командир... *(Баландтар гиря мекунад)*

Қодиров: Ҳа, чо кад?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Замира: Шавҳарам шаш сол боз дар Россия, рафиқ командир.

Қодиров: Воҳ!

Зулфия: Ра-афт!

Қодиров: Ҳа, номарде! Ҳамин хел занаки фахака партофта дар Россия чӣ номаъқул мекунад?

Зулфия: *(Бо овози гиряолуд)* Мулло гуфт, ки метавонӣ дигар касро гирӣ, балам...

Қодиров: Ҳақ гуфтааст, муллобобо, шавҳаре ки дар шаш сол аз худаш ягон дарак надод, ба сарат мезанӣ ун хел номарда!? Гузар аз баҳраш...

Зулфия: *(Бо овози гиряолуд)* Мана намегиред, рафиқ командир?

Қодиров: *(Сулфида)* «Но, но, но!» Аз устав берун савол нашавад, хонумҳо! *(Ба Гулбаҳор)* Туро ҳам шавҳарат партофта ра-а-афт?

Гулбаҳор: Не, рафиқ командир, ман шавҳарамро партофтам.

Қодиров: Барои чӣ?

Гулбаҳор: Героин истеъмол мекард, рафиқ командир.

Қодиров: Ту ҳам қаҳрамонӣ кардӣ! Аз ин тоифа, зуд гурехтан даркор. Ҳамин хел не, чашмкабудак?

Зулайхо: Ҳақ асту рост, рафиқ командир.

Қодиров: *(Ба Зулайхо)* Худат дар ин взводи ман чӣ кор мекунӣ, чашмкабудак?

Зулайхо: Шавҳари ман бензинсмен, рафиқ командир. Вай маро тӯй карда гирифту баъд фаҳмидам, ки ман зани чорум будаам. *(Гиря мекунад, духтарҳо ҳамовоз мешаванд)*

Қодиров: Ҳа, номарде! Кафан ёфтам, – гуфта мурдан мегирад?

Зулайхо: Аз зани чорум будана, аскари взводи шумо будан, беҳтар нест, рафиқ командир?

Қодиров: Шумо чӣ, взводи маро паноҳгоҳ гумон кардед, хонумҳо? Ё хонаи ақди никоҳ? Дар баталиони мо хизмати Ватан мекунанд, на шӯй! Ту зани чандум будӣ, Замирабону?

Замира: Хош!

Қодиров: Чӣ хош?

Замира: Ман аллергия дорам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Қодиров: Аз чӣ?

Замира: Аз шӯ! *(Духтарҳо механданд)*

Қодиров: Взвод, ором! *(Ба Замира)* Язна мезад?

Замира: Не, медуздид.

Қодиров: Чиро медуздид?

Замира: Чизҳои арӯсиамро, гӯшвор, дастпона, ангуштарӣ, куртаҳои арӯсиамро ҳам дуздида фурӯхт.

Қодиров: Дигар одам наёфтӣ, ки дузда гирифтӣ?

Замира: Падарам маҷбур кард, рафиқ командир: ин писари полковник – гуфт.

Қодиров: Офарин ба ту Замирабону, зани ман як ангуштарини арзонакашро гум карду чунон касале шуд, ки як сол ба ҷогаву ҷома хоб рафт!

Зулфия: Занаки мумсик будааст-да, ойтимулло. Худама гиред, рафиқ командир!

Қодиров: Но, но, но!

Зулайхо: Не, нагӯед, рафиқ командир, дили ин занак соф, хонаатонро батамом дуздида баранд, парво надорад.

Қодиров: Разговорчики! Гуфтам-ку аз устав берун, чақ-чақ нашавад.

*(Духтарҳо зуд ҷамъ шуда гӯшакӣ мекунанд)*

Зулфия: *(Ҷиддӣ)* Гулбаҳор!

Гулбаҳор: Ман! Рафиқ... апаҷон!

Зулфия: Ту атрофро дидбонӣ кун, ки ягон кас наояд!

Қодиров: Духтарҳо! Шумо чӣ кор... карданӣ..?

Зулфия: Ку бинем, дар теппаҳои Тоҷикистон ба чӣ кор қодир бошад ин Қодируфи мо..?

Қодиров: *(Дод зада)* Взвод! Аз паси ман! *(Медавад)*

Гулбаҳор: Ҳа, номард-е! Ҳамин хел занаки фахака партофта гурехт-е..! *(Ҳама механданд)*

## МАСЛИҲАТИ МУФТ

Коргар: *(Даромада аз пеши дар)* Медонам, ки маҷлис доред, медонам, ки рӯзи қабулатон нест. Чӣ кор кунам? Дил мекашад, ки омадам-да, раисбобо.

Сардор: Ман ҳам медонам, ки мақсад аз омадани ту, талаби дидор нест! Медонам, ки шароитат вазнин, дувоздаҳ бача дорӣ...



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Коргар: Сенздаҳто, раисбобо.

Сардор: Чандин бор банд гирифта худатро овехтанӣ шудӣ. Ҳамаашро гуфтам ё...

Коргар: *(Бо овози гиряолуд)* Сағира калон шудагиша нагуфтед, раисбобо.

Сардор: Хайр чӣ? Ман ҳам сағира калон шудагӣ.

Коргар: Наход?

Сардор: Ҳа, барои мӯйсафеди мо ҳам ҳама шаб маҳтобшаб буд. Мо понздаҳ нафар сағира мондем.

Коргар: Воҳ!

Сардор: Чӣ воҳ? Ана мо, понздаҳ меросхӯр, аз мӯйсафед хона не, мошин не, боғу роғ не, тал-тал китоб мерос гирифтем.

Коргар: Китоби холӣ?

Сардор: Барои чӣ холӣ? Китоб магар холӣ мешавад? Китобҳои пур аз маънӣ! Агар хоҳӣ, ман ба ту...

Коргар: Ба ман китоб чӣ даркор, раисбобо? Агар дошта бошед...

Сардор: Надорам. Намедиҳам. Безор кардӣ! Агар хоҳӣ, маслиҳати муфт дода метавонам.

Коргар: Ба ман пул даркор, раисбобо.

Сардор: Маслиҳати муфти ман барои ту аз миллион боло меистад.

Коргар: Миллиони насияро чӣ кор кунам, раисбобо? Шумо ба ман камтар пули нақд диҳед.

Сардор: *(Асабӣ)* Сенздаҳ сол боз ман ба ту пули нақд медиҳам! Сенздаҳ сол! Аммо ту сол ба сол танзими оиларо бебаркаш ҷазир мекунӣ! Меросхӯрҳои бе мерос зиёд мекуниву тамом. Ҷони мурдан надориву... Кафан ёфтам – гуфта мурдан мегирӣ!?

Коргар: Ризқи бачаҳоро Худо медиҳад, раис.

Сардор: Ризқи бачаҳоро, ки Худо диҳад, ту ба онҳо чӣ медиҳӣ? Ту ба бачаҳоят чӣ монда меравӣ?

Коргар: Куҷо?

Сардор: Қабристон! Куҷо? *(Таваққуф карда мулоимона)* Савод дорӣ?

Коргар: Дорам, маълумоти олӣ дорам. Маошам ҳам бад нест.

Сардор: Маълумоти олӣ дориву бо каллат кам кор мекунӣ!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Коргар: Барои ҳамин пеши шумо омадам, раисбобо, ноумед накунед.

Сардор: Барои он ки ноумед наравӣ, маслиҳати муфта гир.

Коргар: Раисбобо, намешавад, ки ҳам маслиҳати муфт диҳеду ҳам пул?

Сардор: Намешавад.

Коргар: Барои чӣ?

Сардор: Барои он ки ту пулро, ки гирифтӣ, маслиҳати муфт аз ёдат мебарояд.

Коргар: Намебарояд.

Сардор: Мебарояд! Агар маслиҳати муфт нахоҳӣ, буро! Зуд бурову дарро аз берун пӯш! Чӣ истодӣ? Ман маҷлис дорам! Буро!

Коргар: *(Мулоимона)* Раисбобо, рафту ман аз инҷо баромада худамро овезам чӣ?

Сардор: *(Хурсанд кафкӯбӣ карда)* Офарин! Қандата зан! Маслиҳати муфти ман ҳам ҳамин буд, додарам! Ҳам ман халос мешавам, ҳам ту халос мешавӣ, ҳам янга!

## ДУХТАРЗОЙ

*(Ҳавлӣ. Келин рӯбучин дорад)*

Хушдоман: *(Аз тиреза сар баровaрда)* Ҳа, келин, чӣ қавоқат овезон? Ин пагоҳӣ, мучӣ-мучӣ накарда рафт? Бақувваттар ҷорӯба зан! Ана мана нагуфта, бегоҳ мешавад! Ту ҳоло хамир накардӣ, фаромӯш накун, ки як гала ҷомашӯӣ дорӣ. Қолинҳо афшондагӣ не!

Келин: Хуб, хуб аммаҷон, меафшонам.

Хушдоман: И-е? О, вай пӯчоқҳои мандария аз паси панҷара гир!

Келин: Ҳозир мегирам, аммаҷон.

Хушдоман: Ё миёнат хам намешавад? Хам шав, рӯғаната об кун! Тоқахӯр! Ин пӯчоқҳои мандарину аплесин аз куҷо?

Келин: Намедонам, аммаҷон.

Хушдоман: Чӣ гуфтӣ? Намедонӣ? Ту ки надонӣ, аҷина медонад?

Келин: Наберахоятон аз мактаб овардагистанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хушдоман: Чӣ гуфтӣ? Аз кай боз дар мактабҳо мандариву аплесин тақсим мекунанд? Тооба..! Гапа бину..! Ҳо ана вай коғазҳои синикерса чӣ, директори мактаб овард ё завуч?

Келин: Синикерса худатон аз ордбезон овардед-ку, аммаҷон? Фаромӯш кардед?

Хушдоман: Булбулӣ накун! Ман аз ордбезон қанди печак овардаму пирайники қоқ! Синикерса ёбад, худаш мехӯрад, бева! *(Таваққуф)* Келинаша пуф кунӣ, ҷонаш мебарояду бо ҳар зоидан, дутагӣ писар мезояд, хокшида!

Келин: Худо ки дод, намепурсад, аммаҷон.

Хушдоман: Медонам! Ёд надеҳ! Худо медиҳаду лекин бандааш ҳам бояд ҷунбад! Шумо ки ду даҳани воз, наҷунбидед, писар аз куҷо мешавад? Нахонд!

Келин: Мебахшед, аммаҷон.

Хушдоман: Намебахшам! То писар назоӣ, намебахшам. Келин! Намон, намон ки Сангалӣ обаша хӯрад!

Келин: Аммаҷон, се духтарчаи нозанин дорем, бас нест?

Хушдоман: Духтар моли мардум аст! Ту писар зой! Агар ин дафъа ҳам духтар зоӣ, ҷилу пӯстаката ҷамъ кун!

Келин: Аммаҷон...

Хушдоман: Ба ман келини духтарзой лозим нест!

Келин: *(Бо овози гиряолуд)* Калӯши духтарчаам даридагӣ, пуле надорем, ки пойафзоли нав харему...

Хушдоман: Даридагӣ неву сӯрох! Худам бо сақичи сиёҳ маҳкам кардам! Имконият, ки шавад, наваша харида медиҳам!

Келин: Аммаҷон, агар дошта бошед, камтар пул диҳед, ки...

Хушдоман: Аз куҷо? Ё ту гумон кардӣ, ки ман пулпечаткунак дорам? Пуле надорам, ки ҷилобак хараму... Гуфтам-ку, имконият, ки даст дод...

Келин: Аммаҷони ширин, ҳамон имконият шавад, ман ҳам писар мезоям.

Хушдоман: Чӣ гуфтӣ? Э, аз кулӯх ҳам алав парид? Ё мандарию синикерса зада витаминат зиёд шуд? Боз баҳор таъсир накарда бошад? Ҳавлиро пури паршикаста



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

кардаасту боз забонаш як қулоч! Ҳа, забоната ғунда газад, духтарзой! *(Ҷорӯби дастадорро гирифта аз паси келин сур мекунад, келин гурехта руст мешавад).* Уф-ф-е.., дилзанак шудам-е..! Витамини апле-сина хӯрда чунон даванд шудааст, ки... *(таваққуф)* Воҳ! Камзӯлчаам нест..! Келин! Ҳо келин!

Келин: *(Аз паси дарахт)* Лаббай, аммаҷон?

Хушдоман: Камзӯлчаи пахтагини ман ку?

Келин: Ҳамоне ки дар мехи долон овезон буд?

Хушдоман: Ҳа, ҳамон! Ҳамон камзӯлча куҷо шуд? *(Хурсанд)* Ту онро ба хона дароварда мондӣ-а, келинҷон?

Келин: Шумо он камзӯлчаро намепӯшидед-ку?

Хушдоман: *(Бо овози ларзон)* Камзӯлча ку?

Келин: Аммаҷон, ман онро ба як пиразани гадо додам.

Хушдоман: Ту чӣ кор кардӣ, келин!? Вой дилам..! *(Мешинад)*

Келин: *(Ӯро шамол дода)* Аммаҷон...

Хушдоман: Ай хонасӯхта! Пулаком дар ҷебаки ҳамон камзӯлча буданд! Ту ҳам камзӯлчаро садақа кардиву ҳам пулҳоро!? *(Ҷорӯбро гирифта боз келинашро сур мекунад).*

## ЗАБ ҶО ОВАРДЕД !..

*(Домани теппа)*

Мард: *(Дамҳакакунон ба занаш)* Дидӣ, занак?

Зан: *(Дамҳакакунон)* Дидам.

Мард: Дидӣ, чӣ хел шаҳри зебо дорем?

Зан: Дидам! Заб ҷо овардед. Ман ин шаҳри зеборо аз ошёнаи нӯҳум ҳам ҳар рӯз мебинам!

Мард: Не, занакҷон, ту шаҳрро аз ошёнаи нӯҳум не, аз ин ҷо тамошо кун. Ин ҷо бедоршавии табиат, фаророрасии баҳор, шукуфтани гулҳоро мебинӣ, дилат аз фараҳ...

Зан: Заб ҷо овардед! Ба тамошо мебарам, – гуфтеду...

Мард: Занак..! Ба поён нигоҳ кун, ин тамошо нест?

Зан: Заб ҷо овардед! Шаҳрро тамошо медиҳам, гуфтед-ку?

Мард: Тамоми шаҳр дар таги биниат, занакҷон. Тамошо кун, боз чӣ мехоҳӣ?

Зан: Ман мехоҳам Исмоили Сомониро бинам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мард: Занакҷон, Исмоили Сомониро аз тирезаи хонаи нӯҳошёнаамон ҳар рӯз мебинӣ-ку?

Зан: Мехоҳам аз пешаш бинам, дар назди шерҳо сурат гирам, фантанҳоро...

Мард: Фаввора гӯй, занак.

Зан: Хайр, ана фаввора. Мехоҳам фаввораи фантанҳоро тамошо кунам. Шумо мана заб ҷо овардед..!

Мард: Занакҷон! Ту дар он майдон фақат Исмоили Сомониву ду шеру се-чор фавввораву гузаштани троллейбусҳоро медидӣ. Аз ин ҷо тамоми шаҳрро мебинӣ-е!

Зан: Заб ҷо овардед!

Мард: Занакҷон, ҳар рӯз нӯҳ ошёнаро буромадану фуромадан, ба дилат назад?

Зан: Кайҳо задагӣ, Худо гирад лифташа!

Мард: Офарин! Ана акнун занакҷон, шаҳра мону ин сӯ нигоҳ кун.

Зан: Ман шаҳрро не, нӯҳэтажаи худамонро тамошо дорам.

Мард: Э, чӣ кор мекунӣ нӯҳэтажаи белифтро? Дар доманаи ҳамин теппа як хона созем чӣ?

Зан: Заб ҷо ёфтед! Ман ҳоло зинда!

Мард: Ту ба миёни гап шатта назан, занакҷон, ин теппа, вай теппа не. Агар мо аз поён дарвозаи даромад кушоем, ошхонаву ҳезумхона, анборхонаву меҳмонхонаро ҳам аз ҳамин тараф, тарафи чап, месозем.

Зан: Заб ҷо ёфтед!

Мард: Ту ин хел набудӣ-ку, занакҷон?

Зан: *(Асабӣ)* Чӣ хел будам?

Мард: Ҷони ширин будӣ. Давомаша гӯш кун, ҷони ширин. Аз тарафи рости ҳавлӣ, каҳдону оғилхона, ҳели бузу гӯсфандонро месозем. Чӣ гуфтӣ?

Зан: Заб ҷо ёфтед!

Мард: Беҳтарин ҷо, занакҷон! Ана таҳдевории хонаро аз ҳамин ҷои ману ту шиштагӣ сар мекунем. Аз ун кунҷ, ҷои хоби бачаи калонӣ, баъд хурдӣ, сонӣ, духтарчаамону ана ҳамин ҷое, ки ту шиштӣ, ҷои хоби худамон мешавад. Агар ин ҷо дару ҳо ана он ҷо ду тиреза шавад, кати хобамонро дар кадом кунҷи хона мемонем, занакҷон..? *(Дасташро ба китфи занаш мемонад)*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Зан: Заб ҷо ёфтед! Гиред дастатона, мардак..! Дар хонае, ки дару тиреза...

Мард: Сад афсӯс ки «лифт» надорад, занакҷон. Ана агар лифт медошт...

## БА ҶАШНИ ИТТИФОҚИ ХОДИМОНИ ТЕАТРӢ (ИХТ)

*(Соибсултон. Актрисаи нафақахӯрро бозӣ мекунад, ба лаҳҷаи бадахшонӣ гап мезанад. Даромадгоҳи ИХТ. Соиб гулдаста дар даст, ҳайрону ҳаросон ба чор тараф назар медӯзад. Аз гӯшае Фатҳулло мебарояд).*

Фатҳулло: Ҳа, хола, «свидани» дорӣ?

Соибсултон: Салум, додарам.

Фатҳулло: Салум, салум хола.

Соибсултон: ИХТ амин аст?

Фатҳулло: Чӣ?

Соибсултон: ИХТ!

Фатҳулло: ИХТеш чияй?

Соибсултон: Иттифоқи ходимони театрӣ, амин аст?

Фатҳулло: Иттифоқи ходимони театриш чияй?

Соибсултон: Ҳамаи театрҳои тоҷик.

Фатҳулло: Театруш чияй?

Соибсултон: Фамо... ман дигар савол надорам.

Фатҳулло: Итари боша, янима бест хола. Иҷа ҳозир тӯй мешава. Ма арусу домода пешвоз мегирум.

Соибсултон: Муборак шавад. Тӯйи ягон актёр будагист..?

Фатҳулло: Чӣ хелӣ актёр? Тӯйи ҷияни маҳай. «Кличкаш», Ваха-ривалверай! *(Меравад).*

Соибсултон: *(Худ ба худ)* Ман айрон... Ваха-ревалвер ин ҷо чӣ кор мекунад..?

Бобосаид: *(Мебарояд.)* Салом, бибиҷон.

Соибсултон: Салум. ИХТ амин аст?

Бобосаид: Нафамидум, бибиҷон.

Соибсултон: ИХТ ҳамин аст?

Бобосаид: Маъзарат мехоҳум, бибиҷон.

Соибсултон: Ҷашни ИХТ амин ҷо мешавад?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бобосаид: Бибиҷон, ИХТ чӣ маънӣ дораву чӣ ҷашн дора ман намедунам? Ман меҳмонам, намояндаи синамои Иронам. Маъзарат мехом. *(Меравад).*

Соибсултон: Ман айрон.., синамои Эрон ин ҷо чӣ кор мекунад..? *(Аз даруни бино Амон пеш-пешу Шодиака аз қафо, мебароянд).*

Шодӣ: Матвей Гаврилович, хлопок гарит, помоги пожалуста.

Амон: Не могу раисака, нету.

Шодӣ: Как нету? И салярка нету?

Амон: И салярка нет.

Шодӣ: Тибе хлопок нужин бил, я тебе дал-ку? Хлопок гарит, понимаеш?

Амон: Не могу раисака. Наша фирма торгует толко российскими денгами.

Шодӣ: Аткуда рассийски? Где я возму российски? Ти у меня хлопок купил на российски, да? Давай, Матвейҷон, бартер изделим, Ти мне бензин (солярка), я тебе кортошка, арбуз дам.

Амон: Зачем мне твой арбуз? Российские рубли давай!

Шодӣ: Ба худо, ки нету Матвейҷон, Бул бу дал бу!

Амон: Ба худо, ки бензин тоже нету. Бул бу, дал бу. *(Меравад).*

Шодӣ: *(Аз паси ӯ)* Придеш за хлопок. *(Фигу показывает)* Во! – получиш. *(Соибро дида)* Шумо Қумрӣ Қодирова нестен?

Соибсултон: Не раис, ман ҳунарпешаи шоистаи ҷумҳурӣ Бибисанам Холдорбекова. Ба ҷашни ИХТ омадам.

Шодӣ: ИХТ? ИХТ-еш, мардакай ё занак?

Соибсултон: Иттифоқи ходимони театрӣ.

Шодӣ: Иҷа ЭКОМТ-ай, маълима. Дарунуш пури фирмаву кампания. Ба пули тоҷикӣ пахта мехаранду ба пули русӣ бензину саларка мефурушан. Шумо намедуне, бо да гиҷо саларка мефурушан?

Соибсултон: Не, раис. Ман айрон.., бензину сларка ин ҷо чӣ даркор..?

Шодӣ: Колхозда даркорай, маълима. *(Меравад).*

Насриддин: *(Мебарояд, тоҷики афғон)* Абдуғаффора надиден?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Соибсултон: Ин ҷо бисёр Абдуғаффор гузашт. Лекин, кадомаш Абдуғаффори шумо? – ман намедонам, соиб.

Насриддин: Воло ки и бача мора девона мекуна. Молта биёр, ма мехарум – гуфт. Мола овардум. Дар ҳутал. Пайсае надорум, ки таом бухурум. У моли ман ғизоӣ нест, хурдаш нашава. Дар Мазори Шариф паймон кардем. Худум пешвозут мегирум, гуфт. Пешвозум наумад. Як қоп жувачка – гуфт. Ма ду қоп овардум, кошки да ин Душанбеи шумо бо мошин боша? Аз вокзал то ҳутал, ҷонум ба лаб омад. И гуҷо рафта боша..? *(Меравад)*

Соибсултон: *(Худ ба худ)* Ай му дар баста! Вай чӣ гуфт? Жувачка – гуфт? *(Худ ба худ)* Шаҳр амин-да, ман ИХТ мекобам, ин мардак какой-то Ғаффор. *(Давида меравад)*.

## БАРОИ ҶАШНИ ЗОДРӮЗИ УСТОД АЮБӢ

*(Ду нафар ба саҳна мебароянд, дар дасти яке маҷалла)*

Яке: Ку микрафона пуф ку, додар.

Дигаре: Пуф-ф-ф-ф!

Яке: Кор мекуна?

Дигаре: Чӣ?

Яке: Микрафон?

Дигаре: Кор мекуна, ака.

Яке: Каллат, кор мекуна?

Дигаре: Кор мекуна, ака.

Яке: И даъфа, ки пуф кардӣ, кам пуф ку. И микрафонай, алови сандалӣ нест.

Дигаре: Фаҳмидум, ака. Пуф кунум?

Яке: Не, пуф наку. Басай. *(Маҷалларо варақ мезанад)*

Дигаре: Ита бо, журналхон шидӣ, ака.

Яке: Сурати Брусли дора.

Дигаре: *(Ба варақи маҷалла нигоҳ карда)* Истаро?

Яке: Ина, курӣ?

Дигаре: И сурати устод Айбияй, ака.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Яке: Устод Аюбияй? Аку мебахшӣ, додари акаш, и устод Бруслияй!

Дигаре: Истаро? Да таҳуш С.Аюбӣ навиштагияйу...

Яке: *(Мехонад)* С.Аюбӣ. Валай рост мегуй-е, устод Аюбияй. Мегуй Бруслияй-е... Мегум, отай Брусли и тарафой Тоҷикистон...

Дигаре: Не, ака, ба хиёли ма, ки бобои Аюбӣ, у тарафои девол рафтагияй.

Яке: Ҳами «версияй» ту туғрияй, додар. Бачаш ҳафта шид, да и журнали занако чико мекуна?

Дигаре: Бо ягон шеъри ошиқӣ навиштай-да...

Яке Ҳа, менависае-е! Радиё шабу руз, Аюбӣ – мега. Тилвизора бутовӣ, Аюбӣ. Да пушти пардаҳои театр, Аюбӣ! «Лубой» китоба кушой, Аюбӣ. Мурдаҳой ҳазорсолара ков-ков мекуна!

Дигаре: Истаро?

Яке: Менависа! Афлотуна ков-ков кард, Шоҳина парвозӣ кард. Дақиқӣ да Қурғонтеппа, ҷой шишатанша намеёба! Дод ай дасти Аюбӣ-мега. Бо ина, Гурғулира қати Авазалӣ ҷанг андохтанияй!

Дигаре: Истаро?

Яке: Рост мегум, охӣ. Ақлакой театри Воҳидуф ҳалаҳалаш доран: – Мо сар мекунем, шумо устод: бале, бген, – меган.

Дигаре: Истаро? Нав ай ҷанг халос шудему бо ҷанг?

Яке: Ҳов! Нав гушому я майда дам зада буд, ки бо Гурғулира хезонд. Сад бор шукр, ки мусиқӣ навишта наметона.

Дигаре: Истаро?

Яке: Воҳ! Метона?

Дигаре: Ай ҷов-ҷови мардум, и мусиқии Гурғулира худуш навиштанияй.

Яке: Як саюзи дигар монда буд. Ишдам аъзо шид-бигу... Бало! Да як шаб ду фоҷиа менависа!

Дигаре: Иқа гапа ай чизо меёваву...

Яке: Бо як гапойе мековаву миёва, ки на дар Ғиёс-уллуғотан, на да фарҳанг.

Дигаре: Истаро?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Яке: Ина ҳами булбула, да як шеъруш қанорӣ мега! Бо ҳами булбула, да шеъри дигаш, ҳазор мега. Охи, булбулуш бугу бра... Бо ҳазоруш чияй?

Дигаре: Булбул, охӣ.

Яке: *(Маънидорона ба ӯ нигариста)* Қанориш чияй?

Дигаре: Қанор. Қопай-ку. Қопи лумба, қанор меган.

Яке: Бало меган! Қаноришам булбулай!

Дигаре: Истаро?

Яке: Ана ҳаму қанора, и Аюбӣ, булбул мега! Фаҳмидӣ?

Дигаре: Э-е, қанора, ки булбул буга, истаро мешава? Бо худуш да сари вазифа!

Яке: Ҳамай гап да ҳамияй, охӣ. Агар да кабинетуш ду шеър бухонаву да якташ ҳазору да дигарш қанор буга, дили одам дур мерава хиёл мекунӣ, ки: ҳазора да қанор биёр-мега.

Дигаре: Қадуш, ки қади ма воре пастай, худша бланд мегира-да.

Яке: Да иҷа, қадуш пастай.

Дигаре: Истаро?

Яке: Да Эрон баландай.

Дигаре: Истаро?

Яке: Як туристи тоҷики бензинсмен, шеъри ҳами Аюбира да майдони Истиқлоли Эрон хондай.

Дигаре: Воҳ! Истаро? Кадомиша?

Яке: Навруз дар онҷост, ки ёрон ҳама ҷамъанд,
Гулҳо ҳама ҷамъанду ҳазорон ҳама ҷамъанд.
Навруз дар онҷост, ки аз кина асар нест,
Некон ба сари хони фаровон ҳама ҷамъанд.
Ина, ҳами шеърака, ҳаму бензинсмен, да як тахтай лумб хондай. Да майдони Истиқлол.

Дигаре: Ита бугу, да Эрон қадуш буланд будай, бугу...

Яке: Ҳова.

Дигаре: Да дили Эрониё ҳам задай бугу...

Яке: Ҳова. И Аюбӣ менависаву чашми чапи ма мепара...

Дигаре: Истаро?

Яке: Иқа ганорара гиҷо мебара?

*Апрели 1996*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ТАБРИКНОМА
*(Барои шаби эҷодии Ҷӯрабеки Мурод)*

Ҳодӣ: *(Саросема ба соаташ нигоҳ карда мебарояд)* Ҳеҷ аз ҳамин якравиаш намонд-да... Гуфтам, ки як шаб ҳеҷ гап не, пештар омада ҷои дилхоҳамонро гирифта мешинем! Не, наметавонам! Занам намемонад. Ана акнун ёбу гир. Дар сараш мӯй намонду худашро доно гирифта мегардад. Ана ман, ки калла дорам, як рӯз пештар омада, ҳам хобамро гирифтам, ҳам ҷоямро. Канӣ пишакамро пиш...

Шодӣ: *(Бо даст як китфашро дошта бо сару рӯи араҷолуд вориди саҳна мешавад. Ба Ҳодӣ)* Об биёр. Об биёр, ки мурдам. *(Ҳодӣ барои об меравад)* Ана мухлису мана мухлис. Ман ҳам мухлис. Лекин ин хел мухлисҳоро...

Ҳодӣ: *(Об оварда ба Шодӣ медиҳад)* Сазои ту ҳамин! Гуфтам-ку биё, як рӯз пештар рафта шинем.

Шодӣ: Занам намонд.

Ҳодӣ: Ҳай кун.

Шодӣ: Не ман-ку даромадам. Лекин ана вай ҳай мекунад.

Ҳодӣ: Кӣ? Киро ҳай мекунад?

Шодӣ: Занак шавҳарашро. Ҳафт бачаашро гирифта, дар назди дарвоза шавҳарашро рост кардааст: Ё илоҷе мекунӣ, ки мо ба консерти Ҷӯрабек медароем, ё дигар ба хона намеоӣ! – мегӯяд.

Ҳодӣ: Ту чӣ хел даромадӣ?

Шодӣ: *(Остини пиджакашро аз дасташ фуроварда)* Ана чӣ хел даромадам!

Ҳодӣ: О, ба милиса нагуфтӣ, ки ман баранда?

Шодӣ: Гуфтам.

Ҳодӣ: Намонд?

Шодӣ: Гуфт, ки ман ту барин барандаро ҳозир ба як ҷое мебарам, ки 15 рӯз барандагӣ мекунӣ. Сӯзану ришта надорӣ?

Ҳодӣ: Ту чӣ, гумон кардӣ, ки артисти театри Ҷавонониву барои ту ҳама дарҳо кушодаанд? Хестӣ, ки хобат! Одамоне ҳастанд, ки худат он тараф, ҳатто намедонанд, ки театрат дар куҷост.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шодӣ: Маданияташон баланд. Ту ин фалсафаатро мон. Барои онҳое ки маданияташон баланду чӣ будани спектаклу театрро намедонанд, як фикр ба сарам омад.

Ҳодӣ: Чӣ хел фикр?

Шодӣ: Биё ҳозир акаи Ҷӯрабекро табрик мекунему баъд аз табрик... *(ба Ҳодӣ гӯшакӣ мекунад).*

Ҳодӣ: Фиреб мекунем? Чӣ хел фиреб?

Шодӣ: Ман он касро ба гап мегираму ту оҳиста торашро медуздӣ.

Ҳодӣ: Ту девона-мӣ? Ман тори он касро чӣ кор мекунам?

Шодӣ: Ҳой ҳафтафаҳм, барои ту не, барои театрамон даркор мешавад. Ту ки торро дуздидӣ. Ман ба он кас шарт мемонам, ки як ҳафта ҳар бегоҳ, пеш аз намоиши спектакл бо тамошобинони мо вохӯрӣ гузаронанд.

Ҳодӣ: *(Ба атроф нигоҳ карда)* Фаҳмидам, дар болои эълони спектакл номи Ҷӯрабек Муродовро ки навиштем, олам гулистон.

Шодӣ: Ана баъд мувофиқи шарт, дар охири ҳафта, торашонро бо ду дасти адаб бароварда медиҳему миннатдории худамону раҳматномаи директорамонро аз болояш!

Ҳодӣ: Фикри оличаноб! Лекин агар розӣ нашаванд, чӣ?

Шодӣ: Торро намедиҳем. Дар саҳна овезон мекунему эълонро навиштан мегирем.

Ҳодӣ: Ҳа, мегӯем, ки: ана торашон овезон. Худашон баъдтар меоянд. Гӯш кун, лекин ин корро баъд аз консерт кардан даркор. Чӣ гуфтӣ?

Шодӣ: Не, ҳозир. Тайёриатро бину аз паси ман омадан гир.

Ҳодӣ: Исто. Фарз кардем, ки ман торро гирифта баромадам. Агар ба дасти милиса афтида монам-чӣ?

Шодӣ: Мурдам гуфтан, гир. Натарс, ман ҳамин ҷо-ку.

Ҳодӣ: Ту ҳамин ҷо! *(Оҳиста)* Акаи Ҷӯрабек канӣ? *(Шодӣ ба Ҳодӣ гӯшакӣ мекунад)* Фаҳмидам. Сар кардем.

Ҳодӣ ва Шодӣ: *(Мехонанд)*

***Ҷӯрабек шудаст машҳур,***
***Аз мо шудаст каме дур,***
***Мехоҳем, ки шунида,***
***Мо ҳам барем як ҳузур.***

*(Ба саҳна Ҷӯрабек Муродов мебарояд)*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шодӣ: Акои Ҷӯрабек! Мо аз театри ҷавонон.
Ҳодӣ: Ман Ҳодӣ, ин беостин Шодӣ.
Шодӣ: Торатон ку?
Ҷӯрабек: Оркестри асбобҳои халқӣ дар хизмат бошад, тор чӣ лозим укаҷон?
Ҳодӣ: Акои Ҷӯрабек, агар ягон хизмат бошад, мо...
Ҷӯрабек: *(Ба саҳна ишора карда)* Ҷои шумо холист.
Шодӣ: Рафтем Ҳодӣ!
Ҳодӣ: Рафтем Шодӣ!
Ҷӯрабек: *(Мехонад)* Тоҷикам ман, тоҷикам ман, тоҷикам...

## БА 50-СОЛАГИИ МИРЗОВАТАНИ МИР

*(Шодиву Ҳодӣ. Дар дасти яке рӯзномаву дар дигаре маҷалла ба саҳна мебароянд)*
Шодӣ: *(Чашмашро аз рӯзнома наканда)* Бечора...
Ҳодӣ: Чӣ? Кӣ бечора?
Шодӣ: Мирзоватан...
Ҳодӣ: Мирзоватан? Чӣ хел бечора?
Шодӣ: Рафт...
Ҳодӣ: *(Ҳайрон)*. Куҷо рафт? Дина дар Вазорат салом кардем, аҳволпурсӣ кардем. Ҳе, аз ҳамин шӯхиҳои хунукат намондӣ-да.
Шодӣ: Панҷоҳ рафт!
Ҳодӣ: О, хай гӯй, ки Мирзоватани Мир панҷоҳсола шуд! Ба синни муборакӣ панҷоҳ расид!
Шодӣ: Ман чӣ гуфтам?
Ҳодӣ: Р-а-ф-ф-т-т гуфтӣ, талхакаф шудам. Гумон кардам, ки.., «насавсем»...
Шодӣ: Ҳа, сардори Управления шуданий?
Ҳодӣ: Ма? *(табассум мекунад)*.
Шодӣ: Ма, ма – наку! То динара ман-манӣ мекардиву бо имрӯз, ма-ма?
Ҳодӣ: Аку, и вобаста ба шамол-да, ака. Аз кадом тарафе, ки вазад, ҳамон су ҷавлон кардан мегирӣ, тағa!
Шодӣ: Ҳаққо ки рост гуфтӣ! Ҳозир ҷавлони Мирзоватанай! Нав ҷоша ёфт, сағира!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳодӣ: Сағира нагу, бо набардоранут!
Шодӣ: Кӣ-ӣ?
Ҳодӣ: Ҳар тағае дора, ки...
Шодӣ: Хок дора! Тағаш – ҳунаршай. Артистай, навозандаҳай, бастакорай, ҳофизай, ба гуфти устод Шамсӣ Қиёмов – реҷиссёрай. Ту ҳам ки ҳамиқа ҳунар дошта бошӣ, бачам, бе ягон шамол, сардори Управлени мешай.
Ҳодӣ: Не, ҳозир аз кадом тарафе шамол боша, шамоли Мирзоватанай.
Шодӣ: Раҳматии ака Одина, ҷош ҷаннат боша, Мирзоватана – Мирзобақо мегуфт!
Ҳодӣ: Медонистай-да! Раҳматӣ ягон туйда бе Мирзоватан намерафт. Лубой туйда, Мирзоватан успет мекард!
Шодӣ: Ҳозир чӣ?
Ҳодӣ: Ҳичӣ.
Шодӣ: Ҳичӣ?
Ҳодӣ: Ягон оши наҳор бе Мирзоватан намегузара!
Шодӣ: Маҷбур мебарануш. Хай.., ду-се бор наметонум, ба Худо наметонум – мегаву бо арвоҳи акаи Одина малул нашава гуфта – хай, мерава, секин-секин.
Ҳодӣ: Ҷош ҷаннат боша...
Шодӣ: Кира?
Ҳодӣ: Раҳматии акаи Одинара мегум! Мирзоватана пур дӯст медошт...
Шодӣ: Дар як туй, бозӣ сар нашуда, Мирзобақо сағали гушта мегаза, ки дар у гушт замбур будай. Замбур лави Мирзобақора мегазад. Базм сар мешава. раҳматии акаи Одина Мирзобақора мега, ки: «ту, бачам ба ин лави кашолут ҳофизӣ карда наметонӣ, мандалина бузан. Нахонӣ-а, зинҳор нахонӣ, ки мардум механдан!
Мирзобақо: – Устод! Доля-ма, пур мегирум охӣ?
Акаи Одина: – Не, садқа, нахонӣ – камтар мегирӣ!
Ҳодӣ: Мирзоватан Мирович чӣ мега?
Шодӣ: Ҳичи намега. Мандалинара мепартояву дойрара мегираву: Дирӯз баъди борон тиру камон баромад – гуфта, бачунон дод мега, ки дар туйхона ҳеҷ кас намемона!
Ҳодӣ: Зурай, Мирзоватан Мирович, зурай! Да Вазорат ай ҳама баланд...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шодӣ: Чӣ-й..?

Ҳодӣ: Шиштагияй! Оли мебинӣ, ҳамин Мирзобақо ягон рӯз мефуроя.

Шодӣ: Куҷо мефуроя?

Ҳодӣ: Як ошёна поён!

Шодӣ: Да у ошёна бачам, танки ҳафтоду Бобохон Алиевич Маҳмадов шиштагияй! Мирзобақо, Мирзобулдозер шава, ки ҷумбондаш наметона! Фаҳмидӣ?

Ҳодӣ: Ҳова! Фаҳмидум, ки хапум!

## БА 60-СОЛАГИИ ЗАФАР НОЗИМОВ

Шодӣ: Об-бо-о..! Об-бо-е..!

Ҳодӣ: Ҳо, чӣ об-бо-бо-бо дорӣ?

Шодӣ: Тоҷики нав шидӣ, муборак шава.

Ҳодӣ: *(Бо киноя)* Қулуғ. *(Худ ба худ)* Тоба. Ба пеш! Ба ёди ғалабаи коммунизм, – гуфтему...

Шодӣ: Ай, калоно, демотратия ғалаба кард. Тоҷики нав шидӣ. Буху бугард.

Ҳодӣ: Тоҷики нав?

Шодӣ: Ҳов! Буху бугард, балам.

Ҳодӣ: Ту чӣ?

Шодӣ: Мн? Мн на навима мефаҳмум на куҳнагима. Ту буху бугард!

Ҳодӣ: *(Бо киноя)* Буху бугард, буху бугард..! Бошад хӯрам, набошад чӣ хӯрам?

Шодӣ: *(Маънидорона ба Ҳодӣ нигоҳ мекунад)*

Ҳодӣ: Чӣ мепесонӣ? Ҳамон куҳнагиамон хуб буд-е! Одам ба одам зинда буд!

Шодӣ: Ана балам, демократия мега, ки ту медониву дави аспут! Ба умеди ҳар одам нашӣ! Қамчин кун!

Ҳодӣ: Исто, одаме ки на қамчин дораву на асп, демократия чӣ мега?

Шодӣ: Демократия мега, ки: ялава бест, балам!

Ҳодӣ: Эҳ-е, бо мо имрӯз хонаи ту қамчин карданӣ будем. Ялава бестем?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шодӣ: Ҳов. Мо имрӯз барои пазироии шумо ҷаноби тоҷики ним-нави ним-кӯҳна омода нестем, балам.

Ҳодӣ: Демократия?

Шодӣ: Ҳов, балам.

Ҳодӣ: Ҳов..! Ту пеш ин хел набудӣ-ку балам? Чо кадӣ?

Шодӣ: Тоҷики нав, ба ҳар хел саволи кухна ҷавоб наметия, балам.

Ҳодӣ: Не! Сад бори дигар не! Ба пеш! Ба сӯи ғалабаи камунизм хуб буд! Пиёлаи чой бе меҳмон аз гулуи одам намегузашт!

Шодӣ: Воҳима наку! Ҳозирам оши наҳор, бе мну пеш ай мн мерай-ку?

Ҳодӣ: Мерафтам! *(таваққуф)* Э тоҷики нав, гап байни худамону ту намедонӣ имруз дар кучо оши наҳор бошад?

Шодӣ: Медонум.

Ҳодӣ: Дар куҷо? Пиёда рафта мешавад?

Шодӣ: Дар хонаи устод Зафар. Оши шомай.

Ҳодӣ: Бо зан мегира?

Шодӣ: Ҷашни зодруз дора, устод.

Ҳодӣ: Ин хел боша, пиёда рафта ҳатман устода табрик кардан даркор! Чӣ гуфтӣ?

Шодӣ: Мн даъватнома дорум.

Ҳодӣ: Чӣ-ӣ. Ту киӣ, ки устод ба ту даъватнома додаст?

Шодӣ: Мн? Мн.

Ҳодӣ: Ии, зодрузи акаи Зафар фақат барои мн-мноҳай?

Шодӣ: Чум...

Ҳодӣ: Чум-чум накун. Устод Зафар Нозим фарзанди баруманди диёри тоҷик аст! Ҳар шаҳрванду қишлоқванди тоҷик новобаста аз миллату шахсияту ҷои зист, ҳуқуқи дар оши наҳораш...

Шодӣ: Шом.

Ҳодӣ: Хайр, ана шом, иштирок кардан дорад. Фаҳмидӣ?

Шодӣ: Фаҳмидум. Мн даъватнома дорум!

Ҳодӣ: Хайр фаҳмидам, ки ту даъватнома дорӣ! Чӣ ман гунаҳкор, ки устод мана аз ёдашон баровexamples? Ҳеҷ гап не! Бузургон гоҳ-гоҳ хато мекунанд. Бахшидан мумкин. Ба гуфти устод...

Шодӣ: Ҳар кас медунаву дави аспуш! *(Рафтанӣ мешавад).*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳодӣ: Эй сорбон! Оҳиста рон! Тундӣ макун бо пиёдагон! Ман ҳам меравам!

Шодӣ: Не, ита намешава.

Ҳодӣ: Чува намешава?

Шодӣ: Ита намешава, ки мн пешакӣ брам оша хурдан бигируму ту...

Ҳодӣ: Мешавад! Баъд ман омада аз пеши дарвоза туя дида. Э тоҷики нав! Ту дар куҷо мегардӣ? Репетитсия сар шуд, ҳама туя интизор! Мешавад?

Шодӣ: Мешавад!

Ҳодӣ: *(Хурсанд)* баъд ту чи мегуӣ, тоҷики нав?

Шодӣ: Мн мегум, ки ту бра мн ҳозир миём. *(Меравад)*

Ҳодӣ: Чӣ? Чӣ гуфтӣ, балам..?

## БА 70-СОЛАГИИ ТОҲИР СОБИРОВ

Тоҳир Собиров. Аз ному насабаш баръало маълум, ки тоҷики сифатан тоза аст.

«Дохунда» буд, Мосфилм барояш роҳ кушод. Аз ривоятҳо ҳис карда мешавад, ки писари гапдаро буд. Вақти зангирии писар расид. Соли 1957, худаш иқрор шуд, ки: «Ман бо духтаре вохӯрдам». Асрораш кашф шуду баҳораш нотакрор гул кард.

«Фидоиён» дуо карданд: Хонаат обод бошад, Тоҳир Мухторович!

Арӯс, «зане аз диёри дур буд», шоҳсанам ном доштү Тоҳири ғарибро хеле дӯст медошт. Бародарони туркман бо ҳасрат ошиқонро «Шоҳсанам ва Ғариб» мегуфтанд.

Падари Шоҳсанам мумсику судхӯр буд. Ҳар боре ки домодаш Ғариб Собировро медид: қалинг талаб мекард. Шояд аз ҳамин хотир бошад, хусурашро он қадар дӯст намедошт.

Дар бахти домод, марги муфоҷо падари Шоҳсанамро аз пой афтонд ва аз Дорулфано ба Дорулбаҷо реҳлат кард, раҳматӣ...

«Марги судхӯр» Тоҳири ғарибро хеле ва хеле хурсанд кард. Дар қатори беҳтарин домодҳои дунё, шарофатманд гардонид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Солҳо сипарӣ шуданд. «Шоҳсанам ва Ғариб»-и мо чун «аспҳо дар зери мо», «хобҳои баҳорӣ» медиданд...

«Майдони парвоз»-и Тоҳири ғариб, чун «Тӯфон дар водӣ» васеъ шудан гирифт. Хешу ақрабои Шоҳсанам дар Ашқободу Насриддин дар Хуҷанд, гаҳе ашк мерехтанд, гаҳе шамшер мекашиданд, ки язнаашон Тоҳири ғариб, боз бо духтаре вонахӯрад..!

Вале Тоҳир Мухторович, соли 1967 «Хиёнат кард»: «Ҳеҷбудагон ҳар чиз мешаванд»-у ман Тоҳир Собиров-ку? Бо як зан чӣ хел тоқат кунам? – гуфт. Малаки даргузар омин кард!

«Вохӯрӣ дар бораи марг» рух доду дере нагузашта, «Боз як шаби Шаҳрзод» дилдодаҳоро ба оғӯш гирифт.

Қаҳрамони мо дар фазои бахти хеш меболид...

«Афсонаҳои нави Шаҳрзод» дили Тоҳири ошиқро ба зиндагӣ боз гармтар мекарданд.

Солҳо чун рӯди равон, бебозгашт мегузаштанду мерафтанд, фаъолияти шабонарӯзии Тоҳир Мухторович, домоди арӯси нав, дар ҷӯшухурӯш, аз чизе нороҳат набуд. Майдони парвозаш боз васеътар гашт!

Аммо амри тақдир, пурсиш надорад ва амраш барои мо бандагон воҷиб аст. Кӣ гумон дошт, ки омада-омада, дар «Шаби охирини Шаҳрзод», домоди навро танҳо шавқу ҳавасаш ғалаб мекунаду амалаш... на? Кӣ?

Аз ин фоҷиаи мудҳиш, Душанбеву Бухоро, Москаву Ашқобод музтару ҳайрон монданд...

Ин фоҷиаи нохуш, арабҳои Суриёро низ, бетараф нагузошт. Ба ёрӣ шитофтанд. Ҳаёҳот...

На дулору мумиёи Суриё, на календари худӣ, аз рӯшанӣ дар он «нимашаб», дарак надоданд..!

Баногоҳ, аз ғайб мавлоно Камоли Хуҷандӣ садо баланд кард:

Ноумед нашав, Тоҳир! Арвоҳи бандаву эрониёни ҳамзабон мададгорат мешавем! Ҳар қадар ки метавонӣ, ошиқ шаву зан бигир!

Ҳафтод соли дигар пайроҳаи қисматат, дурахшон аст! Барори кору Худо ёрат!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БАРОИ УСТОД
## МЕҲМОН БАХТӢ

Шодӣ: Меҳмон Бахтӣ.
Амон: Муҳаббатов, аз Шул!
Шодӣ: Миллаташ...
Амон: Тоҷики тоза, аз Шул!
Шодӣ: Маълумоташ, мийнаи пурраву..,
Амон: Олии пур!
Шодӣ: Сардори синф!
Амон: Шоир!
Шодӣ: Драматург,
Амон: Нависанда!
Шодӣ: Ҳамагӣ як зан дораду...,
Амон: Се бача!
Шодӣ: Ҷойи истиқоматаш...,
Амон: Болои ҳазору як майда чуйдаву...
Шодӣ: Поёни қозиёт!
Амон: Аз ҳама баланд!
Шодӣ: Шулу Қазноқа дидан мумкин.
Амон: Шуғлаш...,
Шодӣ: Шабу рӯз навиштан!
Амон: Ғизои дӯстдоштааш...,
Шодӣ: Оши наҳор!
Амон: Фалсафааш...,
Шодӣ: Рӯшанӣ аз торикӣ рӯшантар аст!
Амон: Ибораи дӯстдоштааш...
Шодӣ: Ишлабчиқориш!
Амон: Аз чӣ роҳат мекунад?
Шодӣ: Аз китоби наваш.
Амон: Аз чӣ нороҳат мешавад?
Шодӣ: Сари вақт гонорар нагирад.
Амон: Чӣ гуна занро дӯст намедорад?
Шодӣ: Занеро, ки надида бошад!
Амон: Чӣ гуна мардро дӯст намедорад?
Шодӣ: Мардеро, ки ба қадри зан намерасад.
Амон: Кадом фурсатро аз даст дод?
Шодӣ: Фурсати депутатиро.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Амон: Аз чӣ афсӯс мехӯрад?
Шодӣ: Аз ҳамон фурсате, ки аз даст дод!
Амон: Аз чӣ қимоб аст?
Шодӣ: Аз капуст.
Амон: Чӣ орзу дорад?
Шодӣ: Ошёнаи беошиёна!
Амон: Чанд сол дорад?
Шодӣ: Олӣ, бузбалақай..!
Амон: Маъшуқа дорад?
Шодӣ: Неправилно набран номер,
Неправилно набран номер.

*13 апрели 2003*

## ИТАРИ БАДАМ НЕ-ДА!

### 1

Сардор: Аку, итари бадам не-да! *(Таваққуф)* Сержанти калон Қодиров!

Қодиров: *(Аз ҷой хеста)* Ман! Рафиқ сардор.

Сардор: *(Дуру дароз ба ӯ назар карда)* Аку итари бадам не-да! Дуздора қапиде?

Қодиров: Не, рафиқ сардор.

Сардор: Аку итари бадам не-да! Чува нақапиде?

Қодиров: Аз қафо хеле сур кардем. Яке мошина гум кардем, рафиқ сардор.

Сардор: Ай? Мошина гум карде?

Қодиров: Бале, рафиқ сардор!

Сардор: Аку итари бадам не-да! Чува гум карде?

Қодиров: Мошини онҳо ҶИП буд, рафиқ сардор! То мо заводит кардем, ки... онҳо шаҳра миёнабур карданд, рафиқ сардор!

Сардор: Аку итари бадам не-да! Ҷипа қапиде?

Қодиров: Қапидем, рафиқ сардор. Заводит кардему ҷипа қапидем! Лекин вай ҷипа неву... Рангаш ҳамон ҷипу... ҷипи Алмоскомандир будааст, рафиқ сардор.

Сардор: *(Аз ҷой хеста)* Аку итари бадам не-да! Кур буде?

Қодиров: Кур, кур, рафиқ сардор! Лекин зуд бино шудем! Ха-



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

тогимона фаҳмидем. Даруну беруни мошина тоза кардему ҷавоб додем, рафиқ сардор!

Сардор: Ҷавоб доден?

Қодиров: Гусел кардем, рафиқ сардор!

Сардор: Соз карде! Дуздора чӣ? Дуздора қапиде?

Қодиров: Қариб меқапидем, ки матор аз кор баромад. Поплавит кард, рафиқ сардор.

Сардор: Аку итари бадам не-да!

Қодиров: Баъд, гаштему кампира қапидем, рафиқ сардор.

Сардор: Кира?

Қодиров: Кампира!

Сардор: Ҷип дошт?

Қодиров: Никак нет, рафиқ сардор.

Сардор: Аку итари бадам не-да! Охи дар мошин ратсия будку?

Қодиров: Нашуд, рафиқ сардор, батарейка вайрон буд чӣ бало! Рақам мегирем, бозори Шоҳмансур ҷавоб медиҳад! Баъд гаштему кампира қапидем.

Сардор: Ҷип рафт?

Қодиров: Рафт, рафиқ сардор.

Сардор: Аку итари бадам не-да! Ношургит, сержанти калон, нахо дузд ай таги бинит бугрезаву... нақапиш?!

Қодиров: Меқапидему мошин подводит кард, рафиқ сардор.

Сардор: Аку итари бадам не-да!

Қодиров: Дасти холӣ наомадем-ку, рафиқ сардор? Кампира қапидем!

Сардор: Худо бигира аввал тура, баъд кампира! У чӣ хел кампирай?

Қодиров: Дар таги ҳайкали Шайхурраис Ибни Сино семишка мефурухт, рафиқ сардор!

Сардор: *(Аз ҷой хеста)* Чӣ? Да тай ҳайкали Сино? Семучка мефурухт? Ку биёреш бевара!

Қодиров: Итоат! Рафиқ сардор! *(Меравад)*

Сардор: *(Худ ба худ)* Аку итари бадам не-да..!

Кампир: *(Аз паси парда мебарояд)* И чӣ рӯзи сиёҳай? Ду буқа, чор истаканма бе пул гирифт! Налоговиш иштарафум кард! И млесаш халтай семишкама гирифту млесахонам овард! *(Ба сардор)* Иш бо чима мегруфта боша?..



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сардор: Аку итари бадам не-да, амма! Дам! Иҷа мо гап мезанем!

Кампир: Хай ина, мо дам! Шумо гап зане!

Сардор: Аку итари бадам не-да, амма! У ҳайкал, куҳнаҳай! Яке шамол шававу китобуш ай дастуш буғалта, бгу, ки да сари кӣ мезана? Бгу? Дар сари ма ё дар фарқи сари ту, амма? Ҳами мардаки млеса соз кардай ё носоз? Охи мембурӣ, брай да пеши Фирдавсӣ фурушӣ? Фирдавсӣ навай, оҳанияй. Ба гуфти худуш, ура на бод мегира, на борон! Фаҳмидӣ?

Кампир: Ҳовва!

Сардор: Ҳовва ки боша! Аку итари бадам не-да! У чита, қатит бар! Семушката!

Кампир: Ма брам?

Сардор: Бра! У Чита қатит бар!

Кампир: Чима?

Сардор: Семушката!

## 2

Кампир: И чӣ балоҳай? И чӣ рӯзи сиёҳай? Ду буқаш се истакон семишкама бепул грфт! Налоговиш иштарофум кард! У млесаш тай Фирдавсӣ ройм кард. Пештар мерам, Фирдавсӣ нестай! Да ҷош Исмоили Сомонӣ чумбоқай.

Сардор: *(Бо сержант медароянд)* Ку бест, мн ҳами аммама да гиҷое дидагиюм.

Сержант: Рост, рафиқ сардор, холам шинос метова.

Сардор: Амма ситорат гарм метоваву...

Кампир: Ай шумо ҳам уқа хунуки бад нест..!

Сержант: Рафиқ сардор! И холам да тай Сино буд, қапида милисахона бурдем-ку.

Кампир: Дига думби холатона ҳуй накунен, аку. Буқапенуш бестен. Яке генералтон метан...

Сержант: Мара?

Сардор: Ё мна?

Кампир: Мн-мн наку! Ту мара тай Фирдавсӣ роӣ кардӣ?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сардор: Охи у ҳайкал куҳна буд, амма, як шамол мешиду китобуш...

Кампир: Иша чува бардоштен?

Сержант: Кира хола?

Кампир: Фирдавсира?

Сардор: Зиқ наша, амма. Фирдавсӣ нав ҷоша ёфт!

Сержант: Боғи Дӯстии халқ-о! Во!

Кампир: Ҳамурам ни рӯз надодену...

Сардор: Аку итари бадам не-да, амма!

Сержант: Хола! У майдон, дуди мошин дора!

Сардор: У боғи дӯстии халқҳо булбул дора! Ай дуди мошинда овози булбул хуб нест?

Кампир: Не!

Сардор: Не-не, наку амма! Ҳукумат худуш медона!

Сержант: Кира да гиҷо бумона!

Кампир: Охи Фирдавсӣ баракат дошт, савдом нағз буд! Ҳар руз, як халта семушка мефурухтум! Чува бардоштенуш..? *(Гиря мекунад)*

Сардор: Ура мо не, арвоҳи Исмоили Сомонӣ бардошт, амма!

Сержант: Пур менавишт, раҳматӣ!

Сардор: Аку итари бадам не-да! Касе пур менависа, оқибатуш ҳамияй, амма! Тайи Рудакида чӣ хелӣ? Тоқат карда метонӣ?

Сержант: Ҳов бугу хола! Рудакии худмон хубай! Як тайёқи дарозе дора, ки на буқа наздик мешава на налогови.

Сардор: Ҳов! Бафурҷа корта кардан мегирӣ!

Кампир: Охи мада Фирдавсӣ маъқул буд!

Сержант: Э-э, «мала что» туда Фирдавсӣ маъқул буд. «Тоже мне»!

Сардор: Аммама хафа наку. Баумед млесахона омадай. Хафа наку, аммама! Фирдавсӣ, ки маъқулуш боша, бурава тайи Фирдавсӣ.

Сержант: Э, хола! Ай дасти ӯ на шоҳ монд на вазир!

Кампир: Арзабоз буд?..

Сардор: Ҳов, амма!

Кампир: Итари боша, намерам. Бо да Хорпуштак набурорам? Мерам, тайи Рӯдакӣ.

Сержант: Бура, бура хола, Рӯдакӣ хубай, ай худмонай. Зурай!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сардор: Бо ӯ дар борай мардӣ навиштагияй, шодравони раҳматӣ.

Кампир: Мурдум аку..! Тооба..!

Сардор: Итари бадам не-да, амма. Гапа усу кашола наку...

Сержант: *(Якбора)* Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.

Сардор: Ина, итарӣ навиштагияй, раҳматии шодравон. Мерай, амма?

Кампир: Баракат дора?

Сардор: Аку иш, ай ҳаракати худут вобастаҳай, амма. Мерай!

Кампир: Яке браму надошта боша...

Сержант: *(Дод зада)* Қавро мерай?! Иҷа мерай, не! Уҷа мерай, не!

Сардор: Дод нагу холама хафа наку! Баумед млесахона омадай! Бра, бра, сержанти лумб.

Сержант: Ма ура бардошта наметонум, рафиқ майёр.

Сардор: Кира?

Сержант: Фирдавсира.

Сардор: Коғази протокола бардошта метонӣ?

Сержант: Ҳовва, рафиқ майёр!

Сардор: Дела мекунем, аммама. И аммам, млесхонара хиёли театри оина кардай. «Предупреитилни вистрела» намефаҳмидай.

Кампир: Чӣ мегуй?

Сардор: Турма! Турма мегум, амма! Уна у бева воре, шаш сол ки шиштӣ, баъд мефаҳмӣ, ки Рӯдакӣ кӣ буду Фирдавсӣ кӣ буд. Аку итари бадам не-да...

Кампир: Охи у бева кукнор коридай, бачаме ма чӣ?

Сержант: Ӯ да лави пайкалуш коридай! Ту шаҳра ҷазир кардӣ! Да автобус семушка, да тралебус семушка! И гуноҳ нестай? Протокола биёрум, рафиқ сардор?

Сардор: Биёр! Биёр, бачам. И аммам шишта наметонистай! Аммама ёрдам кардан даркор.

Кампир: Мерам, мерам бачам.

Сардор: Куҷо мерай?

Кампир: Тайи Рӯдакӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сардор: Учҷа баракат надора, амма! *(Кампир мегурезад)* Аку итари бадам не-да, амма!

Сержант: Мо шӯхӣ кардем, хола!

Кампир: *(Баргашта)* Шумо ки шӯхӣ карда метонен?

Сардор: Гула бтеш! *(Сержант гула медиҳад)*

Кампир: Раҳмат.

Сардор: Бра аку мошина биёр.

Кампир: Нагуфтум, шумо шӯхӣ карда наметонен. Бигирен гултона.

Сардор: Оли бест, амма! *(Ба сержант)* Бра мошина биёру аммама то хонаша бар!

Кампир: Не, не. Ма худум мерам. *(Меравад)*.

Сержант: Холаҷон!

Сардор: Дод нагу! Ура дига бақап карда наметонӣ.

Сержант: Холам шӯхира намефаҳмидай.

Сардор: То мо қавоқамона ҳуй накунем и мардум..., мора намефаҳманд.

Сержант: Кучҷои ҳами шӯхии мо хунукӣ дошт, рафиқ сардор?

Сардор: Агар бо камакаки дигар шӯхӣ мекардем, аммам ях мебаст!

Сержант: Аку итари бадам не-да, рафиқ сардор..!

## 3

Шодӣ: Биёен, биёен маълима.

Тоҷӣ: *(Либосҳои муди замонавӣ пӯшидагӣ дар чашмаш айнаки сиёҳ)* Майдони Исмоили Сомонӣ ҳамияй?

Шодӣ: Ҳамияй, ҳамияй маълима. Дӯстӣ ном дора!

Тоҷӣ: Қандшона бузанан-е! Да солой карахтӣ итари ҳайкала бист сол месохтем.

Шодӣ: Мо се моҳда бардоштемуш, маълима! Мустақилӣ ина ҳамияй, маълима. Оли роҳой оҳану купрукамона бинӣ, ҳшут мерава!

Тоҷӣ: У тоҷша бине, уқа лумбай-е!

Шодӣ: У тоҷи шоҳ Исмоил нест, маълима. Тоҷи шоҳ да саршай!

Тоҷӣ: Уш, тоҷи кияй?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шодӣ: Тоҷӣ ҳамамонай! Тоҷи тоҷикой мустақил! Да зимистон Помира, да шаби ховут медидӣ, маълима! Ҳозир раҳ ҳуй! Мошинакӣ мерай, харакӣ мерай, марҳамат.

Тоҷӣ: Қандтона бузанен, у тоҷа чӣ хел уҷа бардоштен?

Шодӣ: И раиси шаҳри мо, маълима, даркор шава, Исмоили Сомонира қати шербачаҳош мебурора! Тоҷ пастай?

Тоҷӣ: Хока пастай? Тоқии одам меғалтаву...

Шодӣ: Ана мо ҳар бегаҳ, мошин-мошин, телпаку тоқӣ ҷамъ мекунем. Худут ай Ҷиргатол омадӣ, ки и майдона нав мебинӣ?

Тоҷӣ: Ай Дубай!

Шодӣ: Воҳ! Ай Дубай? Ай Дубай ҳами тоҷи мора, дида намешава?

Тоҷӣ: Мешававу ма ису нигоҳ накадум. Суратгиртон ку?

Шодӣ: Ҳозир, ҳозир, маълума. Американсора ки гирифт, навбати худут мешава. Чӣ хелӣ мегирӣ? Ай миён то боло, ё ай боло то калапо?

Тоҷӣ: Ай калапо то боло!

Шодӣ: Гиҷошда мегирӣ? Ай пеш, ай бар ё ай қафо?

Тоҷӣ: Ай пеш. Ҳамита бигирен, ки тоҷ сарумда биёя.

Шодӣ: Мегирем, ҳамита мегирем, ки тоҷи лумб дар сартону у таёқча дар дастон биёя!

Ҳодӣ: *(Апарати суратгирӣ дар даст медарояд)* Пардон мадам! Гутмонинг!

Шодӣ: Гутбай! Маълима тоҷики худмонай! Ай Дубай! Омадай!

Ҳодӣ: Мебахшед, хонум. Дуруд шуморо. Дубай тинҷай охӣ?

Тоҷӣ: Саг соҳибша намиёва! Некӣ, тинҷай.

Ҳодӣ: Ҳамшаҳриҳо бачаҳой худмон бисёран?

Тоҷӣ: Пур! Номуш Дубайяйу шаҳрвандош тоҷикой тоҷдори тоқидор. Ҷипсаворӣ доран..! Суратма мегирен ё намегирен?

Ҳодӣ: Мегирем, мегирем, хонум. Чӣ хел гирем?

Шодӣ: Ай миёнуш то калапову ай кало по то боло! Ҳами хел бигӣ, ки тоҷ дар сари маълима ҷилвагар боша! Мутаваҷеҳ шудӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳодӣ: Ҳовва! Айнактона бигирену рӯ ба рӯй шоҳ Исмоил бестен, хонум. *(Тоҷӣ айнакашро мегирад. Ҳодӣ Шодиро ба гӯшае бурда)* И ҳаму бевай семушкафуруш нестай?

Шодӣ: Аку итари бадам не-да..! Чӣ хелӣ семушкафуруш? Ай Дубай омадай! Бензинсменкаҳай!

Ҳодӣ: Инсон набошум, ҳаму беваҳай!

Шодӣ: Дам! *(Ба Тоҷӣ)* Маълима, ситорат ҳай гарм метова...

Тоҷӣ: Ай шумо ҳам уқа хунуки бад нест.

Ҳодӣ: Да Дубай чӣ кор мекунен, хонум?

Тоҷӣ: Бизнес. Шумо чува ай милиса рафтен?

Ҳодӣ: Ситораҳомон камӣ кард, хонум.

Шодӣ: Ситораҳомон не! Атистатсия маъқулмон нашид!

Ҳодӣ: Рафтем, худмон...

Шодӣ: Налево! – гуфтан, и направо – гашт!

Ҳодӣ: Ту чӣ? Пистолети Макаруфа чапа қапидиву бо мана гунаҳгор мекунӣ?

Шодӣ: Чӣ? О ту старши летинанта, рафиқ полковник гуфтӣ-ку?

Тоҷӣ: Э-э, аку итари бадам не-да..! Хиёли маки шумо суратгири ҳақиқиен-е..! *(Меравад)*

Ҳодӣ: Хонум..!

Шодӣ: Маълима!

Ҳодӣ: Маълима! «Телех» даркор нестай?

Шодӣ: Хай телехмон биги-ӣ..!

*(Аз паси Тоҷӣ давида мераванд)*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# МУНДАРИҶА


Меҳмон ....................................................................................3

Демократия ...............................................................................7

Душман ....................................................................................10

Пиёлаи ёдгорӣ ........................................................................12

Ҳақорати қабеҳ .......................................................................15

Бӯрёкӯбон ...............................................................................17

Зиёфат .....................................................................................20

Дӯстон .....................................................................................22

Путевка ...................................................................................24

Илоҷи беилоҷӣ .......................................................................27

Митинг .....................................................................................29

Ана, бигирен аку ....................................................................31

Хонумҳои ношукр ..................................................................34

Ту чӣ кор кардӣ, ақлак ...........................................................37

Хоб ...........................................................................................40

Дадеш ......................................................................................41

Зеби хона дигар мешуд ..........................................................43

Баъд аз пахта ..........................................................................45

Нола кун-е, нола кун-е ...........................................................47

Замин нав соҳибша ёфт .........................................................49

Заминларза .............................................................................51

Даҳани воз ..............................................................................53




*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ғамхорӣ ........................................................................55
Итоат, рафиқ командир! ...................................................57
Тону дар намон..................................................................59
«Мард бояд ки ҳаросон нашавад»......................................61
Взвод, ба пеш! ....................................................................64
Маслиҳати муфт.................................................................66
Духтарзой ..........................................................................68
Заб ҷо овардед ...................................................................70
Ба ҷашни Иттифоқи ходимони театрӣ (ИХТ) .................72
Дар ҷашни зодрӯзи устод Аюбӣ.......................................74
Табрикнома (барои шаби эҷодии Ҷӯрабеки Мурод)..................77
Ба 50-солагии Мирзоватани Мир ......................................79
Ба 60-солагии Зафар Нозим...............................................81
Ба 70-солагии устод Тоҳир Собиров..................................83
Барои устод Меҳмон Бахтӣ ...............................................85
Итари бадам не-да..............................................................86



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Шодӣ Солеҳ**

**АКУ ИТАРИ БАДАМ НЕ-ДА!..**
(Саҳначаҳои ҳаҷвӣ)

Муҳаррири ороиш: *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ: *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 12.10.2010 супурда шуд. Чопаш 19.10.2010 ба имзо расид. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 6,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи ншриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.

Дар матбааи ҶДММ «ЁЛ» ба табъ расидааст.
ш.Душанбе, кӯчаи А.Деҳотӣ 9/1.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*